ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: *323:07 (576.3) + 66.3 (06)+76.12 (2Т)*

**СУЛТОНОВ МУҲАМАДАТО ИСОЕВИЧ**

# «САДОИ МАРДУМ» – ҲАМЧУН НАШРИЯИ ПАРЛАМЕНТӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

**Роҳбари илмӣ**:
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Муродӣ Мурод Бердӣ

ДУШАНБЕ – 2025

## МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................ **3-13**

**БОБИ I. ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НАШРИЯИ «САДОИ МАРДУМ»**........................................ **14-41**

1.1. Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчуни омили таъсиси нашрия ........................................................................ **14-30**

2.2. Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» (пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон) ...................... **30-41**

**БОБИ II. ВИЖАГИҲОИ ШАКЛИЮ МУНДАРИҶАВИИ НАШРИЯ** ........................................................................ **42-85**

2.1. Вижагиҳои ороиш ва дизайни нашрия........... ........................... **42-59**

2.2. Таснифоти мавзуии маводди нашрия ......................................... **60-85**

**БОБИ III. ТАНОСУБИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ»**........................................ **86-152**

3.1. Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби жанрҳои хабарӣ ........................................................................ **86-104**

3.2. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ........................................................................ **104-127**

3.3. Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк.......... **127-151**

**ХУЛОСА** ........................................................................ **152-157**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ** ........................................................ **158-159**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**........................................................ **160-177**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Тағйирот ва дигаргуниҳои азими вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва низоми давлатдорӣ, ки дар нимаи дувуми солҳои ҳаштодум ва ибтидои солҳои навадуми садаи бист баъд аз бозсозии горбачёвӣ дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ ба амал омад, то ҷойе ба раванди шаклгирии озодии баён, гуногунандешии иттилоотӣ, шинохт ва эҳтироми ҳуқуқи инсон, инсонпарвар сохтани ҷомеа, бисёрҳизбӣ, мустақилияти нисбии идоракунӣ дар ҷумҳуриҳои шуравӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон то ҷойе мусоидат кард. Ба ин тартиб, «дар натиҷаи ислоҳот дар тамоми соҳаҳои ҷомеа тағйироти ҷиддӣ ва назаррас ба амал омад ва нахустин нафасҳои ҷомеаи дигаргуншаванда дар васоити иртиботи ҳамагонӣ ва ҳамчунин, воситаҳои ахбори омма эҳсос мешуд. Таъсиси шабномаҳо, пайдо шудани мақолаҳо, гуфторҳо ва барномаҳои интиқодӣ зидди шахсиятҳои «танқидшаванда», давраҳои алоҳидаи таърихӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, беобрӯ кардани мақомотҳои расмӣ, ба вуҷуд омадани матбуоти даврии ғайриошкорои зиддиҳукуматӣ, пош хӯрдани системаи васоити ахбори оммаи ҳизбию давлатӣ, шакл гирифтани матбуоти даврии ошкори аҳзоби мухталифи сиёсӣ далел бар инанд. Ҳамаи ин равандҳо «дер ё зуд дар Тоҷикистон низ амалӣ мешуд ва ҳатто, дар бисёр маврид, ин гӯшаи канорӣ аз бисёр ҷамоҳири шуравӣ бартарӣ дошт» [127, 239-240]. Ин ҷараён барои ба вуҷуд омадан ва ташаккул ёфтани ВАО-и сифатан нав, ки равишҳои гуногуни эҷодӣ ва иттилоотиро дар пай дошт, то ҷойе мусоидат намуд.

Ҳамзамон, бо таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангие, ки дар ҷомеаи шуравӣ ба амал меомад, ба истиқлол расидани Тоҷикистон заминаи воқеии дигаргуниҳоро дар тафаккур, андеша ва оромии мардум ба вуҷуд овард, ки ин ҷараён низ яке аз омилҳои таъсиргузори пайдоиш ва ташаккули матбуоти даврии сифатан нави миллӣ гардид. Зери таъсири вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии баамаломада ҷараёни худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ низ афзоиш ёфт, ки ин омил ба зуҳур ва таҳаввули вазъи иттилоотӣ бетаъсир набуд. Нақши

омилҳои зикршуда дар бавуҷудой ва ташаккули рӯзномаҳои ҳукуматӣ низ чашмрас буд, ки натиҷаи он таъсиси рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» ҳамчун мақомоти Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон «дар сатҳи миллату давлат» [127, 251] мебошад. Ин нашрияи даврӣ дар низоми матбуоти даврии тоҷик аввалин нашрияи парламентӣ маҳсуб меёбад, ки дар тули фаъолияти беш аз сисолаи худ дар фазои иттилоотии кишвар, хусусан, байни аудиторияи ниҳодӣ мавқеъ ва нуфузи шоён пайдо кардааст. Омилҳои пайдоиш, таърихи нашр ва вижагиҳои мундариҷавию жанрии рӯзномаи «Садои мардум», ки тули солҳои муайян шакл ва инкишофу таҳаввул ёфтааст, имкон медиҳад, ки фаъолияти аввалин нашрияи парлумонии ҷумҳурӣ ва хусусиятҳои типологии он ба таври ҷомеъ мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор гирад.

Дар ин равиш аз ҷиҳати амалӣ ва назарӣ мушаххас намудани марҳилаҳои инкишоф, нақш ва ҷойгоҳи нашрияи даврии «Садои мардум» дар солҳои нооромии вазъи кишвар, ҷараёни дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, ташаккули малакаи таҳияи қонунҳо, оммавикунонии қонуну қарорҳо ва асноди расмиву ҳуқуқӣ, ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, шаклгирии афкори нави омма, ҳамдигарфаҳмӣ, қонеъ намудани талаботи маънавии ҷомеа ба иттилооти муҳим ва созанда, аз ҷумла, оид ба мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ, забону адабиёт ва фарҳанги миллӣ низ муҳим буда, ин усули таҳқиқ имкон фароҳам меоварад, ки доир ба тазодҳои давраи гузариш, тарз ва равишҳои ташаккул ва таҳаввули матбуоти даврии сифатан нав дар асоси таҷрибаи ин рӯзнома сухан карда, дар матни воқеиятҳои давраҳои гуногун ба нақш ва ҷойгоҳи ин нашрияи даврии парлумонӣ дар фазои иттилоотии кишвар ҷиҳати таҳкими таҷрибаи қонунгузорӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва амсоли ин баҳо дода шавад. Ҳамаи ин аз таъйиди мубрамии таҳқиқи ин мавзуъ шаҳодат медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Нашрияи «Садои мардум» то имрӯз мавриди таҳқиқ ва арзёбии ҷудогона қарор нагирифта бошад ҳам, дар баъзе мақолаҳо, мусоҳибаҳо ва китобҳои марбут ба масъалаҳои матбуоти даврӣ ва таърихи журналистикаи тоҷик ба таври мухтасар ва умумӣ аз он ҳамчун нахустин рӯзномаи парлумонии ҷумҳурӣ дар таърихи мабуоти даврии тоҷик, замони

нашр ва баъзе равишҳои эҷодии он ба таври фишурда ёд шудааст [143, 31]. Аз ҷумла, И. Усмонов ва Д. Давронов дар китоби «Таърихи журналистикаи тоҷик» (2008) доир ба таърихи нашр, мавзуъ ва масъалаҳое, ки рӯзнома инъикос мекунад, мақом ва ҳадафҳои ғоявию миллии он ҳамчун рӯзномае «дар сатҳи миллату давлат» [127, 251] сухан кардаанд. Ҳамчунин, ин муҳаққиқон доир ба фосила ва теъдоди нашри рӯзнома дар як ҳафта, рубрикаҳо ва жанри маводҳои нашршуда мухтасаран маълумот додаанд, ки нахустин баррасии иттилоотии нашрия мебошад.

Ҳамин гуна маълумоти мухтасар дар бораи нашрияи «Садои мардум» дар китобҳои дарсӣ ва таълимии М. Султонов «Периодическая печать независимого Таджикистана» [118, 26-27], И. Усмонов «Журналистика. Ҷилди 4» [126, 270-271], Ш.Б. Муллоев ва А.А. Раҳимов «Современная таджикская журналистика» [81, 10-12], Қ. Шарифзода «Газета (рӯзнома)» [143, 31-33] ва «Донишномаи матбуоти даврии тоҷик» [45, 330-331] низ омадааст, ки фақат фарогири маълумоти мухтасар дар бораи соли нашр, тобеияти идорӣ ва ҳадафҳои иттилоотии нашрия мебошад.

Дар ин миён дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла, баъзе рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаву мусоҳибаҳое низ ба чоп расидаанд, ки маълумоти аввалияро доир ба ин нашрия дар бар гирифтаанд. Дар ин радиф, метавон аз мақолаҳои У. Мирсаидов «Аввалин рӯзномаи миллат» [78], Т. Неккадам «Садои бахт биёр, аз барои мардуми мо» [98, 17-21], С. Асозода «Рӯзномаи «Садои мардум» ва Истиқлолияти давлатӣ ҳамсоланд» [12], мусоҳибаи Ш. Ҳамдампур «Рӯзномаи «Садои мардум» асосгузори журналистикаи муосири тоҷиканд» [111] ва Д. Раҷабӣ «Хишти аввали «Садои мардум» [134] ва Қ. Шарифзода ёд кард, ки қадами аввал дар шинохт ва арзёбии ҳадафҳои иттилоотии ин нашрия мебошад.

Таҷлил санаи таъсиси рӯзнома низ василаи дигари нашри мақолаҳо дар бораи он мебошад. Дар ин замина, дар рӯзҳои ҷашнгирии 10-солагӣ ва 30-солагии нашрия муборакбодии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов тахти унвони «Ба ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» (27-уми июни соли 2001), мақолаҳои Қ. Шарифзода, А. Достиев, С. Асозода,

мусоҳибаҳои Ш. Ҳамдампур, Ворис ва номаҳои шодбоши намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ нашр намуд, ки низ дар шинохти фаъолияти нашрия дар тули солҳо муҳим мебошад.

Аз ин мурури кӯтоҳ метавон ба ин натиҷа расид, ки то ба имрӯз хусусиятҳои мундариҷавию сохторӣ ва типологии нашрияи парлумонии «Садои мардум» ба таври ҷомеъ таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст. Дар ин таҳқиқ мо кӯшиш намудем, ки бори аввал омилҳои пайдоиш, таърихи нашр, мушаххасоти шакливу ороишӣ, мавзуиву жанрӣ, ҷанбаҳои типологӣ ва касбии ин нашрияи парлумонии кишварро ба таври маҷмуӣ таҳқиқ карда, нақш ва ҷойгоҳи онро дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ муайян намоем.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳое, ки мавриди таҳқиқи рисола қарор гирифтаанд, бо барнома ва мавзуъҳои алоқаманд бо таҳқиқоти илмӣ пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои ба даст омада, дар таҳия ва такмили васоит ва барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд. Мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмиву таҳқиқии кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қарор дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи асосии диссертатсия таҳқиқи «Садои мардум» ба сифати нашрияи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вижагиҳои шакливу ороишӣ ва мундариҷавию жанрӣ аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Бо дарназардошти моҳият ва ҷанбаҳои назариву амалии масъалаи мавриди таҳқиқ, ки бори аввал омӯхта мешавад, ба ҳаллу фасли вазифаҳои мушаххаси зерин саъй карда шудааст:

– муайян намудани омилҳои асосии пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули нашрияи парлумонии «Садои мардум»;

– баррасии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили аслии таъсиргузор дар бавуҷудоии нашрия;

– бо назардошти воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва раванди тағйиротҳо дар фазои иттилоотии кишвар мушаххас намудани марҳилаҳои ташаккул ва рушди нашрияи парлумонӣ;

– арзёбии вижагиҳои сохтори, ороишӣ ва дизайни нашрияи даврии «Садои мардум дар солҳои гуногуни интишор;

– тафкик ва таҳлилу арзёбии вижагиҳои мундариҷавӣ ва мавзуии нашрия;

– таснифи мвзуъҳои маводи дар нашрия чопшуда дар заминаи воқеиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

– таҳлили таносубии жанрҳои публитсистӣ дар шумораҳои гуногуни нашрияи «Садои мардум»;

– дар заминаи таҳлили маводди хабарии дар нашрия бачопрасида, муайян кардани маҳорати рӯзноманигории муаллифон дар инъикос ва шарҳу тавзеҳи воқеиятҳои иҷтимоӣ;

– муайн кардани тарзи инъикос ва баррасии масъалаҳо сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқиву фарҳангӣ дар қолаби жанрҳои таҳлилӣ;

– таҳил ва арзёбии тасвири корнома ва чеҳраи инсониву касбии шахсиятҳои шинохта дар қолаби лавҳаву очеркҳо.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти асосии таҳқиқи диссертатсия нашрияи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Садои мардум» мебошад.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети таҳқиқи диссертатсия омилҳои пайдоиш, ташаккулу таҳаввул ва хусусиятҳои шакливу ороишӣ ва мундариҷавию жанрии касбии нашрия мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосҳои назариявии диссертатсия ба дастовардҳои илмии олимони ватанӣ И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ҷ. Саъдуллоев, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод, Б. Кутбиддинов ва донишмандони хориҷӣ В.М. Горохова, С. М. Гуревич, Е. Прохоров, В. Учёнова, В. Ворошилов, И.Д. Фомичева, А. Тертичний, М. Ким дигарон бунёд ёфтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар омӯзиш ва пажуҳиши омилҳои пайдоиш, таърихи нашр, хусусиятҳои сохториву шаклӣ, дизайну ороиш, мавзуъ ва жанр аз усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ истифода шуд.

Ҳамчунин, барои таҳқиқи маводди публитсистии нашрияи «Садои мардум» аз методҳои таҳлили анъанавӣ, контентӣ ва шарҳу тафсири оморӣ кор гирифта шуд, ки бо раҳнамоии онҳо хусусиятҳои мавзуиву жанрӣ, маводди журналистиву ғайрижурналистӣ, таносуби воқеияту бадеият дар асарҳои публитсистӣ муайян гардид.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаи асосии диссертатсия нашрияи парлумонии «Садои мардум» мебошад. Ҳамчунин, баъзе нашрияҳои дигар ва маводди дар онҳо чопшуда, ки бевосита бо мавзуи мавриди назар алоқа доштанд, низ ба сифати сарчашма истифода шуданд. Илова ба ин, осори гуногуни таҳқиқии донишмандони соҳа, аз ҷумла, корҳои бунёдии соҳаи журналистика аз назар гузаронида шуданд. Осори назарӣ ва амалии донишмандони хориҷӣ ва санадҳои бойгониҳо низ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгониҳои илмии диссертатсия дар нукоти зерин зоҳир шудаанд:

– дар рисола бори нахуст заминаҳо, омилҳои пайдоиш ва зинаҳои ташаккул ва таҳаввули аввалин нашрияи парлумонии ҷумҳурӣ - «Садои мардум» таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст;

– Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ҳамчун омили таъсиргузор ба фазои иттилоотии кишвар ва озодандешиву плюрализм баррасӣ шуда, нақши ин таҳаввулот дар шаклгирии матбуоти даврии озоди парлумонӣ мушаххас гардидааст;

– вижагиҳои сохториву шаклии нашрия, аз ҷумла, ороиш ва дизайн, моҳияти таблиғию зебоишиносии ин унсурҳо ҳаматарфа таҳлил ва баҳогузорӣ шудааст;

– хусусиятҳои мундариҷавии нашрия дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии давр таҳқиқ шуда, дар ҳамин замина, маводди дар солҳои гуногун бачопрасида аз рӯйи мавзуъ тасниф ва дастабандӣ гардидааст;

– мухтассот ва таносуби жанрҳои публитсистӣ дар заминаи воқеиятҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа таҳлил ва арзёбӣ шуда, дараҷаи корбурд ва фарогирии масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар қолаби жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ муайян ва мушаххас карда шудааст;

– дар рисола лавҳаву очеркҳое, ки сарнавишт ва фаъолияти касбии шахсиятҳои алоҳидаро инъикос кардаанд, таҳлил шуда, равиши касбии тасвири корномаи ин афрод баҳогузорӣ гардидааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

- нашрияи парлумонии «Садои мардум» дар таърихи матбуоти даврии тоҷик нашрияи марҳилавӣ буда, дар шаклгирӣ ва ташаккулу таҳаввули матбуоти касбӣ нақши муҳим бозидааст;

- вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои навадум шароитеро ба вуҷуд овард, ки заминагузори равишҳои озодандешӣ, плюрализм ва ниҳоят, таъсиси матбуоти даврии нав дар сатҳи парлумони Тоҷикистон гардид. Дар раванди таъсисёбӣ ва ташаккулу таҳаввули нашрияи парлумонии «Садои мардум» нақши омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инкишофи ҷомеа ва руҳи озодихоҳии аҳли он калон мебошад;

- таъсиси рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» ҳамчун нашрия ҳодисаи муҳим ва таъсиргузор дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ва тараққиёти минбаъдаи матбуоти даврии тоҷик буда, дар инъикос ва таблиғи масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеа нақши асосӣ дорад;

- нашрияи «Садои мардум» дар давраи душвори ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, яъне ба истиқлол даст ёфтани ҷумҳурӣ ва ҷараёни озодихоҳиву таъсиси матбуоти даврии озод ба фаъолият сар карда, дар як давраи барои кишвар тақдирсоз – муқовиматҳои аҳзоби сиёсӣ ва гурӯҳҳои мухолифини ҳукумати

расмӣ барои инъикоси воқеиятҳои муҳим ва ба мардум расондани иттилооти дараҷаи аввал нақшу таъсир гузоштааст;

- воқеиятҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, фарорасии истиқлоли комили ҷумҳурӣ ва таҳаввулоти баъдии ҳаёти кишвар, рушди озодандешӣ, гуногунандешӣ ва дастрасӣ ба иттилооти барои ҷомеа муҳимму тақдирсоз аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ ба баъд равиши асосии касбии фаъолияти нашрияи парлумонии ҷумҳурӣ «Садои мардум»-ро шакл дод, ки дар асоси таҷрибаи ин нашрия махсусияти тарзи амалӣ сохтани усули озодаандешии баёнро ифода менамояд;

- аз ибтидои фаъолияти иттилоотрасонӣ интишори комили иттилооти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, маълумоти мунтазам дар бораи фаъолияти маҷлиси олӣ, ниҳодҳои давлатӣ, ҳодисаҳои интишори иттилооташ мамнуъ ё маҳдуд, мисли наркомания, алкоголизм, танфурӯшӣ, ҷинояткорӣ, ҳамоишу эътирозҳо фаъолияти доимии нашрияро мушаххас сохта, барои ҳаллу фасли масъалаҳои муҳим нигаронида шуда будааст;

- зуҳури тамоюлҳои нави иттилоърасонӣ дар фаъолияти амалии нашрияи «Садои мардум» натиҷаи таъсири ҳодисаҳои сиёсиву иҷтимоие мебошад, ки дар ҳаёти сиёсии кишвар ҷараён дошт ва омили асосии худшиносиву худогоҳии миллӣ ва тасдиқу таъйиди тафаккур ва диди нави рӯзноманигорӣ дар ҷумҳурӣ гардид;

- вижагиҳои тамоюли масъалагузорӣ ва мундариҷавию ғоявии нашрия аз ибтидои фаъолият то ба имрӯз нақши рӯзномаро ҳамчун воситаи таъсиргузор ба ҷараёни азнавсозиҳои ҳаёти ҷомеа бо роҳи ба тарзи айнӣ (объективӣ) инъикос намудани дигаргуниҳои раванди инкишофи ҷумҳурӣ таъйид менамояд;

- усули дизайни нашрия, виросторӣ, танзим ва ороиши саҳифаҳои рӯзнома, ҳуруф ва андозаи он, андозаи нашрия, танзиму ороиши саҳифаҳо, нақши ранги дувум дар нашрия, истифода аз фазои сафед ва монанди инҳо масъалаҳое мебошанд, ки симои инфиродии нашрияи «Садои мардум»-ро дар тули солҳо ташаккул ва таҳаввул бахшидаанд;

- «Садои мардум» аз нахустин шумора ба баъд равиши хос ва ҳадафманди инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро дунбол карда, дар ин замина, чеҳраи хоси инфиродии худро дар матни воқеиятҳои рӯзмарра ба камол расонд, ки таҷрибаи судманд барои манбаъҳои дигари иттилоотрасонии ҷумҳурӣ мебошад;

- таносуб ва рангубори жанрҳои публитсистӣ аз вижагиҳои сохтори мундариҷавӣ ва шаклии нашрия буда, инъикоси муҳимтарин воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар қолаби жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ равиши асосии фаъолияти касбии онро муайян менамояд;

- гуногунрангии жанрӣ, мавқеи касбии рӯзноманигорон, нашри маводҳо дар мавзуъҳои муҳимми миллӣ, аз ҷумла, масъалаҳои ваҳдат ва ягонагӣ, забони тоҷикӣ, муаррифии корномаи шахс ва монанди инҳо ифодагари фаъолияти судманди ташкилотчигии нашрияи «Садои мардум» буда, имтиёзи корбурди огоҳонаи жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ далели тавоноии нашрия дар амалӣ сохтани ҳадафҳои касбӣ мебошад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Ҷустуҷӯҳои назарӣ ва амалии анҷомёфта имкон дод, ки нашрияҳои парлумонь ҳамчун типи нави матбуоти даврӣ шинохта шавад, симо, нақш ва ҷойгоҳи нашрияи парлумонии «Садои мардум» дар низоми матбуоти даврии тоҷик ва фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва мушаххас гардад. Ҳамчунин, рисола то андозае барои равшан кардани дараҷаи инъикоси воқеиятҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии кишвар ва савияи касбии рӯзноманигорон ва мухбирони ин нашрия мусоидат карда, нуктаҳои норавшани таърихи матбуоти даврии тоҷик ва пубтлисистикаро шарҳ медиҳад.

Бо назардошти ин, дар диссертатсия кӯшиш карда шудааст, ки фаъолияти нашрия ва мухбирони он дар партави дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии солҳои навадуми садаи гузашта ва баъди он арзёбӣ шуда, холигие, ки дар ин замина вуҷуд дошт, пур карда шавад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои пажуҳиши мазкур метавонад зимни таълифи таърихи журналистикаи тоҷик, жанрҳои публитсистика, таҳияи

маводди таълимӣ, дастурҳои назарию амалӣ, ҳангоми хондани курсҳои махсус аз фанҳои таърихи журналистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, модулу семинарҳо дар факултету кафедраҳои рӯзноманигории макотиби олии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода шавад.

Маводди диссертатссия, ҳамчунин, метавонад ҳам ба мутахассисон ва ҳам доираи васеи хонандагон ба сифати раҳнамо дар шинохти дигаргуниҳои соҳаи матбуот, аз ҷумла, фаъолияти нашрияи»Садои мардум» хизмат кунад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми инфиродии муҳаққиқ дар омӯзиш ва арзёбии амиқи нашрияи «Садои мардум» дар ҷамъоарии маводди сарчашмаҳои назариву амалӣ, омӯзиш ва натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои донишмандони соҳа, фарогирӣ ва муқоисаю баҳрабардорӣ аз назариёти донишмандони худиву хориҷӣ, омода намудани мақолаю маърузаҳо ва нашри рисолаю дастури таълимӣ доир ба мавзуи мазкур зоҳир мегардад. Таҳқиқоти анҷомёфта маҳсули заҳмати чандсолаи муаллиф буда, ниҳоят дар шакли диссертатсияи комил ба поён расидааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар суханрониҳо ва мубоҳисаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз қабили «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Соли маърифати хуқуқӣ эълон намудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф солҳои 2020-2040» (ДМТ, 24-уми апрели соли 2024), «Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ» (ДМТ, 3-юми октябри соли 2024), конференсияи байналмилалии илмию амалии «Стратегия ва тамоюлҳои рушди журналистика, филология ва лингводидактика» (Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, 24 ноябри соли 2024) ва маҳфилу конференсияҳои донишгоҳии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2023-2024), автореферат

ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳои асосии диссертатсия дар 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I

# ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НАШРИЯИ «САДОИ МАРДУМ»

## 1.1. Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ омили асосии таъсиси нашрия

Масъалаи заминаҳои таърихию фарҳангӣ ва омилҳои сиёсиву иҷтимоии пайдоиш ва ташаккули ин ё он нашрияи даврӣ, аз ҷумла, рӯзномаи «Садои мардум», танҳо ба омӯзиши мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, тамоюлҳои инқилобии таҳаввулоти ҳаёти ҷомеа ва нақши шахсиятҳо дар ин раванд марбут набуда, доираи фарохтари таҳқиқу арзёбиро дар бар мегирад, ки якеи он дар алоқамандӣ бо ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, замонӣ ва хоси касбӣ омӯхтани замони пайдоиш, омилҳои таҳрикбахш ва шаклдиҳандаи сохтори шакливу ороишӣ, мундариҷавию ғоявӣ ва жанриву ҳунарии нашрия мебошад. Бо назардошти мубрамии масъалаи зикршуда дар ин фасл хостем заминаҳои таърихиву иҷтимоӣ ва омилҳои асосии пайдоиши нашрияи даврии «Садои мардум»-ро таҳқиқу таҳлил ва арзёбӣ намоем.

Рӯзномаи «Садои мардум» ҳамагӣ чанд рӯз қабл аз Эъломияи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон (9-уми сентябри соли 1990) таъсис шудааст, ки ба санаи 29-уми августи соли 1990 рост меояд. Маҳз, дар ҳамин рӯз Қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи ташкили нашри рӯзнома – мақомоти Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон» аз 29 августи соли 1990 ба тасвиб расида, ки дар он, аз ҷумла, омадааст: «Бо мақсади сари вақт ва ҳаматарафа инъикос намудани фаъолияти ҳамаи соҳаҳои Шуроҳои депутатҳои халқ, нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодии кишвар, тараққиёти республика рӯзномаи мустақил – органи инъикоси қонунҳои қабулгардида ва ибрози назари намояндагони халқ рӯзномаи мустақил – Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон бо унвони «Садои мардум» таъсис дода шавад» [143, 31-32; 82]. Санаи мазкур

собит месозад, ки дар миёни ҷумҳуриҳои шуравӣ Тоҷикистон пас аз Русия дувумин кишваре маҳсуб меёбад, ки соҳиби рӯзномаи давлатии парлумонӣ гардидааст.

Ҳодисаи чанд рӯз қабл аз Эъломияи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон таъсис ёфтани ин нашрия зеҳни моро ба сӯйи омилҳое мекашад, ки, бешак, ҳанӯз дар замони барҷо будани СССР наметавонистанд ба ҷараёни таъсиси рӯзнома бетаъсир бошанд.

Ба назари мо, омилҳои асосии таконбахши ин раванд бозсозии горбачёвӣ, озодии нисбии сиёсиву маъмурии РСС Тоҷикистон, ки он замон дар тобеияти Ҷамоҳири Иттиҳоди Шуравии Сотсиалистӣ қарор дошт ва ниҳоят, мустақилияти нисбии кишвар буд, ки заминаро барои таҷдиди назар дар баъзе соҳаҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ фароҳам овард. Зери таъсири раванди дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маъмурӣ, ки дар СССР-и он замон рух медод, соли 1990 номи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ба Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон иваз ва парламети кишвар таъсис дода шуд.

Ҳамзамон бо ин воқеаи муҳими сиёсӣ, ки моҳияти зоҳирӣ надошта, ҳадафҳои муайяни миллии ояндадорро дунбол мекард, 1-уми августи соли 1990 дар СССР Қонуни Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» қабул гардид, ки сензураи пешакӣ ва монополияи фаъолияти нашрияҳоро аз ҷониби ҳизби комунист ва давлат манъ мекард [36, с 19]. Ин озодӣ ва мустақилияти сиёсиву идеологӣ ва иқтисодӣ, ки дар замони ислоҳоти горбачёвӣ ва баъди қабули қонуни матбуот дар шуравӣ ба вуҷуд омад ва тадриҷан рушд мекард, вазъи ҳокимияти чорумро то ҷое дигар кард. Ин таҳаввулот ба вазъ ва муносибат ба матбуоти даврӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон низ бетаъсир набуд. Ба ифодаи дигар, аввалин бор матбуоти даврӣ тавонист нафаси озод кашад.

Шароити мусоиди баамаломада мавқеи журналистонро ба инъикоси воқеиятҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ тағйир дод. Акнун матбуоти даврӣ бештар дар боби ормонҳои миллӣ ва ҳадафҳои маънавии он

сухан мекард. Ба қавли И. Усмонов ва Д. Давронов, «Бо инкишофи дигарандешӣ ва матбуот ин равия дар Тоҷикистон давраи мубориза барои қабули Қонуни забон (1989 ва воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 баҳона шуданд» [127, 240]. Ба назари мо, «баҳона» не, балки воқеиятҳои сиёсӣ ва фарҳангии ин давра заминаи таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро барои дигар шудани муносибатҳо ба матбуоти даврӣ ва таъсиси намудҳои гуногуни он ба вуҷуд овард, ки тадриҷан ба рушди матбуоти даврӣ мусоидат намуд. Ҳамин тавр, «Дар Тоҷикистон системаи нави матбуоти даврӣ  ба вуҷуд омад, ки нашрияҳои зеринро дар бар мегирифт:

1. Расмии давлатӣ.
2. Иҷтимоии ҳизбӣ ва аҳзоби сиёсӣ.
3. Шахсии иҷтимоӣ.
4. Шахсии тиҷоратӣ» [127, 240].

Матбуоти даврии наве, ки дар ин давра ба вуҷуд омад, тадриҷан назар ва муносибати ҷомеаро ба нашрияҳо ва рисолати онҳо тағйир медод. Акнун «журналистони шуравӣ» ба фармудаҳои «худписандони ҳизбӣ»-и («партийных босс») зинаҳои гуногуни иерархияи коммунистӣ» итоат намекарданд [36, 19].

Ҳатто, рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», ки тобеияти ҳизбӣ дошт, маҳз, дар ҳамин давра, ба инъикоси андешаҳои нав ва мухталиф пардохт, ки аксаран марбут ба ҳифзи манфиатҳои дарозумри миллӣ нигаронида шуда буд. Намунаи чунин иқдоми озодихоҳонаи ин нашрия ба чоп расидани мақолаи М. Мирбобоев « То ба кай об аз таги ях меравад» буд, ки шӯре дар муҳити иттилоотӣ ангехтааст.

Ба ин тартиб, матбуот, ки фаъолияти мустақил дошт, тадриҷан дар муҳити ҷомеа ва иттилоотии Тоҷикистон нуфуз пайдо кард. Воқеаҳои феврали соли навадуми садаи гузашта, воқеан, заминаи таърихӣ ва фарҳангиро барои пайдоиш ва инкишофи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма фароҳам овард, ки диди ҷомеаро ба ин намуди иттилоотрасонӣ тадриҷан ба маънии мусбат ва гоҳо манфӣ тағйир дод.

Яке аз омилҳои дигаре, ки дар пайдоиш ва ташаккули матбуоти сифатан нав таъсиргузор будааст, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 14-уми декабри соли 1990 мебошад. Дар моддаи 6-уми ин Қонун ба сароҳат навишта шудааст: «Интишори маълумоти дорои сирри давлатӣ ё асрори дигари қонунан маҳфуз, ахборе, ки ба зӯран сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ даъват мекунад, шаъну эътибори давлат ва Президентро халалдор месозад, ҷанг, зулму зӯроварӣ, терроризм бо ҳамаи зуҳуроташ, хусумати нажодию миллӣ ва динӣ, инчунин, эҳтиром накардани миллату дини дигар, фаҳшу фуҷур (парнография)-ро таблиғ мекунад, ба содир намудани кирдори ҷиноятии дигар даъват менамояд, дар воситаҳои ахбори омма манъ аст.

Истифодаи воситаҳои ахбори омма барои дахолат кардан ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон, дидаву дониста чоп кардани хабару мақолаҳои дурӯғин, маълумотҳои ѓалату иғвоангез, ки шаъну шарафи шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳоро паст мезананд, манъ аст» [71, 6].

Ҳамин тавр, ба вуҷуд омадани шароити мусоид, заминаҳои таърихиву фарҳангӣ, қабули қонунҳои нави матбуоти даврии ИҶШС ва ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳое буд, ки барои таъсис ва рушди матбуоти даврии сифатан нав асоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузошт.

Маҳз, зери таъсири дигаргуниҳои зикршуда, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ИҶШС, ки ҳанӯз Тоҷикистон ҷузъе аз он ҳисоб меёфт, дидгоҳҳо оид ба нақши матбуот ва рисолати он дар ҷомеа тадриҷан тағйир меёфт. Зери таъсири ҳамин раванд, ба қавли Қ. Шарифзода, ВАО-и Тоҷикистон «аз кишвар дида, пештар мустақилият касб намуд» [141, 54]. М.Б. Муродов асоснокии ин даъвои Қ. Шарифзодаро дар он дидааст, ки «ба шарофати бозсозии горбачёвӣ қонуни ИҶШС «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма»-и ИҶШС (1-уми августи соли 1990 – *шарҳи мо*) қабул гардид. Қабули қонуни матбуот имкон фароҳам овард, ки тули ҳамагӣ як сол дар Тоҷикистон нашрияҳои гуногунмавқеъ мисли «Паёми Душанбе» – нашрияи ҷамъиятию сиёсии пойтахт

(моҳи январи соли 1990), «Растохез» (30-юми майи соли 1990), Адолат»-и шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомназар Холназар (20-уми сентябри соли 1990), «Дунё»-и шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҳири Абдуҷаббор (1-уми майи соли 1991) таъсис ёфта, ба фаъолият пардохтанд» [87, 21–22]. Дар ҳамин раванди шаклгирии матбуоти сифатан нави даврӣ таъсиси рӯзномаи «Садои мардум» ҳодисаи тасодуфӣ набуд.

Ниҳоят, тавре ишора рафт, баъд аз чанд рӯзи таъсиси рӯзномаи «Садои мардум» Эъломияи Истиқоли давлатии Тоҷикистон низ интишор ёфт, ки ин омили сиёсии таърихӣ ва миллӣ дар шаклгирӣ ва ташаккули минбаъдаи сохтори мундарҷавию ғоявӣ ва ҳунарию касбии рӯзномаи «Садои мардум» ҳамчун мақомоти Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон нақши муҳим ва созанда дошт. Ба қавли Бахтиёр Муртазо, «нашрияи парлумонии «Садои мардум»... зодаи истиқлоли Ватан» буда, «музаффариятҳои гаронқадри Истиқлоли ваҳдатро бо ҷоннисорӣ ҳимоят намудааст. Биноан, ин рӯзнома сарнавишти таърихӣ дошта, худ дар дамгаҳи оташи шадиди мубориза҈о тавлид гардидааст» [88, 3].

Ҳамин тавр, дар таъсис ва рушди минбаъдаи нашрияи парлумонии «Садои мардум» заминаҳои таърихию фарҳангӣ ва омилҳои сиёсию иҷтимоӣ, нақши созанда доштанд, ки ба тариқи зер метавон дастабандӣ кард.

1. Таҳаввулоти сиёсӣ ва маъмурие, ки баъди ба қудрат расидани М.С. Горбачёв дар ИҶШС ба амал омад.

2. Таҷрибаи озодандешӣ ва ҳақиқатнигорӣ, ки дар таҷрибаи матбуоти солҳои ҳаштодуми садаи бисти тоҷик дар мисоли фаъолияти рӯзномаҳои «Маориф ва маданият», «Тоҷикистони советӣ» (Ҷумҳурият») ва («Комсомоли Тоҷикистон») «Ҷавонони Тоҷикистон» ҷой дошт.

3. Қабули Қонуни ИҶШС «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» 1-уми августи соли 1990, барҳам хӯрдани сензура ва ниҳоят, 14-уми декабри соли 1990 қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» заминаи дигари таърихию фарҳангӣ ва омили таконбахши ҷараёни навсозиҳо дар соҳаи матбуот ва дигар васоити

ахбори омма будааст, ки дар таъсис, шаклгирӣ ва рушди минбаъдаи нашрияи «Садои мардум» нақши созанда доштааст.

4. Омили дигар ва муҳимми пайдоиш ва ҳамчун нашрияи парлумонӣ дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ нақш ва ҷойгоҳи хос пайдо кардани нашрия, ба истиқлоли комил даст ёфтани ҷумҳурӣ ва таҳаввули раванди худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мебошад.

Заминаҳо ва омилҳои ёдшуда ва дастгирии бевоситаи раҳбари вақти ҷумҳурӣ Қаҳҳор Маҳкамов сабаб шуд, ки дар як муддати кӯтоҳ сохтори идории нашрия ташкил дода шавад ва тадриҷан симои касбиашро дар фазои иттилоотии кишвар соҳиб гардад. Ба ин тартиб, дар Иҷлосияи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, ки 5-уми октябри соли 1990 баргузор гардидааст, депутати халқии ҶШС Тоҷикистон Муродулло Шерализода (Шералиев) ба таври алтернативӣ (бо депутат Хоҷаев Ато (Ато Ҳамдам) сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» интихоб мегардад. Аз рӯзи аввали ба ин мазифаи масъул таъин шудан, Муродулло Шерализода барои сохтори идории нашрияро ташкил кардан ва нашри рӯзнома тамоми неруяшро сарф кардааст. Дар ибтидо дар нақша будааст, ки рӯзномаи парлумонӣ ҳафтае панҷ маротиба дар ҳаҷми формати А–2 дар давоми сол ба миқдори 250 шумора чоп мешавад. Рӯзнома дар баробари инъикоси фаъолияти Шуроҳо, яъне раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо, фаъолияти намояндагони мардумӣ, ҳамчунин, доир ба соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, адабиёту фарҳанг, варзиш ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мавод нашр кардааст.

Барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти рӯзнома ҳайати кории аз назари касбӣ босалоҳият ва таҷрибадор созмон дода шудааст. Масъулияти интихоби кормандонро муҳаррир бар дӯш доштааст. Муродулло Шерализода ба кори идораи нашрия мутахассисон ва рӯзноманигорони таҷрибадор ва огоҳро интихоб ва ҷалб намудааст. Аз нахустин рӯзҳои фаъолияти нашрия сармуҳаррир ба ҳайати роҳбарии он муовинони сармуҳаррир Додоҷон Раҷабӣ, Мирзомаҳмуд Мирбобоев ва котиби масъул Шариф Ҳамдампурро, ки ҳар кадоме дар соҳаи матбуот таҷрибаи кофӣ

доштанд, ҷалб намудааст. Аз ҷумла, Додоҷон Раҷабӣ, ки қаблан дар идораи «Адабиёт ва санъат» фаъолият мекардааст, маҳз, бо хоҳиши Муродулло Шерализода дар ин нашрия ба ҳайси муовини сармуҳаррир ба фаъолият оғоз намудааст. Додоҷон Раҷабӣ дар як мусоҳибааш, ки 4-уми январи соли 2001 дар «Садои мардум» чоп шудааст, маҳз, бо даъвати сармуҳаррири нашрия ба кор омаданашро тасдиқ када, аз ҷумла, гуфтааст: «Муродулло Шерализода баъди як рӯзи дар сессияи Шурои Олии Тоҷикистон сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» интихоб шуданаш ба ман занг зада буд:

–Биёед, муовини сармуҳаррир мешавед. Ҳамроҳ кор мекунем...

Ҳарчанд ин даъват бароям ғайричашмдошт ва билкул фаврӣ буд, ҳарчанд дар ин хусус бо ягон кас маслиҳат накардаам, ҳарчанд ояндаи ин рӯзнома дар пеши назарам яқин намудор набуд, ба Муродуллоҳ Шерализода розигӣ додам...» [134].

Шарифи Ҳамдампур низ дар як мусоҳибааш «сухани Шерализодаро нашикаста» [111] ба ҳайси котиби масъули рӯзномаи «Садои мардум» ба кор шуруъ карданашро дар мусоҳибае, ки бахшида ба 30-солагии ин нашрия чоп шудааст, чунин шарҳ медиҳад: «Дар матбуот масъулияти омода ва нашри рӯзнома, асосан, дар дасти котиби масъул аст. Пас аз сармуҳаррир ман дуюмин шахсе будам, ки барои кор дар рӯзнома пешбарӣ ва тасдиқ гаштам. Як бегоҳ Шерализода, ки бо он кас дер боз шинос будам, наздашон даъват карданд. Он вақт ёрдамчии Қаҳҳор Маҳкамов Раиси Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон буданд. Пас аз муқаддимаи кӯтоҳ гуфтанд, ки барояшон вазифаи сармуҳаррирӣ ба рӯзномаи ҳанӯз таъсиснаёфтаи Шурои Олӣ пешниҳод гаштааст, вале дудилаанд, ки қабул кунанд ё не. «Шумо, Маҳмадшариф, хатмкардаи факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов ҳастед, собиқаи кор дар «Комсамольская правда», Коммунисти Тоҷикистон» доред. Агар шумо розӣ шавед ва ба кор оед, ман ҳам ин вазифаро қабул мекунам» [111].

Ҳамин тавр, сармуҳаррири нашрия дар аввалин рӯзҳои фаъолияти кориаш рӯзноманигорони таҷрибадор ва ҷавон, нависандагон ва донишмандони соҳаи

адабиёт ва фарҳанг Бахтиёр Муртазо, Фотеҳи Абдулло, Обиди Умар, Зулфиқор Шодиев, Хушвақтшоҳ Муборакшоев, Умриқул Ҳақбердиев, Тилло Неккадам, Қироншоҳ Шарифзода, Камол Абдураҳимов, Мардон Шукуров, Абдуқаҳҳор Маҳмадалиев, Эшонқул Эшонқулов, Акбари Саттор, Марямбонуи Фарғониро аз моҳи ноябри соли 1990 ва аз моҳҳои феврал-майи соли 1991 Ғанӣ Ҷӯразода, Раҳими Бобоҷон, Абдуғаффор Қурбонов, Мухтор Боқизода, Мардони Муҳаммад, Темур Исмоилов, Муҳаммадшариф Бобошоев, Қурбон Мадалиев, Кароматуллоҳ Аҳмадов ва дигаронро ба кор қабул кардааст. Ин ҳайати эҷодӣ ба ташкил кардани обуна ба рӯзнома, таҳия ва эҷоди мақола, очерк ва мусоҳибаҳову гузоришот вобаста карда шуда, дар як муддати кӯтоҳ дар шаклгирӣ ва рушди нашрия саҳми муҳим гузоштанд.

Ба шаҳодати яке аз аввалин кормандони нашрия Тиллои Неккадам, «омодагӣ ба чопи шумораи аввалини рӯзномаи навтаъсис ҳанӯз аз моҳи октябри соли 1990 оғоз ёфта буд. Корҳои ташкилӣ ва омодагиҳо дар кабинети муваққатӣ – дар қабати дуюми бинои асосии Шурои Олии Тоҷикистон бо ҷӯшу хурӯш ҷараён дошт.

Дар як ҳуҷраи на чандон калон муовинони сармуҳаррир Додоҷон Раҷабӣ, Мирзомаҳмуд Мирбобоев, котиби масъул Шариф Ҳамдампур ва дигарон ҷо гирифта, бо ходимон ва рӯзноманигорони нав ба кор даъватшуда суҳбат мекарданд» [98, 17-18].

Шумораи аввалини нашрия зери назар ва раҳбарии бевоситаи Муродуллоҳ Шерализода дар рӯзи сешанбеи 1-уми январи соли 1991, дар матбааи «Нашриёти Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон» бо номи «Садои мардум» ба теъдоди 20 ҳазор нусха ба чоп расидааст.

Интихоби унвони нашрия дар ҳамин шакл низ марбут ба талошҳои Муродуллоҳ Шерализода будааст. Ба шаҳодати Шариф Ҳамдампур, «дар яке аз ҷаласаҳои Шурои Олӣ нашрия ба унвони «Овози халқ» барои баррасиву пешниҳод гашт. Намояндагони мардумӣ анқариб бо як овоз ҷонибдори ин ном буданд. Вале сармуҳаррири навтаъин Муродуллоҳ Шерализода муқобил баромад ва номи «Садои мардум»-ро пешниҳод намуд. Баҳс доманадор шуд.

Азбаски Шерализода донандаи хуби забон буд, таҷрибаи бойи тарҷумонӣ дошт, собит кард, ки номи пешниҳодкардааш табиӣ, мардумӣ ва дар қолаби забони тоҷикист. Дар Маҷлиси Олӣ вакилони мардумие буданд, ки забонро хуб медонистанд ва ба ӯ ҳамовозӣ карданд. Қисми зиёди вакилон зери таъсири таҳлил ва баррасии амиқи сармуҳаррир ин номро тарафдорӣ карданд» [111].

Чунон ки ба мушоҳида расид, нақши Муродуллоҳ Шерализода дар таъсиси нашрияи «Садои мардум» калон буда, сармуҳаррир дар баробари номи рӯзнома, интихоби ҳайати эҷодии дар боло зикршуда, ҳамчунин, кормандони ёрирасон ва техникиро низ худ интихоб карда, ба кор пазируфтааст, ки дар ин гурӯҳ сармуҳосиби рӯзнома Иванова (Ҳасанзода) Шукуфа Чингизовна, муҳосиб-хазинадор Зумрад Султонова, мудири қабулгоҳ, коргузор Нигина Ризвонова, корманди шуъбаи мактубҳо ва таҳқиқоти иҷтимоӣ Ниёзбегим Ҳоҷиева, хоҷагидор Саидмурод Холов, ронандаҳои аввалини муҳаррир ва мошини навбатдории котибот Раҷабалӣ Аминов, Юрий Шукуров ва Зиёдулло Шарифов аз рӯзҳои нахустин дар хидмати роҳбарият ва ҳайати эҷодии нашрия буданд» [98, 19]. Идораи аввали «Садои мардум» дар нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Орҷоникидзе, 70 (ҳоло к. Бохтар) қарор доштааст

Зимнан, бояд гуфт, ки аз ибтидо роҳбарони ҷумҳурӣ низ мутаваҷҷеҳи табъу нашри рӯзнома будаанд. Масалан, пешакӣ бо имзои Раиси Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов ба унвони раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо барои ба рӯзнома обуна шудан мактуб ирсол гардида будааст. Ба ин далел, намояндагони нашрияро дар ҳамаи зинаҳо роҳбарон хуш қабул ва пазироӣ мекардаанд. Бо назардошти суду зиён нархи обунаи рӯзнома 25 сӯм муқаррар гардида будааст.

Дар ибтидои фаъолият, ки нашрия муҳр ва бланкҳои идораю сафарномаҳои хидматӣ надоштааст, аз муҳри мудаввар ва бланкҳои мудири корҳои Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Усмон Ғаниевич Усмонов истифода мекардаанд. Кормандоне, ки барои обуна ба сафари хидматӣ мерафтанд, дар баробари масъалаи обуна аз воқеиятҳои шаҳру ноҳияҳо маводди лозимӣ навишта, ба чопи мудаввоми нашрия мадад мерасондаанд.

Омили дигаре, ки, бешак, дар шаклгирӣ ва таҳаввули сохтори мундариҷавию ороишии рӯзнома нақши таъсиргузор доштааст, интихоби ҳайати таҳририя ва муҳаррирони шуъбаҳо мебошад. Аз нахустин рӯзҳои ба фаъолият шуруъ кардани нашрия шахсони зерин: ҷонишини сармуҳаррир Мирзомаҳмуд Мирбобоев, ҷонишини сармуҳаррир Додоҷон Раҷабӣ, муҳаррири шуъбаи сиёсӣ ва ҳуқуқ Бахтиёр Муртазоев, муҳаррири шуъбаи маънавиёт Фотеҳи Абдулло, муҳаррири шуъбаи шуроҳо Зулфиқори Шодӣ, муҳаррири шуъбаи иҷтимоиёт Қироншои Шарифзода ва котиби масъул Шариф Ҳамдампур, муҳаррирони шуъбаҳои мактубҳо ва иқтисодиёт Умриқул Ҳақбердиев ва Ғанӣ Ҷӯразода аъзои ҳайати таҳририяи рӯзнома будаанд.

Баъдтар, ба кори нашрия ҳамчун ҷонишинони котиби масъул Абдуқаҳҳор Мамадалиев, Мухтор Боқизода ва Темур Исмоилов, суратгирон Ғаниҷон Мамадсодиқов ва Раҷабалӣ Юсуфзода, рассом Юсуф Аскаров, мошиннависон Сайёра Мазамбекова, Санавбар Бобоҷонова, Аноргул Суфиева, Дилором Ҷобирова, мусаҳҳеҳон Абдумаҷид Муродов, Мунаввара Ҷӯраева, Марзия Алиева, Сафаралӣ Бобокалонов, Дилором Раҳимова, хаткашон-курерҳо Маҳмуд Рӯзиев ва Беҳрӯз Ҳотамов, ҳуруфчинҳо-ленотипҳо дар нашриёти имрӯзаи «Шарқи озод» Ҳикмат Бурҳонов, Татяна Салихова, Фурқат Мирзоев, Равшан Қодиров, Татяна Саъдуллоева, саҳифабандҳо Камол Абдуллоев ва Кабир Ҳакимов ҷалб карда шудаанд.

Дар баробари интихоби ҳайати эҷодӣ, ҳамчунин, кормандони ёрирасон ва техникӣ низ дар фаъолияти рӯзмарраи нашрия саҳм доштаанд, ки дар ин ҳайат сармуҳосиби рӯзнома Иванова (Ҳасанзода) Шукуфа Чингизовна, муҳосиб-хазинадор Зумрад Султонова, мудири қабулгоҳ-коргузор Нигина Ризвонова, корманди шуъбаи мактубҳо ва таҳқиқоти иҷтимоӣ Ниёзбегим Ҳоҷиева, хоҷагидор Саибмурод Холов, ронандаҳои аввалини сармуҳаррир ва мошини навбатдори котибот Раҷабалӣ Аминов, Юрий Шукуров ва Зиёдулло Шарифов аз рӯзҳои нахустини таъсиси нашрия ба роҳбарият ва ҳайати эҷодӣ содиқона ва коршиносона хидмат мекардаанд.

Илова ба кормандони дохилӣ нашрияи «Садои мардум» дар вилоятҳои Ленинобод (Суғди имрӯза), Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб (ҳоло вилояти Хатлон) мухбирони махсуси худро доштанд, ки фаъолияти онҳо дар омода кардани маводди лозимаву тавсиаи доираи мавзуъ ва масъалаҳои итилоотии рӯзнома таъсиргузор будааст.

Ҳамин тавр, ба шаҳодати яке аз аввалин кормандони нашрия Тиллои Неккадам, «то оғози соли нави 1991, яъне чопи мунтазами рӯзнома маводди зиёде захира (ба қавли ноширон - загон) шуданд», ки ба нашри чандин шумораҳои баъдӣ мерасиданд [98, 19].

Тарҳи макети шумораи аввалини солинавии рӯзномаи «Садои мардум» қаблан омодаи чоп буда, шиносномаи онро рассом Салимшо Пирумшоев омода сохтааст, ки то соли 1993 дар нашри рӯзнома ба кор гирифта шудааст. Шиори нахустин шумораи рӯзнома «Тамоми ҳокимият ба Шуроҳо!» буда, дар солҳои баъдӣ дар шаклҳои «Ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест!», «Пояндагии Тоҷикистон – муқаддасоти мост!» ва «Конститутсия – кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун!» ба чоп расидааст.

Аз ёддоштҳои баъзе кормандони собиқ ва имрӯзаи нашрия бармеояд, ки дар омода сохтани шумораи аввали рӯзнома, ки ба ҷашни Соли нави милодӣ рост омадааст, саҳми котиби масъул Шариф Ҳамдампур, муовини котиби масъул Абдуқаххор Маҳмадалиев, рассом Юсуф Аскаров, саҳифабандҳо Камол Абдуллоев ва Кабир Ҳакимов хеле шоён будааст [98, 19]. Ба ин тартиб, баъди заҳматҳои семоҳа ва интизориҳои зиёд рӯзи сешанбеи 1-уми январи соли 1991 шумораи аввалини рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» ба чоп расида, доираи васеи хонандагон аз иттилооти нашркардаи рӯзнома бохабар шуданд.

Яке аз омилҳои таъсигузор дар нуфузи шумораи аввалини нашрия дар фазои иттилоотии кишвар интихоб ва нашри маводди раҳнамои хонанда, ба сарнавишти нашрия алоқаманд, шарҳу тавзеҳи муҳимтарин воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие будааст, ки дар фазои Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистони онрӯза ҷараён доштаанд. Мундариҷа ва сохтори шаклии шумораи аввалини нашрия барои хонанда диққатангез аст.

Дар саҳифаи аввали нашрия «Муроҷиати солинавии Президенти ИҶШС М.С. Горбачёв ба халқи Советӣ» ва табрикоти Президенти ҶШС Тоҷикистон Қ.М. Маҳкамов таҳти унвони «Кӯш, то халқро ба кор оӣ!» ба чоп расидааааст. Аз ҷумла, дар табрикномаи Қаҳҳор Маҳкамов навишта шудааст: «...Умед дорам, ки аз саҳифаҳои «Садои мардум» садои дили мардум ба гӯш мерасад ва матолиби мавриди инъикоси рӯзнома барои татбиқи барномаи ҳаётии мо – масъалаҳои бунёди манзил, иншооти маданию маишӣ, тағйири сохти иҷтимоии ҷумҳурӣ таи 5-10 соли минбаъда мусоидат менамояд. Тоҷикистони мо аз манбаи истеҳсоли масолеҳи хом ба манбаи тавлиди маҳсулоти тайёр табдил ёфта, мавқеи ҳокимияти Шуроҳо устувор мешавад ва ҷамъияти кӯчаки мо минбаъд, бо корҳои бузурги хеш, минҷумла, дар муомилоти байналмилалии иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ соҳиби обрӯю эътибор мегардад. Дар роҳи адои ин вазифаҳои башардӯстона ба рӯзноманигорон, муштариён ва тарғибгарони «Садои мардум», ба ноширон ва коргузорону муҳандисони матбаа барори эҷодӣ ва ривоҷи кор таманно дорам» [46].

Ин суханони раҳбари онвақтаи кишвар, пеш аз ҳама, ҳадафи ҳидоятгарӣ дошта, саъйу талоши ҳукумати вақтро дар таъсис ва рӯйи кор омадани нахустин нашрияи парлумонӣ дар Тоҷикистон таъйид менамояд, ки, албатта, зери таъсири ҷараёни истиқлолхоҳӣ анҷом гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар саҳифаҳои якум то савуми нашрия сармақолаи сармуҳаррир Муродуллоҳ Шерализода таҳти унвони «Сухане чанд ба ҳаводорони рӯзнома», мусоҳибаи Шариф Ҳамдампур бо Раиси Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Қадриддин Аслонов «Роҳи наҷотро дар ваҳдат мебинам», шеъри Амонбек Шоҳзода «Дар зодрӯзи «Садои мардум», номаҳои табрикӣ таҳти унвони «Мавҷи табрикҳо» ва монанди инҳо мавод ба чоп расидаанд, ки чеҳранамои аввалин рӯзномаи парлумонии Тоҷикистон мебошанд. Ҳамчунин, шумораҳои баъдии нашрия низ бо вижагиҳои виросторӣ, интихоби саҳеҳ ва ҳадафманди рангу графика, танзими саҳифаҳо, интихоби ҳуруфи сарлавҳа, матн ва андозаи он, ҳаҷми нашрия ва танзими он, нақши ранг ва тарзи сафҳаорой

симои инфиродии нашрияи «Садои мардум»-ро дар як давраи муайян шакл додаанд, ки аз назари касбият дар он рӯзгор бесобиқа мебошад.

Чунонки ишора шуд, дар қатори дигар мавод дар саҳифаи аввали нашрия шеъри Амонбек Шоҳзода таҳти унвони «Дар зодрӯзи «Садои мардум» ба чоп расидааст, ки ифодагари ормони муаллиф ва хонандаҳои рӯзнома мебошад. Аз ҷумла, байтҳои зер ифодакунандаи андеша ва орои шоиранд, ки дилу ёди хонандаро низ ковиш медиҳанд:

Бас садоҳои дили мо
Дар гулуи мо шикаст.
Бас ҷароҳатҳои моро
Ҳеҷ як дасте набаст.
Эй «Садои мардум», аз ту илтиҷо,
Синаи мо танг омад баҳри фарёд.
Кун садои мо бурун аз синаи мо,
Кун варо аз тангӣ озод.
Бим аз он,
Ки то битарконад садои хуфта рӯзе қалби моро,
Марг беҳ аз суннати хомӯш будан,
Марг аз хомӯшӣ воло.
Кун садои мо баланду мо диҳем бар ту баландӣ,
То набинӣ ҳеҷ пастӣ
Дар кашокашҳои тақдир,
Дар кашокашҳои ноҳамвори ҳастӣ...
Ҳоҷат ҳар ҳарфи ту карда,
Умрро сарфи ту карда.
Эй «Садои мардум», эй овози армон,
Нусхаҳои поки виҷдон,
Гар шавӣ ту ростгӯю ростҷӯ,
Ҷой гирӣ дар радифи нону имон [191].

Сармақолаи сармуҳаррири рӯзнома Муродуллоҳ Шерализода «Сухане чанд ба ҳаводорони рӯзнома» низ раҳнамои хонанда дар шинохт ва баҳрабардорӣ аз ин нашрия буда, аз ҷумла, муаллиф навиштааст:

«Рӯзномаро оинаи зиндагӣ ва баёнгари воқеияти айём гӯянд. Аз ин рӯ, ҳаргиз раво нест, ки ин оина каҷнамоӣ кунад ё дунболагири ҳодисот бошад. Қаламкашони «Садои мардум» бо дарки ин ҳақиқат ва мутобиқ ба тақозои замони бозсозии иқилобӣ кӯшиш хоҳанд кард, то ба тамоми масъалаҳои ҳалталаби зиндагӣ аз дидгоҳи манофеи мардум назар андозанд ва парда аз рӯйи манфиатҷӯёну мунофиқон, ҷинояткорону савдогарон ва ҳаннотону ришвахӯрон бардоранд. «Садои мардум» ба сифати нашрияи Шурои Олии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти ҳамаи зинаҳои Шуроҳо, натоиҷи кори комитету комиссияҳои мухталиф, ҷидду ҷаҳди вакилони халқро дар роҳи таҳаққуқи ормонҳои волои бозсозӣ мавриди таҳқиқу инъикос қарор дода, барои эҷоди давлати ҳуқуқбунёд, вусъати равандҳои демократӣ мусоидат хоҳад кард». Байти зери хотимавии сармақола хонандаи рӯзномаро ба ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар роҳи амалӣ сохтани ормонҳои нашрия даъват мекунад:

Як гули мақсуд дар ин бӯстон,
Чида нашуд бе мадади дӯстон [145].

Дар ин замина, суханони зерини Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ дар шинохти ҳадафҳои мундариҷавию ғоявии нашрия ҷолиби диққат мебошад: «...То суҳбат бо хабарнигори рӯзнома гумон доштам, ки «Садои мардум» рӯзномаи расмии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон буда, дар бораи адабиёт, ҳунар, умуман, фарҳанг, зиндагии мардум чизе чоп намекунад, лекин тахминам нодуруст будааст. Рӯзнома шуъбаҳои гуногун, аз ҷумла, шуъбаи маънавиёт доштааст, ки ин паёми нек боиси хурсандии ман барин адибони куҳансол аст.

Дар саҳифаҳои «Садои мардум» бояд доир ба мушкилоти фарҳанг, вазъи адабиёти муосир, рӯзгори ҳунармандони намоён ва ноаён, адабиёти ҳамзабонони мо (Эрон, Афғонистон) мунтазам мақолаҳо ба табъ расанд...» [60].

Муқоисаи шумораҳои гуногуни нашрия нишон медиҳад, ки рӯзнома аз шумораи аввал сар карда, дар инъикоси хостаҳои Ҷалол Икромӣ равиши хосро пеш гирифтааст. Масалан, нашрия дар шумораҳои гуногунаш намунаҳо аз ашъори шоирони муосир ва мақолоти донишмандони соҳаҳои гуногунро ба чоп расонидааст, ки нашри ашъори Лоиқ ва мақолаҳои Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Акбар Турсон аз он ҷумла мебошанд.

Ҳамчунон ки муҳаққиқи соҳаи матбуот Қ. Шарифзода ба мушоҳида гирифтааст, «Садои мардум», ки дар айёми нооромиҳои сиёсию иҷтимоии солҳои охири Шуравӣ рӯйи кор омад, марҳилаи аввали фаъолияташро дар муҳити буғранҷи сиёсӣ ва парешониҳои ҷомеа тай намуд, вале ба қавли профессор Иброҳим Усмонов, «Садои мардум» дар воқеаҳои солҳои 1991-1992 дар ҷумҳурӣ ягона рӯзномае буд, ки ба давлату Ҳукумати қонунӣ содиқ монд ва ба туфайли ин рӯзнома хонандагон аз ҳақиқати воқеаҳо бохабар гаштанд. Ҳамин ҳақиқатнигории рӯзнома буд, ки баромадҳояш на ба ҳама писанд меомад. Аз ин рӯ, душманони ростиву ҳақиқат сармуҳаррири рӯзнома Муродуллоҳ Шерализодаро ҳадафи тири худ қарор доданд. 5 майи соли 1992 ин рӯзноманигори ҳақиқатпараст ба қатл расонида шуд. Вале рӯзномаю коллективи эҷодии он аз роҳи ҳақиқатнигорӣ рӯй натофт» [143, 32-33].

Бахтиёр Муртазо, ки худ аз собиқадорони ин нашрия буда, дар вазифаи сармуҳарририи он низ фаъолият намудааст, дар бораи нақши рӯзномаи «Садои мардум» дар фазои иттилоотии онзамонии кишвар сухан карда, аз ҷумла, оид ба усули интихоб ва кордории сармуҳаррири нашрия Муродуллоҳ Шерализода навиштааст: «Вақте ки рӯзномаи парлумонии мамлакат «Садои мардум» таъсис гашт, вакилони халқ рӯзноманигор, олими варзида, тарҷумон, шахси ниҳоят ватандӯст ва фидокори миллат Муродуллоҳ Шерализодаро бо як овоз сармуҳаррири ин нашрия интихоб карданд. Роҳбари одамшинос, қадрдон, донишманд дар муддати кӯтоҳ эҷодкорони аҳлу тифоқи рӯзномаро ҷамъ намуд. Ӯ бо ҳамкорон ниҳоят хушмуомила буд ва ба тобеони худ «эҳтиромона хоҳиш дорам», -гуён мурочиат мекард. Ва ин мурочиати ӯ хеле табиӣ ва самимӣ садо медод.

Рӯзномаи «Садои мардум» бо сарварии Муродуллоҳи Шерализода барои муттаҳидӣ, тантанаи адолату ҳақиқат, таҳкими истиқлоли Ватан, пирӯзии ҳукумати қонунӣ мубориза мебурд» [89, 31].

Ҳамин тавр, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои навадуми садаи бист заминаи воқеиро барои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум» ба вуҷуд овард, ки яке аз омилҳои муассири дигари он зуҳури ҷанбаи миллидошта мебошад. Маҳз, ҳамин омил ба шаклгирӣ ва фаъолияти ин нашрия асоси воқеӣ ба вуҷуд овард ва таваҷҷуҳи оммаро ба нашрия зиёд намуд. Ба ин далел, нахустин рӯзномаи парлумонии кишвар дар заминаи ормонҳои муайяни истиқлолхоҳӣ, ҷаҳоншиносӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва миллӣ ба вуҷуд омада, ҳамин тамоюли мусбат ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи нашрияро дар тули солҳо муайян намуд.

Чунонки болотар ишора шуд, заминаи хоси таърихӣ ва омили дигари пайдоиш ва ташаккули нашрия ҳамоно аз тобеияти идеологӣ ва маҳдудиятҳои идеологии шуравӣ тадриҷан фосила гирифтани Тоҷикистон мебошад. Ин имконияти таърихӣ заминаи мусоидро барои танзими сохтори мундариҷавию ғоявии рӯзнома низ фароҳам овард. Зери таъсири ин раванд рӯзнома тавонист фазои иттилоотиро ба манфиати миллат ва доираи васеи хонандагон тавсиа бахшад.

Санади дигари қобили мулоҳиза, ки низ зери таъсири воқеиятҳои сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ба вуҷуд омад, эътимоду таваҷҷуҳи мардум ба нашрияи парлумонӣ мебошад. Ин омил ба афзоиши бесобиқаи тиражи рӯзнома низ мусоидат намуда, ба шаҳодати котиби масъули нашрия Шариф Ҳамдампур дар заминаи фурӯши озод теъдоди нашри «Садои мардум ба 260 000 мерасад» [9]. Табақаҳои гуногуни мардум рӯзномаро хонда ва бештар дар алоқамандӣ ба вазъи сиёсии ҷомеа ба масоили сиёсию миллӣ диққат медодаанд. Дар рӯзнома фарогирӣ ва нашри матолиби сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки ба сарнавишти миллат пайванд мехӯрад, тадриҷан афзоиш ёфтааст, ки ин омили дигари гароиши омма ба ин нашрия будааст.

Рӯзномаи «Садои мардум», ки тобеияти сиёсӣ ва идорӣ доштааст, яъне нашрияи парлумонӣ буда, тадриҷан ба тарзи нави инъикоси воқеиятҳо иқдом намудааст. Ба ин раванд аз байн рафтани сензура ва озодӣ дар интишори матолибе, ки аҳаммияти миллӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ доштанд, мусоидат намудааст. Дар маҷмуъ, нашрияи «Садои мардум» хусусияти таълимию таблиғотӣ пайдо карда, дар шаклгирии дидгоҳҳои умумӣ ва озод муассир омадааст.

Ба ин тартиб, дар заминаи таҳқиқ ва арзёбиҳое, ки анҷом гирифт, метавон ба хулосаҳои зер омад:

а) заминаи таърихӣ ва омили аосии пайдоиш ва ташаккули рӯзномаи «Садои мардум», пеш аз ҳама, вазъи сиёсиву иҷтимоии солҳои навадуми садаи бисти шуравии собиқ ва Тоҷикистон мебошад;

б) дар ташаккул ва таҳаввули ин равиш омилҳои таърихии суннатии озодандешиву миллатдӯстӣ ва таҷрибаи матбуоти даврии давраҳои гуногун низ муассир будааст;

в) рухи озодандешии ҷомеаи солҳои навадум низ яке аз омилҳои шаклгирии нашрия мебошад;

г) ниҳоят, Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва мусоидати ҳукумати вақт ба тавсеаи фазои иттилоотии кишвар, кафолатҳои ҳуқуқӣ дар мисоли қонунҳои танзимкунандаи ВАО, таваҷҷуҳи мардум ба матбуоти даврӣ ва сифати нашрияи «Садои мардум» заминаҳои муҳимми таърихӣ ва омилҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳангие буданд, ки ба зуҳур ва ташаккулу таҳаввули минбаъдаи нашрияи даврии парлумонӣ мусоидати комил кардаанд.

## 1.2. Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон

Марҳилабандии таърихи матбуоти тоҷик, аз ҷумла, давраҳои инкишофи ин ё он нашрия аз масъалаҳои муҳимми назарӣ ва амалии соҳа буда, аз тарафи муҳаққиқон, асосан, бо назардошти ҷанбаи амалӣ ва илмии ин мушкилот то

ҷойе ҳаллу фасл шудааст. Дар таҳқиқҳое, ки доир ба ин масъала анҷом гирифтаанд, муҳаққиқон, асосан, бар асоси хонадонҳои фармонраво, сабқати замон, рӯйдодҳои таърихӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва давраҳои оми таърихӣ марҳалаҳои матбуоти даврии тоҷикиро даврабандӣ кардаанд, ки дар бештарин маврид хостори марҳалабандии таърихии иҷтимоӣ будаанд. То ба имрӯз ин масъала аз нигоҳи равишшиносӣ ба сифати падидаи ҳунариву иттилоотӣ ҳаматарафа баррасӣ ва арзёбӣ нашудааст. Ҳол он ки марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули матбуоти даврӣ, минҷумла, нашрияҳои алоҳида, аз нигоҳи муҳтаво ва шакли бозтоби масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, бахусус мавзуъ, мазмун, дарунмоя, василаҳои иттилоърасонӣ, абзори баён, наҳваи инъикоси воқеиятҳо, тасвир ва таҷассуми чеҳраҳои мушаххас аз ҳам фарқият дошта, мухтассоти ҳар марҳаларо дар худ инъикос менамоянд. Ба ифодаи дигар, маншаи ҳамаи дигаргуниҳоро дар ҳар марҳалаи инкишофи матбуот ё нашрияҳои алоҳида, пеш аз ҳама, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давра муайян ва мушаххас карда, дар шаклгирии ин соҳа таъсир мегузорад.

Зимнан, бояд таъкид кард, ки таърихи матбуот ё пайдоишу ташаккули ин, ё он нашрияро чун падидаи вижа ва мустақил марҳалабандӣ кардан ба он маънӣ нест, ки мо аз равишҳои дигар кор нагирем. Дар ин замина, мо дар сурате ба ҳадаф мерасем, ки аз дигар шеваҳои марҳалабандӣ, аз ҷумла, равиши марҳалабандӣ бар асоси мушаххасоти ҳунарӣ, вижагиҳои мактабҳои рӯзноманигорӣ, ҳамчунон бар асоси рӯйдодҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва бар асоси давраҳои оми таърих ба қадри лозим истифода кард. Таҳқиқҳои дар ин замина анҷомгирифта нишон медиҳанд, ки дар таҷрибаи муҳаққиқони мо асосан марҳалабандӣ бар асоси рӯйдодҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ коромад будааст, ки ба ҳалли ҷомеи мушкилот мусоидат наменамояд. Дар ин равиш таҷрибаи И. Усмонов, Д. Давронов (127), М. Муродов (87) ва Қ. Шарифзода (142) дар шинохти марҳалаҳои таърихи матбуоти тоҷик ва нашрияҳои алоҳида то ҷойе қобили мулоҳиза мебошад.

Ба ин тартиб, марҳалаҳои асосии ташаккул ва таҳаввули нахустин нашрияи парлумонии кишвар «Садои мардум»-ро, чунончи, ишора рафт, пеш аз ҳама,

тағйиротҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар давраи бозсозии горбачёвӣ, замони таъсиси рузнома ва солҳои минбаъдаи мавҷудияти он ҷараён дошт, мушаххас месозад. Аз ин ҷиҳат, дар алоқамандӣ бо вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ, равиши хоси инкишоф ва дар тули солҳо чеҳраи хоси касбии худро пайдо кардани нашрия се марҳилаи муҳимро дар шаклгирӣ ва таҳаввули тадриҷии он метавон муайян ва мушаххас намуд, ки солҳои 1991-2000, 2000-2010 ва аз 2010 то рӯзҳои моро дар бар мегирад. Роҳи тайкардаи рӯзнома дар ҳар марҳала хусусиятҳои хоси худро дошта, баёнгари чеҳраи мушаххаси ҳирфаии нашрияи парлумонии Тоҷикистон мебошад, ки ҳар кадомеро ба таври алоҳида аз назар мегузаронем.

**Марҳалаи нахустини** ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» аз соли 1991 – замони таъсис ва нашри ин рӯзномаи парлумонӣ оғоз ёфта, то соли 2000, яъне даҳ сол идома ёфтааст. Ин марҳалаи хос ва муҳимми раванди шаклгирӣ, инкишоф ва таҳаввули шаклию мундариҷавии нашрия зери таъсири воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замон, бахусус давраи ошкорбаёнии горбачёвӣ, истиқлоли Тоҷикистон, ҷанги ҳамватанӣ, нооромиҳои кишвар, талошҳои сулҷӯйӣ, фаро расидани сулҳу оштӣ ва ваҳдати миллӣ шакл гирифта, махсусиятҳои сохтори идорӣ, мундариҷавӣ, таблиғотӣ ва фаъолияти ҳирфаии нахустин нашрияи парлумонии мамлакатро дар тули даҳ соли фаъолият бозгӯ менамояд.

Дастоварди асосии бозсозӣ озодии баён ва ислоҳоте, ки Горбачёв М.С. дар ин замина ба вуҷуд овардааст, «озодии баёнро ба озодии воқеии матбуот» [36, 15] табдил кард ва ин равиш марҳалаи асосии инкишофи матбуоти даврии тоҷикӣ, аз ҷумла, нашрияи «Садои мардум»-ро дар ин давра муайян ва мушаххас намуд. Ҷараёни таъсиси рӯзнома, интихоби сармуҳаррир, ҳайати таҳририя, ташкили сохтори идорӣ ва ниҳоят дастгирии бевоситаи раҳбари аввали ҷумҳурӣ Қ. Маҳкамов аз чоп ва интишори ин рӯзнома аз омилҳои таҳрикбахш ва марҳаласози нашрия дар ин давра мебошанд.

Дар давоми солҳои 1985-1991 қабули қонунҳои асосӣ дар бораи ҳуқуқи инсон, ташкилотҳои динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, матбуот ва тартиби сафар аз СССР

омили дигари заминагузор барои инкишофи матбуоти даврӣ, бахусус, таъсис ва шаклгирии нашрияи парлумонии Тоҷикистон «Садои мардум» дар ин марҳала буда, нақш ва ҷойгоҳи рӯзномаро тадриҷан дар муҳити иттилоотии кишвар муайян намудаанд. Матбуоти даврӣ дар ин марҳала озодии демократиеро ба даст овардааст, ки барои ҷомеаи онзамонии шуравӣ ғайриинтизор буд. Дар ҳамин марҳала, ки ҳанӯз «компанияи хомӯшигузинӣ ва иттилоотрасонии дурӯғин» [36, 15] фаъолона амал мекард, «Садои мардум» бо мавқеъгирӣ дар фарогирӣ ва нашри иттилооти барои ҷомеа муҳим ҳамчун нашрияи парлумонӣ дар ҷомеаи тоҷикон нақши марҳалавиро иҷро мекардааст. Сармуҳаррири нашрия Б. Абдулвоҳид, ки баъд аз М. Шерализода ва М. Мирбобозода маҳз дар ҳамин марҳалаи ҳассос ба рӯзнома раҳбарӣ намудааст, дар мақолаи «Сухан санҷида гуфтем, калом дониста суфтем» оид ба даҳсоли мавҷудият ва фаъолияти ин рӯзнома сухан карда, аз ҷумла, навиштааст: «Истиқлол неъмати бебаҳо, ҷомаи амал пӯшидани орзую ормонҳои ҳазорсолаи тоҷик, то ҷойе ҳақро ба ҳақдор расонидани таърих нисбати миллати сарбаланду баору номуси мо, натиҷаи азму талошҳои огоҳонаи фарзандони барӯманди сарзамини тоҷик баҳри соҳибихтиёрӣ, соҳибдавлатӣ ва ояндаи неки халқу кишвар аст. «Садои мардум» – нашрияи парлумони Тоҷикистон, маҳз, дар чунин шароити ҳассоси сиёсӣ ва заминаи руҳияи фарогири табдили ҳокимияти давлатӣ ба миён омад ва тули даҳ сол дар амри амалӣ сохтани сиёсати давлат, парлумон ва ҳукумати кишвар хидмат кард. Риояи одоби касбӣ, дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунанда навиштану ба нашр расонидани ҳар сатру калима, аз хабари хурд то очерку мақола ва мусоҳибаю лавҳа дар пешорӯйи ҳар қаламкаш ва муаллифони алоқаманди «Садои мардум» побарҷост. То ҷойе имкон буд, аз нӯги қалам сатри ҳақиқат рӯйи коғаз омад, ҳарфи садоқат ба халқи шарафманд гуфта шуд, ҳар сухан ҷойеву ҳар нукта мақоме дошт. Тафовут дар сафед будани шир ва сиёҳ будани ангишт ҳақиқати бебаҳс буд. «Садои мардум» даҳ сол рӯзномаи рӯйимизӣ – сарчашмаи нашри ҳам қонунҳои қабулкардаи парлумони мамлакат боқӣ монд ва саранҷом аз соли 1994 то имрӯз теъдоди нусхаҳои он рӯ ба афзоиш овард» [1, 158-159].

Б. Абдулвоҳидов дар мақолаи зикршуда, ки порае аз онро иқтибос кардем, дастовардҳои ин нашрия дар марҳалаи аввали фаъолият ва нуфузи маънавию иттилоърасонии онро дар ҷомеа ба таври мушаххас ёдрас ва арзёбӣ намудааст.

Рӯзномаи «Садои мардум» ба ҳайси нашрияи парлумонӣ аз аввалин рӯзҳои фаъолияти худ сар карда, ҳамчун «минбари халқ ва барои халқ» фаъолият намудааст. Дар ин марҳала, нашрия яке аз аввалин рӯзномаҳое маҳсуб меёфтааст, ки на танҳо ба суннати озодии матбуот ва ошкорбаёнӣ пойбанд будааст, балки ба ҳуқуқи шаҳрвандон барои дарёфти иттилооти лозима арҷ мегузоштааст. Ин паҳлуи фаъолияташро нашрия дар асоси санадҳои меъёрии касбиву ҳуқуқӣ ба роҳ мондааст, ки асоси онро принсипҳои матбуоти демократӣ ташкил медиҳанд. Ҳарчанд тобеияти нашрия дар ин марҳала ба муассис равшан ба назар мерасид ва табиист, ки наметавонист аз амру фармони муассис фосила гирад, вале инъикоси мустақилонаи иттилоот ва ҳуқуқ ба баёни андеша аз меъёрҳои бунёдӣ ва касбии нашри иттилоот дар саҳифаҳои рӯзнома аст.

Дар нахустин шумораи нашрия сармуҳаррир Муродулло Шерализода ҳадафи ҳирфаии рӯзномаро дар интишори иттилоот ба тариқи зер ёдрас карда, дар хитоб ба хонанда гуфтааст: «Садои мардум» минбари халқ ва барои халқ аст. Дар саҳифаҳои он барои чапгароиву ростгароӣ, барои моҷароҷӯйиву фитнаангезӣ, хусумату ниқоргирӣ ва таҳрифи ҳақиқат ҷой нахоҳад буд. Агар идораи рӯзнома яке аз додрасҳо бошад, пас «Садои мурдум» ба хотири табдил ёфтан ба додгоҳи воқеии Шумо устуворона пайкор хоҳад кард» [144]. Чунин мавқеият фаъолияти нашрия ва кормандони онро дар марҳалаи нахустини табъу нашр, ки давраи ҳассос ва пурпечу хами таърихи кишварро дар бар мегирад, зери таъсири худ қарор додааст. Аз ин ҷиҳат, дар марҳалаи зикршуда нашрия ва ҳайати эҷодии он талош кардаанд, ки ба қавли яке аз кормандони собиқадори нашрия А. Муродов, «манзалат ва обрӯю нуфузи рӯзномаро боло баранд ва чуноне вақт нишон дод, ин кор барояшон муяссар гардид» [82]. Ба ифодаи дақиқтар, хусусияти асосии инкишофи рӯзномаи «Садои мардум»-ро дар ин марҳала минбари ҷараёни ошкорбаёнӣ қарор гирифтани он муайян ва

машаххас менамояд. Нашрияи «Садои мардум» таҷрибаи баъзе рӯзномаҳо, аз ҷумла, «Маориф ва маданият»-ро дар инъикоси масъалаҳои марбут ба сарнавишти миллат, забон ва фарҳанги тоҷикон идома дода, бештар ба нашри мақолаву мусоҳиба ва дигар намуди иттилоот оид ба ҳифзи ҳуқуқи тоҷикон иқдом намудааст, ки пеш аз бозсозӣ дар ин боб гуфтану навиштан душвор буд. Аз шумораи аввалини нашрия сар карда, аз саҳифаҳои рӯзнома «садои дили мардум ба гӯш» [74] мерасад. Рӯзнома муҳимтарин мавзуъҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба муҳокимаи ом гузошта, ба ин васила, барои амалӣ сохтани барномаҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла, бунёди манзил, иншоотҳои фарҳангию маишӣ ва дигаргун сохтани сохти иҷтимоии ҷумҳурӣ саҳм гузоштааст.

Дар ин марҳала, масъалаҳои сулҳу ваҳдати миллӣ, гурез аз тафриқаандозӣ, хусумат ва бадбинӣ низ аз мавзуъ ва масъалаҳое будаанд, ки рӯзномаи «Садои мардум» ба интишори онҳо талош кардааст. Аз ин ҷиҳат, дар шумораи нахустини рӯзнома нашр шудани мусоҳибаи Шариф Ҳамдампур бо Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Қадриддин Аслонов бо номи «Роҳи наҷотро дар ваҳдат мебинам» тасодуфӣ набуд. Фарогирии мавзуи сулҳу ваҳдат, пешрафти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ дар ин марҳала аз ҳадафҳои асосии таблиғотии рӯзнома будааст, ки дар саҳифаҳои нашрия воқеъбинона ва ҳақшиносона мавриди қазоват ва таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст.

Чунон ки М. Муродов дуруст ба мушоҳида гирифтааст, дар ин марҳала, масъалаҳои «дастрасӣ ба ҳокимият, бархурди манфиатҳои шахсӣ ва маҳаллӣ» [87, 22] низ дар саҳифаҳои нашрия ба мунозира кашида шуда, тадриҷан баҳсҳои тезутундеро ба вуҷуд овардааст, ки мақолаи С. Ҳалимшо «Миллати созанда ё сӯзандаем?» намунаи он мебошад. Вале ин мушоҳидаи муҳаққиқ чунин маънӣ надорад, ки дар ин марҳала нашрияи «Садои мардум» аз ҳадафи аслии худ – барқарории сулҳу оромиши ҷомеа фосила гирифта бошад. Ба қавли М. Муродов, «Тадриҷан дар матбуоти ин солҳо, хусусан нашрияҳои расмӣ, вазифаи сулҳоварӣ бартарӣ пайдо карда, масъалаҳои сулҳу ваҳдат ва ризояти миллӣ мавзуи асосӣ гардид. Агар ба ақидаи баъзе сиёсатшиносон, ки «матбуоти

айёми бозсозиро шӯрандозанда ва алангадиҳандаи ҷанги шаҳрвандӣ» меҳисобанд, мутмаъин шавем, пас, метавон гуфт, ки матбуоти солҳои аввали замони истиқлол дар барқарории сулҳу баҳамоии мардум нақши муҳим гузоштааст» [87, 22-23]. Ба ин тартиб, мазмуну мундариҷаи рӯзномаи «Садои мардум» далели он аст, ки дар шаклгирии раванди ҳамдигарфаҳмӣ нақши таъсиргузор дошта, ин тамоюли касбӣ хусусиятҳои хоси инкишофи мундариҷавию ғоявии нашрияро дар марҳалаи мавриди назар муайян менамояд.

Дар марҳалаи аввали инкишоф рӯзномаи «Садои мардум» бо фарогирии маводди иттилоотӣ ва ҳам моҳияти иқдомҳои таблиғотӣ дар ҷомеаи он рӯзгор мавқеи хос пайдо карда, «ба манбаи муҳимми таъсиргузори хабаррасонӣ табдил меёбад» [118, 26]. Чунонки муҳаққиқ М. Султонов низ мушоҳида кардааст, «тафовути рӯзномаи «Садои мардум» аз дигар нашрияҳои ҳукуматӣ дар он буд, ки диққати асосиро ба инъикоси ҳамоишҳои умумӣ равона карда, дар саҳифаҳои он воқеиятҳои ҳар ду майдон инъикос ёфтааст» [118, 27]. Аз ин ҷиҳат, ҳақ ба ҷониби И. Усмонов ва Д. Давронов аст, ки доир ба мавқеи нашрия дар ин марҳала навиштаанд: «Садои мардум» дар воқеаҳои солҳои 1991-1992 дар ҷумҳурӣ ягона рӯзномае буд, ки ба давлату ҳукумати қонунӣ содиқ монд ва ба туфайли ин рӯзнома хонандагон аз ҳақиқати воқеаҳо бохабар гаштанд. Ҳамин ҳақиқатнигории рӯзнома буд, ки баромадҳояш на ба ҳама писанд меомад. Аз ин рӯ, душманони сухани росту ҳақиқат сармуҳаррири рӯзнома Муродулло Шерализодаро ҳадафи тири худ қарор доданд. 5-уми майи соли 1992 ин рӯзноманигори ҳақиқатпараст ба қатл расонда шуд. Вале рӯзномаю коллективи эҷодии он аз роҳи ҳақиқатнигорӣ рӯ натофт» [127, 251]. Ҳамин роҳро рӯзнома ва ҳайати эҷодии он дар марҳалаи мазкур, ки ба давраи ҳассоси ҷанги шаҳрвандӣ ва баъди он рост омад, низ идома дода, дар интишори иттилоот ва инъикоси вазъи воқеии сиёсиву иҷтимоии ҷумҳурӣ мавқеи рост ва устувори ҳирфаии худро ҳифз карда тавонистааст, ки муҳимтарини он пахши иттилооти беғаразона ва ҳақиқатнигорона ба манфиати якпорчагии Тоҷикистон ва ваҳдату осудагии сокинони он мебошад.

Дар ин марҳала нашрияи «Садои мардум» робитаашро ба хоннандагон қавӣ сохта, аз нигоҳи муҳтаво ва теъдоди нашр нисбат ба дигар рӯзномаҳо бартарӣ пайдо кардааст. Адади нашри рӯзнома бино ба навиштаи Ш. Ҳамдампур, «обунаи маҷбурӣ не, фурӯши озод» дар оғози марҳалаи аввал ба 260 000 расид [111]. Ин баёнгари нуфузи рӯзномаи «Садои мардум» дар фазои иттилоотии он замони кишвар мебошад.

Дар ҷамъбаст ва таҷлили даҳсолагии марҳалаи аввали фаъолияти нашрия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар табрикномаи худ «Ба ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» навиштаанд: «Рӯзноманигорони азиз!. Даҳ соли фаъолияти эҷодии «Садои мардум» бо сарнавишти давлату миллати Тоҷикистони соҳибистиқлол тавъам мебошад.

Дар ин давра, рӯзнома орзую омол, марому ормонҳои халқ, раванди эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муҳити солиму созанда, ваҳдати миллӣ ва эҳёи тамаддуни ғании миллатро дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ инъикос намуд.

Матбуоти пурқуввату пешқадам обрӯи ҷомеаро меафзояд. Дар ҷодаи пешрафт рӯзноманигорон низ бо сухану иқдоми созандаашон саҳмгузоранд. Ман матбуотро чашму гӯши халқ номидаам, ки бесабаб нест. Зеро он бояд аз замон пештар қадам занад, дуртарро дида тавонад, ояндаро пеши назари ҳамватанон падид оварад. Рӯзноманигорон дар назди халқу Ватан масъулияти бузург доранд ва бояд ҳамеша дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунанда фаъолият намуда, суханро санҷидаву некбинона гӯянд, хушбахтию озодиҳои мардум, рафъи камбудиҳои дар ҳаёт ҷойдоштаро пайваста дар мадди аввал гузоранд.

Бояд таъкид намуд, ки давлат дар шароити нави таърихӣ барои камолоти матбуоти даврӣ шароити заруриро фароҳам меорад. Фаъолияти рӯзномаю маҷаллаҳо дар фазои демократия, табқи қонунҳое, ки бо назардошти меъёрҳои байналмилалии озодии сухан қабул шудаанд, ҷараён дорад. Мо ин падидаро яке аз дастовардҳои низоми демократии ҷомеа меҳисобем. Демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ваҳдату якдилӣ, ободию созандагии Ватани ягонаи мову шумо,

Тоҷикистони азиз, мавзуъҳои асосии матбуоти кишвар, аз ҷумла, «Садои мардум» гардидаанд.

Итминони комил дорам, ки минбаъд низ ба халқу сарзамини худ аз рӯйи назокатҳои касбӣ ва виҷдони покиза хозмат хоҳем кард. Ҳамаи кормандон ва алоқамандони рӯзномаро бо санаи фархундаи 10-солагии таъсисёбии «Садои мардум» самимона муборакбод менамоям.

Комёбу сарбаланд бошед!» [109].

Ин баҳои раҳбари давлат ба хизматҳои рӯзнома, ки дар марҳалаи ҳассос ва сарнавиштсоз ироа шудааст, ҳамчун нишонаи қадршиносӣ ба равиши асосии ҷустуҷӯҳои ҳирфаии ҳайати эҷодии рӯзнома дар марҳалаи дувум ва савуми инкишофи он низ бетаъсир набудааст.

**Марҳалаи дувуми** фаъолияти нашрияи «Садои мардум», ки солҳои 2000 ва 2010-ро дар бар мегирад, маҳз, зери таъсири раҳнамоиҳои ояндабинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чеҳраи ҳирфаи худро такмил бахшида, дар фазои иттилоотии кишвар ҳамчунон ҷойгоҳи рафеи худро ҳифз намудааст. Муҳимтарин хусусияти фаъолияти нашрия дар ин давра низ дастгирӣ ва таблиғи хатти расмии сиёсати давлат, аз ҷумла, Президенти ҷумҳурӣ ва Парламенти кишвар буда, ба таври мунтазам дар як ҳафта аз ду то панҷ маротиба, ба андозаи «бештар аз 20 ҳазор» [128, 17] нусха ба чоп расидааст. Ҳамчунин, мисли марҳалаи қаблӣ дар ин солҳо низ нашрия сохтори идорӣ ва иттилоотии худро асосан, аз ҳисоби маблағгузории ҳукумат ва обунаву фурӯши озод ҳифз намуда, такмил бахшидаст.

Муқоисаи шумораҳои дар байни солҳои 2000 ва 2010 нашршуда нишон медиҳад, ки рӯзномаи «Садои мардум» дар ин марҳала фаъолияташро дар асоси ойинномаи дар соли 2001 қабулшуда ба роҳ монда, дар тули фаъолияти иттилоърасониаш ҳамеша ба хостаҳои он содиқ будааст. Ба ифодаи саҳеҳтар, ҳадафҳои барномавӣ ва самтҳои асосии фаъолияти нашрияро дар ин марҳала, пеш аз ҳама, масъалаҳои зерин мушаххас сохтааст, ки аз ҳадафҳои ҳирфаии нашрия берун меояд:

– инъикоси фаъолияти маҷлиси Олӣ – Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлисҳои миллиии вакилони халқ;

– таблиғи тағйирнопазирии шакли идории ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ ва демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ будани давлат;

– фарогирӣ ва инъикоси ваҳдати миллӣ, волоияти қонун, арзишҳои башарӣ, таблиғ ва арзёбии ғояҳои демократӣ, сулҳ, ваҳдат, инсонпарварӣ ва умумибашарӣ;

– мусоидат намудан ба ҳамсозии равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии сокинони Тоҷикистон дар заминаи эҳтироми ҳуқуқ ва озодии шахс, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ намудаанд;

– таблиғи озодиҳои инсон, ғояҳои дӯстӣ ва ҳамбастагии тамоми миллату қавмиятҳои ҷумҳурӣ, ваҳдат ва ризоияти шаҳрвандӣ дар кишвар.

Дар марҳалаи мазкур нашрия уҳдадориҳои худро ҳамчун нашрияи парлумонӣ бо камоли масъулият иҷро карда, дар ин равиш ҳуҷҷатҳои расмӣ, мақолаву асарҳо ва дигар маводди лозимии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои миллӣ дар савияи баланди касбӣ нашр намудааст. Ҳамчунин, инъикос ва шарҳи ҳаққонии воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ низ равиши усулии фаъолияти рӯзномаро чун нашрияи парлумонӣ муайян ва мушаххас менамояд, ки аз имтиёзоти ҳирфаии нашрия дар ин марҳалаи фаъолият мебошад.

Дар ҷараёни таҳлили эмпирикии иттилооти дар рӯзнома нашршуда мушаххас гардид, ки нашрия дар ин марҳала тавонистааст чеҳраи сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар ва омилҳои таҳрикбахши пешрафти онро бо назардошти ҳадафҳои ояндабинона таҷассум намояд. Дар ин равиш тамоюли таблиғии иттилооти баҷопрасида афзалият дошта, чеҳраи ҳирфаии нашрияро дар назари хонанда таъсиргузор месозад, ки низ аз имтиёзоти ҳирфаии табъу нашри иттилооти лозима мебошад.

Дар ин марҳала, нашрияи «Садои мардум» тавонистааст, ки бо нашри иттилооти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳадафҳои созандагии роҳбари давлат ва парлумони кишварро дастгирӣ карда, вазъи воқеии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро ҳақиқатнигорона инъикос намояд. Муқоисаҳо нишон дод, ки дар ҳар шумораи индавраинаи рӯзнома дар баробари нашри хабарҳои расмӣ аз фаъолияти хирадмандонаи Президент, Ҳукумати мамлакат ва ниҳоди қонугузори он, ҳисоботи расмии вакилон (депутатҳо), ҳамчунин, дар бораи вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, нақши шахсиятҳои алоҳида дар пешрафти он маводди зиёде ба табъ расонидааст, ки талаботи эҳтиёҷмандонро ба иттилооти дастнахӯрда қонеъ месозад. Ҳамин тамоюли эҷодӣ дар марҳалаи дуюми рушди нашрия нисбат ба давраи аввал бартарӣ дошта, мундариҷаи шумораҳои рӯзномаро дар фосилаи солҳои мавриди назар такмил бахшидааст, ки аз хусусиятҳои хоси таҳаввулоти ҳирфаӣ дар пахши иттилооти муҳим ва ҳадафманд аз ҷониби ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» мебошад.

Дар заминаи дастурҳои назарии равишшиносии илмию амалӣ, мо аз соли 2010 ба баъдро марҳалаи савуми ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» шинохтем. Дар ин марҳала низ, нашрия «роҳеро, ки поягузорону масъулони қаблии «Садои мардум» пеш гирифтаанд, ҳифз намуда, рушду такомул бахшидааст [12].

Вижагии дигари ҳирфаии нашрия, ба қавли сармуҳаррири индавраинаи он С. Асозода дар он аст, ки дар ин марҳала низ рӯзнома «дар сафи пеши муборизаи озодихоҳона, адолатпарварона, ҳувиятхоҳӣ ва қонунмеҳварӣ қарор дошта, тамоми ҷанбаи зиндагиро инъикос намуд, ҳамнафасу ҳамқадами мардум гардид. Фаъолияти ҷоннисоронаи Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кору пайкори шарафмандонаи мардуми кишвар саҳифаҳои онро зеб медоданду медиҳанд» [12].

Марҳалаи рушди пойгоҳи техникӣ ва касбии нашрия, ки ҳанӯз бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат пас аз соли 1992 шуруъ гардида будааст, дар ин

давра ташаккул ва таҳаввули чашмгир пайдо кардааст. Бо ташаббуси бевоситаи нашрия хабаргузории парлумонӣ ва робитаи Маҷлиси Олӣ бо омма такмил ёфтааст.

Рӯзномаи «Садои мардум» дар ин фосилаи замонӣ рушди адолату ҳақиқат, озодии сухан, маърифати ҳуқуқии омма, масоили мубрами зиндагиро замонат дода, ба тарзи ҷолиб ва таъсиргузору нишонрас ва мақбул ба маърази ом гузошт, ки равиши ҳирфаии рӯзномаро собит намудааст. Дар баробари рисолати худро ҳамчун нашрияи расмии парлумонӣ иҷро кардан, «Садои мардум» дар доираи мавзуъҳои парлумонӣ маҳдуд нагардида, бо нашри иттилооти гунргунмавзуъ доираи хонандагонашро тавсеа бахшидааст. Дар баробари принт ба роҳ мондани версияи электронӣ, роҳандозии саҳифаҳои ихтисосӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, таргет, истифода аз видео ва ғайра аз вижагиҳои фаъолияти ҳирфаии нашрия дар ин марҳала мебошанд.

Муқоисаи матолиби дар ин марҳала дар рӯзномаи «Садои мардум чопшуда низ баёнгари таҳаввулоти чашмраси он дар пахши иттилооти муҳим ва шаффоф дар ин марҳала мебошад. Нашрия усули озодии баёнро низ ба қадри имкон риоят намуда, дар ин марҳала, дар бораи фаъолияти сатҳи олии ташкилотҳои давлатӣ, раёсатҳо, кумитаҳо, идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ, воқеиятҳои ҷолиби сиёсию иҷтимоии алоқаманд бо сарнавишти ҷумҳурӣ, тавсеа додани сатҳи интиқод аз камбудиву норасоиҳои ҳаёти ҷомеа ва ғайра мутассил маводди ҷолиб ва таъсиргузорро ба чоп расонидааст, ки далели таҳким ёфтани равияи тоза дар таҷрибаи амалии табъу нашри иттилоот дар фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум» ва хидмати «фаъолона ва содиқона»-и ин нашрия ба ҷомеа [110] мебошад.

Ба ин тартиб, дар заминаи он чӣ гуфта шуд, метавон ба ин натиҷа расид, ки фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум» дар ҳар марҳалаи инкишоф хусусиятҳои хоси худро дошта, афзалияти ҳирфаӣ, бартарии нақши омилҳои миллии иттилоотӣ, такмили сохтори идориву ҳирфаӣ, муносибати муколамавӣ бо хонанда, кӯшиш барои соҳиби сиёсати иттилоотии худ будан вижагиҳои фаъолияти касбии нашрияро дар фазои иттилоотии кишвар собит менамояд.

## БОБИ II

# ВИЖАГИҲОИ ШАКЛИЮ МУНДАРИҶАВИИ НАШРИЯ

### 2.1. Вижагиҳои ороиш ва дизайни нашрия

Ороиш ва дизайн аз хусусиятҳои хоси сохтори шаклӣ ва зебоишиносии ҳар нашрия буда, дар маҳдудае амал мекунад, ки мавзуи имтиёз ва таъсиргузории он муҳим ба назар мерасад. Ба ин далел, назари аксари донишмандони соҳа дар ин боб яксон буда, аз ҷумла, А. Саъдуллоев ба ин натиҷа расидааст, ки «Саҳофат ва табоат дар дохили худ ҳамчунон ашколи гуногуни созмондиҳии техникию эстетикиро тақозо дорад, ки он ба шакли (қолиби) рӯзнома, ҷараёни таҳия ва шаклҳои таҳия, симои инфиродии рӯзнома ё маҷалла ва сохтори газета (конструксия, композитсия) тақсим мешавад» [114, 8].

Таҷрибаи нашрияҳои муваффақ далели ин аст, ки ороиши онҳо бояд моҳиятнок бошад. Ба ифодаи саҳеҳтар, пардохтани сирф ба тасвири зебо, бе он ки ба муҳтаво ва арзиши равоншиносонаи он таваҷҷуҳ шавад, дар қолиби ороиши матбуотӣ қарор намегирад, балки василае байни шакл (форм) ва калом аст, ки метавонад хонандаро маҷзуб кунад ва нашрия мақбули ӯ воқеъ шавад [90, 190-191]. Дар ин ҳол, моҳияти муҳтаво ва таносуби он бо сохтори дизайнии рӯзнома дар назари хонанда чандон эътибор пайдо намекунад.

Дар ин равиш, ба мушоҳидаи мо, таҷрибаи рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» аз бисёр ҷиҳат қобили мулоҳиза буда, он дар тули фаъолияти беш аз сисолааш танҳо ба ороиши моҳиятнок ва суварӣ пойбанд будааст, ки ин тамоюли ҳунарӣ, пеш аз ҳама, муҳтавои таъсиргузор ва равоншиносона дошта, хусусияти ҳирфаии сохтори ороишӣ ва дизайниии ин нашрияро дар таносуби комил бо мундариҷаи он муайян ва мушаххас менамояд. Ба қавли А. Саъдуллоев, афзун ва фаъол будани «рангорангӣ, мутанаввияти ҳуруф ва маҷмуи аломатҳои матбаа» шаклу мундариҷаи ботинӣ ва зоҳирии рӯзномаи «Садои мардум»-ро ғанӣ ва зебо сохта, ба он «маънии нодири публитсистӣ»

[114, 12] ато намудааст. Ҷустуҷӯҳои мудаввоми кормандони нашрия шакли графикии онро низ таъсиргузор сохта, рӯзнома аз ҷиҳати банду баст ва сохтори композитсионӣ дилкашу марғуб ва ҷанбаи зебоишиносии саҳифаю гӯшаҳо рангорангу ғанӣ гардидааст. Таҳқиқ ва муқоисаи шумораҳои дар солҳои гуногун нашршудаи рӯзнома собит месозад, ки ороиш ва саҳифабандии нашрия мувофиқи талаботи вақт ва хостаҳои доираи васеи хонандагон сурат гирифта, ҷузъи ороиш, ташкили сохтори нави графикӣ, тарзи таъсиргузори саҳифабандӣ ҷанбаи зебоишиносӣ ва равоншиносонаи рӯзномаро такмил бахшидааст.

Дар ин замина, хусусиятҳои дизайнии баъзе шумораҳои дар солҳои гуногун бачопрасидаи рӯзномаи «Садои мардум»-ро ба тариқи муқоисавӣ таҳқиқ, таҳлил ва арзёбӣ намуда, ҷустуҷӯҳо ва дарёфтҳои ҳунарии ҳайати эҷодии нашрияро ба таври мушаххас зикр менамоем.

Тавре дар боби аввал ишора шуд, аввалин шумораи рӯзномаи «Садои мардум» рӯзи сешанбеи 1-уми январи соли 1991, дар матбааи «Нашриёти КМ ҲК Тоҷикистон» бо теъдоди 20 ҳазор нусха ба чоп расидааст, ки шакли хоси дизайнии мутаносиб бо мазмуну муҳтавои нашрия дорад. Ҷузъи ороишии ин шумораи рӯзнома як ҳиссаи муайян ва таъсиргузори шакли зоҳирии онро ташкил медиҳад, ки дар интишори мундариҷа ва таъиноти он мавқеи хос дошта, хусусияти дизайнии рӯзномаро нисбат ба дигар нашрияҳои он замон мутафарриқ ба назар менамоёнад, ки ин тамоюл аз вижагиҳои хоси ҳунарӣ ва ҳирфаии нашрия дар давоми се марҳалаи фаъолияти эҷодӣ мебошад.

Аввалин чизи ҷолибе, ки дар нахустин шумораи рӯзнома ба чашм мерасад, дизайни саҳифаи аввали нашрия мебошад. Ҳарчанд дар матбуоти даврии он замон, бахусус ибтидои солҳои навадум, дар ороиши саҳифаи аввали рӯзнома тарзи таҳияи маъмулӣ ва анъанавии хоси рӯзномаҳои ҳизбию давлатии шуравӣ – «Правда» ва «Известия» бетаъсир набуд, бо вуҷуди ин, равиши ороиш ва саҳифабандиву тарҳи зоҳирии «Садои мардум» хусусияти хоси худро дорад ва он нусхабардории маҳз аз рӯзномаҳои зикршуда нест.

Саҳифаи аввали нахустин шумораи рӯзнома ба назар рӯйи инсонеро мемонад, ки қарор аст хонандагон бо ӯ ҳамсуҳбат шаванд. Ба ифодаи

муҳаққиқи ин соҳа Беҳрӯзи Мусавӣ, дар таҷрибаи ин рӯзнома «Сурати инсон дар ҳукми ҳувияти тасвирии ӯст. Ҳар нашрияе метавонад дорои ҳувияти тасвирӣ бошад. Дар нигоҳи аввале, ки хонанда ба рӯзнома дорад, рӯзнома низ бояд ба хонанда нигоҳ кунад, ин бархурди аввал бисёр муҳим аст. Яъне зовияи диди тасвири рӯйи он бояд он чунон бошад, ки мо тамомии «компузитсион»-и онро дар як нигоҳ бубинем. Аз назари график тамомии шаклҳо ва навиштаҳо дар ҳукми як тасвиранд ва дорои зовияи дид ва нигоҳ. Бояд иҷоза дод хонандагон рӯзномаро, ки мо ҳастем, роҳат ва зуд бубинанд. Агар нигоҳи тасвир ба самти рост ё ба чап аст, бояд тавҷҷуҳ дошт, ки ба ҳар ҳол, тасвир ба атфи рӯзнома ё... нигоҳ накунад. Атфи рӯзнома ё... баробар аст бо ду хатти рӯзнома ё... шероза – часбу баст, яъне атф, интиҳои як ҷодаи бунбаст аст» [90, 191].

Ҳамин тавр, рӯзномаи «Садои мардум», пеш аз ҳама, хонандаро аз тариқи тасвир, ки ба самти рӯзнома нигоҳ мекунад, ба ҷодаҳои нав, сарзаминҳои ҷадид ва дарёфти маънию мухтавои тоза ҳидоят мекунад. Табъан барои ин гуна рӯзнома дар дараҷаи аввал, нигоҳ ба хонанда ва дар дараҷаи дувум, нигоҳ ба самти рост хоҳад буд. Аз ин назар, бисёре аз рӯзномаҳо, аз ҷумла, «Садои мардум» дорои ҳувияти ороишӣ ҳастанд. Гоҳ хонандагон дар интизори дидани ин чеҳраҳои ошно ва шунидани ҳарфҳои тозаи онҳо шавқи зиёде аз худ нишон медиҳанд, лаҳзаҳои интизор дар қисме аз хонандагон ба кундӣ мегузарад, вале пур аз шавқи дидор аст. Ин як муваффақият аст, ки ҳувияти тасвирӣ дилбастагии суварӣ эҷод кунад ва мо пазирои ҳарфҳои тоза ва рангини рӯзнома шавем.

Рӯзномаи «Садои мардум» аз аввалин шумораաш сар карда, то ҳудуде аз сабки тасвирӣ ва навишторӣ ҳадафмандона пайравӣ кардааст. Нашрия дар ороиши саҳифаҳои худ аз акс ҳам истифода кардааст, вале чандон зиёд не. Шакли титрҳои шумораи аввали рӯзнома низ яксон, кӯчак ва бидуни пироя аст. Ба ин тартиб, «Садои мардум» аз ибтидо рӯзномае будааст, ки аз лиҳози шакли зоҳирӣ ҷилваи классикии рӯзномаи «Маориф ва маданият»-ро ҳам ҳифз карда ва ҳам таҳаввул бахшидааст. Графики матбуотӣ ва тарзи сафҳаороии

муҳофизакорона, аз лиҳози мутолиа андаке душвор ва гоҳе ҳама матолиби он таъсиргузор ва ҷиддӣ ҳастанд. Дар ҳар ҳол, ба ҷиҳати ҳамон ҳувияти тасвирӣ, ки аз шумораи аввал таъсиргузор будааст, ин рӯзнома ба рӯзномаи хеле ҷиддии парлумонӣ табдил ёфта, шуҳратёр гардидааст. Дар тули фаъолияти беш аз сисола мудирияти рӯзнома медонистааст, ки тағйири ҳувияти тасвирӣ ва мудерн кардани зоҳири рӯзнома хатаре беш нест, то ба он ҳад, ки агар зоҳири худро тағйир диҳад ва сафҳаоройӣ ва графики худро ба куллӣ дигаргун созад, алоқамандони худро ба ҳайрат хоҳад овард. Агар чунин мешуд хонандагон ба он эҳсоси бегонагӣ мекарданд ва бад-ин тартиб, рӯзнома мавқеияти қаблиашро аз даст медод, ки бегумон ин ҷуз шикаст чизи дигаре нахоҳад буд.

Ҳамин тавр, аз оғоз, ба таъбири муҳаққиқ А. Саъдуллоев, «ҳамакорагӣ, универсалӣ будани ҷузъи ороиш» [114, 14] хусусияти асосии сохтори тасвирии рӯзномаи «Садои мардум»-ро муайян менамояд, ки дар марҳалаҳои баъдӣ зина ба зина ташаккул ва таҳаввул ёфтааст. Дар шумораи нахустин унвони рӯзнома – «Садои мардум» низ ҷузъи ороиш буда, дар зери он омадани шакли тасвирии он бо ҳуруфи форсӣ низ василаи таъсиргузор ба мафкураи хонандаи он рӯзгор будааст. Дар саҳифаи аввал ҳуруфи унвони мавод низ ҳамчун ҷузъи ороиши рӯзнома нақши тасвирӣ ва ҷойгоҳи ғоявӣ доранд. Ба ифодаи дигар, ин ҷузъи ороиш аввал сарлавҳаро ороста, сипас, таъиноти маънавиашро мушаххас ва таъсиргузор сохтааст. Ба ҷуз саҳифаи аввал, шакли кегл (ҳарфи бузургҳаҷми нашрия) дар саҳафоти баъдии рӯзнома низ нақши ороишӣ ва таъсиргузор дорад. Дар ин замина, метавон аз тарзи ороиши матни муроҷиати солинавии Президенти ИҶШС ба халқи шуравӣ ёд кард, ки дар оғози он омадани расми М. Горбачёв ва арзу тули интихобии он ба мавод ҳусни тасвирӣ ато намудааст. Дар ин замина, тарзи ҷойгиршавӣ ва ороиши унвону интихоби ҳуруфи матни ёдшуда ва мурочиати Президенти ҶШС Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов «Кӯш, то халқро ба кор оӣ» низ ҷолиб буда, матни мусоҳибаи Шариф Ҳамдампур бо раиси Шурои Олии Тоҷикистон Қадриддин Аслонов зери сарлавҳаи «Роҳи наҷотро дар ваҳдат мебинам», шеъри Амонбек Шоҳзода «Дар зодрӯзи «Садои мардум», мурочиати сармуҳаррири рӯзнома М. Шералиев таҳти унвони

«Сухане чанд ба ҳаводорони рӯзнома» ва дигар мавод ин равиши тасвирӣ ва маънавии нашрияро такмил бахшидааст, ки хусусияти хоси графикии нашри маводро мушаххас месозад.

Аз ҷумла, аз нахустин шумора сар карда, нашрия дар интихоби ҳуруфи сарлавҳа ва андозаи он, ҳаҷми нашрия ва танзими саҳифаҳо, усули интихоби ранг, фазои холӣ ва ғайра равиши хоси ҳирфаиро пеш гирифта, мутобиқи талаботи ороиши графикии матбуоти даврӣ рӯзнома саҳифабандӣ шудааст. Дар ин замина, корбурди ҳуруфи сарлавҳа бозгӯйи диққат ва бархурди ҳирфаии рӯзнома ба тарзи ороиши нашрия мебошад. Аз ин ҷиҳат, сарлавҳаоройӣ, ки аз пачидатарин рукнҳои таҳияи рӯзнома ва ороиши рӯзнома ба шумор меояд, дар таҷрибаи ин нашрия қобили мулоҳиза аст. Бо вуҷуди фарогирии маводди гуногунҳаҷму гуногунмавзуъ саҳифабанд маводро тарзе ҷобаҷо кардааст, ки хонанда ба як назар хабар ё мақолаи мавриди назарашро пайдо мекунад. Ин тарзи ороиш имкон фароҳам овардааст, ки ягон маводди нашршуда аз назари хонанда дур намонад. Аз ҷумла, нашрия дар интихоби ҳуруфи сарлавҳа ва ранги муроҷиати Президенти ҶШС Тоҷикистон ба хонандагони рӯзнома равиши тозаи иттилоърасонӣ ва ороишро пеш гирифтааст, ки барои хонанда диққатангез мебошад. Дар ин мавод сарлавҳа ва тарзи ороиши он суханони раҳбари онвақтаи кишварро назарнамо ва таъсиргузор сохтааст, ки омили асосииаш интихоби ҳуруфи махсус мебошад. Хусусияти асосии ороишии ин маводро рагорангии сарлавҳа («Кӯш, то халқро ба кор ой!») ва интихоби ранги таъсиргузор мушаххас месозад. Ин мавод дар як сутуни мобайнии клише – шиноснома бо ранги сабз чоп шуда, сарлавҳа бо ҳуруфи ГР–43–42 бо курсив ва ҳуруфи рост чида шудааст. Фосилаи канори сарлавҳа ва матни мавод бошад, 1, 12 кв аст. Дар тарафи чапи мавод муроҷиатномаи солинавии М.С. Горбачёв ва рости он мусоҳибаи Шариф Ҳамдампур бо Қ. Аслонов бо ҳуруф ва рангҳои сиёҳ ба чоп расидаанд, ки низ аз назари интихоби ҳуруфи сарлавҳа, матн ва ранги ороиш диққатангез мебошанд.

Таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» баёнгари он аст, ки ранг ва графики матбуотӣ барои ин нашрия дар ҳукми тасвир ҳастанд. Дар интихоби нашрия

ҳуруф пеш аз он ки хонданӣ бошанд, диданӣ ҳастанд. Дар ин замина, далели ҷолибии сабки сафҳаоронии нашрия он аст, ки бо ин кор, даставвал, тафоҳуми сурат ва баъд маънӣ ба вуҷуд омадааст. Вале ин маънии онро надорад, ки фақат сурат хонандаро ба худ машғул медорад, балки тарзи интихоби ҳуруф ва ранг дари маъниро низ ба осонӣ ба рӯйи хонанда боз менамояд. Ҳамчунон ки Андрей Тарковский навиштааст, «Дарки як асари зебо барои мо мумкин нест ва танҳо метавонем онро ҳис кунем. Ба таъкид метавон гуфт, ки қатъи рӯзнома ва наҳваи танзими он, ҳам тобеи қавонини зебоишиносӣ аст ва ҳам салиқаи сардабир ва мудири ҳунарӣ. Гоҳ ҳамин салиқаҳои нав ҳаст, ки қавонини ҷадиде дар қаламрави грофики матбуотӣ ба вуҷуд меоварад» [90, 197].

Ба ҳар ҳол, масъулони нашрия кӯшиш кардаанд, ки аз ибтидо аз ороиши саҳифаи аввал сар карда, то нуқтаи поёни он маниши ҳунарӣ ва адабии нашрия ҳифз шавад ва ороиши тамоми сафаҳот аз як куллияти устувор бархурдор бошад ба тариқе, ки ваҳдоният, якпорчагӣ ва тааллуқи кулли рӯзномаро ба номи рӯзномаи парлумонӣ ошкор созанд. Аз ин мавқеъ хусусияти хоси ороишии саҳифаҳои дигари шумораи нахустини рӯзномаи «Садои мардум»-ро низ интихоби ҳуруфи матни сарлавҳа ва маводди дигар, ки воҳиди мустақими ороиш буда, бо кегли хосса аз ҳам фарқ мекунанд, мушаххас месозад.

Муҳаққиқон асоси ҳама гуна ороишро барои рӯзнома интихоби ҳарф донистаанд. Чунонки А. Саъдуллоев низ таъкид кардааст, «...ҳарф ин модели (тарҳи) графикии аломатҳои хат аст. Масалан, бигирем, ҳарфи Н–ро. Вай аз ду хатча (чӯбча) ва як хатаки уфуқӣ иборат аст. Ҳамин Н метавонад калон ё хурд, ғафси дабал ё нозук бошад. Пояи ҳарф ҳам рангоранг мешавад. Таги яке тахтача, ба дигар асоча ё қанотча мегузоранд. Ин ҳама аломатҳои фарққунанда аст» [114, 19]. Таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» нишон медиҳад, ки ороиши ҳуруфӣ унсури асосии таҳия ва саҳифабандии нашрия буда, баъзе паҳлуҳои ҳунарии он дар корбасти ҳуруфи сарлавҳа равшан ба назар мерасад, ки мухтасаран аз назар мегузаронем.

Муҳаққиқони ороиши ҳуруфӣ, аз ҷумла, А.Г. Шитсгал сарлавҳаороиро аз печидатарин рукнҳои таҳия ва ороиш дониста, аз ҷумла, навиштааст:

«Душвории таҳия, бахусус таҳияи газета, иборат аз он аст, ки дар саҳифаҳои он маводди гуногунҳаҷму гуногуннамуд ба назар мерасад. Ҳар яке аз ин мавод бояд ба тарзе таҳия шаванд, ки хонанда бо як назар хабар ё мақолаи даркориашро пайдо карда тавонад. Илова ба ин, маводро бояд тарзе пешкаш намуд, ки ҳатто, ҳеҷ иттилооте аз назари хонанда дур намонад» [145, 173].

Ба ин тартиб, аз аввалин шумораҳои рӯзномаи «Садои мардум» сарлавҳаоройӣ ҷузъи асосии ороиши нашрия буда, ҳайати таҳририяи он барои назарнамо гардидани ҳар мавод аз нақши ороиши сарлавҳа ба тарзи коршиносона истифода кардаанд. Дар ин замина, барои ба ҳадафи ҳирфаӣ расидан масъулони нашрия дар навбати аввал аз ҳуруфи махсус кор гирифтаанд, ки то ҷойе рангорангии саҳафот ва таъсиргузории матнҳоро замонат додааст. Тарзи сафҳаоройӣ ва корбурди ҳуруфи хос дар таҷрибаи рӯзномаи парлумонӣ, пеш аз ҳама, алоқаманд ба типи нашрия буда, рӯзномаи «Садои мардум» ҳамчун типи хос, дар ин замина, роҳу равиши ҳирфаии худро доштааст, ки якеи он бо маводди хурд-хурди анонсӣ ва гӯшаю мавзуъ бештар таъмин кардани он мебошад. Дар ин равиш, хусусияти саҳифаороии нашрияро корбурди гарнитураҳои мухталифи ҳуруф мушаххас месозад. Масалан, дар саҳифаи аввали шумораи 21-уми августи соли 1991-и рӯзнома ҳамин гуна тарзи ҷобаҷокунии гарнитураҳои гуногуни ҳуруф бо фарогирии мавзуъҳои гуногун ба мушоҳида мерасад, ки хусусияти оммавию сиёсӣ доштани рӯзнома ин равишро такмил бахшидааст. Дар саҳифаи аввали шумораи зикршудаи рӯзнома масъулон ба тақозои мавзуъҳои иттилооти нашршуда аз ғановати шаклии гарнитураҳо коршиносона истифода намуда, дар чидани ҳуруфи сарлавҳа аз гарнитураҳои гуногун истифода кардаанд, ки сарлавҳаҳои «Мулоқоти роҳбарияти Шуравӣ бо журналистон», «Дар Девони Вазирони ИҶШС», «Дар Кумитаи назорати конститутсионии ИҶШС», «Мурочиат ба меҳнаткашони Маскав», «Осиё ва Урупо дар хидмати шумо», «Роҳҳои ҳамкории Тоҷикистону Эрон», «Дар кӯчаҳои шаҳри Маскав», «Меваю сабзавот фаровон хоҳад шуд» ва ғайра аз ин ҷумла мебошанд.

Чунонки мебинем, нашрия танҳо дар саҳифаи аввали шумораи ёдшуда ба василаи дувоздаҳ  мавзуъ ғановати шаклии гарнитураҳоро, ки аксаран ҷаззоб ва таъсиргузор аст, таъмин намудааст. Дар саҳифаҳои баъдии шумораи зикршуда низ ҳамин усули ороиши ҳуруфӣ риоя шуда, сарлавҳаҳо ва зерсарлавҳаҳо бо гарнитураҳои гуногун чида шудаанд, ки бешак, таъсирнокии мавод ва ҳусни саҳифаи шумораи зикршудаи рӯзномаро меафзояд.

Дар солҳои навадум, бахусус соли 1994, рӯзномаи «Садои мардум» равиши хоси саҳифаороиро пеш гирифта, ҳошияи саҳафоти идонаашро бо ҳуруфи форсӣ низ оро додааст, ки дар ин амал ҳуруф дар ҳукми тасвир мебошад. Ба ин далел, ҳуруфи форсии ҳошияи саҳифаҳои идонаи дувуму савуми 20-уми марти соли 1994-и рӯзнома, ки ба Ҷашни Наврӯз бахшида шудааст, бо ҳусни орояшон аввал, диданӣ, сипас, хонданӣ мебошанд.

Саҳифабанди рӯзнома бо истифода аз ҳуруфи «пур»-и форсӣ ҳошияи саҳифаи рӯзномаро бо байтҳои наврӯзӣ оро дода, ба ин васила, ҳам ҳусни саҳифаро афзудааст, ҳам маънии маводди наврӯзии дар он дарҷшударо тақвият додааст. Аз ҷумла, байтҳои зер дар ҳошияи саҳифаи рӯзнома бо шакли ҳуруфи форсии «пур» дарҷ шудааст, ки «бо намоиши сангинӣ ва қудрати зиёд муаррифи истеҳком ва дарунгарост» [90, 193]:

Наврӯзи навбаҳорон, фасли гул асту лола,
Қумрӣ ба ҷӯши мастӣ, булбул ба оҳу нола [28].

Ё:

Нафаси боди сабо мушкфишон хоҳад шуд.
Олами пир дигарбора ҷавон хоҳад шуд [28].

Нашрия барои дар ҳошияи саҳифаҳои дувуму савум ҷой кардани байтҳои наврӯзӣ аз хати насх истифода кардааст, ки дар истифодаи матолиби муҳим ва ҷиддӣ ҳам қобили истифода аст, ҳам зебову бо мавзуъ мутаносиб мебошад. Он чӣ зикр шуд аз равиши тозакориҳои нашрия дар ороиш ва саҳифаороии рӯзнома буда, тамоюли истифода аз суннатҳои миллии истифодаи хатро дорад, ки мутаассифона, дер давом накардааст. Яъне, ин амали сафҳаоройӣ то баҳори соли 1994 идома ёфтааст.

«Садои мардум» на танҳо аз хат (аз ҷумла, хати форсӣ) ва бойигарии ҳуруфи сарлавҳа, балки бо мақсади боло бурдани сатҳи ороиш аз усули бисёргарнитураи низомманд низ ҳадафмандона истифода кардааст, ки василае барои боло бурдани сатҳи ороиш ва саҳифабандии рӯзнома ба шумор меравад. Дар ин замина, зайли намуна баъзе шумораҳои дар солҳои гуногун нашршудаи рӯзномаро ба тариқи муқоисавӣ аз назар мегузаронем. Масалан, дар саҳифаи аввали шумораи 22-юми ноябри соли 2005-и рӯзнома дар панҷ сутуни канори чапи пойини клише – паспорт суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар мулоқоти умумиҷаҳонии Тунис таҳти унвони «Дар роҳҳои сӯйи ҷомеаи иттилоотӣ» ба чоп расидааст, ки хусусияти хоси ороишӣ дошта, тамоюли ҳирфаӣ ва ҳадафмандонаи нашрияро дар интихоби ҳуруфи сарлавҳа нишон медиҳад. Сарлавҳа бо ҳуруфи ГР–43–42 ва зерсарлавҳа бо шрифти БЖ–1–20 аввалӣ бо курсив ва бо ҳуруфи рост чида, аз паҳлуи сарлавҳа ва зерсарлавҳа фосила гузошта шудааст. Фосилаи канори сарлавҳа 1,12 кв буда, дар пойин ва паҳлуи матни суханронии Президент хабарҳои «Мулоқоти дӯстонаи Эмомалӣ Раҳмонов бо шоҳи Непал», «Туҳфаи арзанда ба сокинони пойтахт» ва гузориши мухбири рӯзнома Б. Абдулвоҳидов таҳти унвони «Дар Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба чоп расидааст. Хабари аввалӣ аз панҷ сутун ва хабари баъдӣ аз ду сутун иборат буда, гузориш аз се сутун ба ҳам омадааст. Сарлавҳаи хабари аввал бо БГ–43–24, дувум бо ЖР–5–16 ва гузориш бо БЛ–3–24 чида шуда, таносуби рангҳо низ ҷолиби диққат мебошанд. Афзалияти дигари ороиш аз он иборат аст, ки сарлавҳаҳо ҷудо-ҷудо, мутаносибан бо мавқеи ҷойгиршавиашон чида шудаанд. Ҳамин усули саҳифаоройӣ дар шумораи 15-уми марти соли 2005 нашршуда низ риоят шудааст. Сарлавҳаҳои интихобшуда, аз ҷумла, «Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Амри сардори давлат оид ба соҳаи иттилоот», «Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба рӯзи матбуот» ва ғайра бо гарнитураҳои БП–1, ЗГ–3 ва БЛ–3 чида шудааст, ки ба ҳусни ороиши саҳифаи ёдшудаи рӯзнома афзалият бахшидааст.

Баъзе хабарҳои шумораи зикршуда бо хати нозуки якпунктаи рӯзномавӣ ва ба роғу фосилаҳо ҷудошуда нашр шуда, сарлавҳаҳои хабарҳои муҳим бо ҳарфи пур ва сиёҳ ҳаккокӣ шудаанд, ки «Вазифаи нави вакилон», «Ҷаласа баргузор шуд», «Номзад ба узви Маҷлиси миллӣ муайян гардид» ва монанди инҳо аз он ҷумла мебошанд.

Рӯзномаи «Садои мардум» дар марҳалаҳои гуногун хусусиятҳои хоси ороишӣ, аз ҷумла, сарлавҳаоройӣ дошта, ин тамоюли ҳунарӣ фардияти ҳирфаии нашрияи парлумониро то ҷойе мушаххас месозад. Ин тамоюли ҳунарӣ аз давраи фаъолияти сармуҳаррири рӯзнома Муродуллоҳ Шералиев оғоз ёфта, дар замони роҳбарони дигари нашрия тадриҷан ташаккул ва таҳаввул пайдо кардааст. Дар замони роҳбарии ҳар сармуҳаррир рӯзнома хусусиятҳои хоси ороишии худро дошта, таъсиси рубрикаю гӯшаҳо ҳусни саҳафоти онро афзудааст, ки пеш аз ҳама, ҳадафи ҷалби диққати хонандаро дорад. Муқоисаи бисёре аз шумораҳои дар марҳалаҳои гуногун чопшудаи рӯзнома нишон медиҳад, ки сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии ҳар шумора динамикаи махсус дошта, як сарлавҳа сарлавҳаи дигарро такмил мебахшад.

Чунонки ба мушоҳида расид, нашрияи «Садои мардум» дар ҳамаи марҳалаҳои инкишоф талош кардааст, ки муҳтавои сарлавҳа комил ва пурмаънӣ бошад. Барои ба ин ҳадаф расидан нашрия аз ҳуруфи дурушт ё серранг низ кор гирифта, дар ин равиш, титулсарлавҳаҳо бо фосилаҳо ё бо хаткашиҳо аз ҳамдигар мутафовит шудаанд, ки яке аз василаҳои такмили ҷанбаи ороишии рӯзнома мебошад. Чунин хусусияти сарлавҳаоройӣ дар шумораҳои дар солҳои 1991 ба баъд нашршудаи рӯзнома ба мушоҳида мерасад, ки на танҳо хусусияти ороишӣ дорад, балки муҳтаво ва маънии сарлавҳаро низ амиқ бурда, барои хонанда диққатангез намудааст.

Аз ин назар, мақоми сарлавҳа дар ҷараёни ороиши рӯзномаи «Садои мардум» бузург буда, барои сарлавҳа нашрия аз 10 то 15 фоизи масоҳаташро ихтисос додааст. Барои рӯзномаи «Садои мардум» сарлавҳа дар аксар маврид раҳнамуни хонанда ва баёнгари мазмуни матн мебошад. Дар заминаи таҷрибаи сарлавҳаороии нашрия метавон ба натиҷа расид, ки барои рӯзномаи парлумонӣ

масъалаҳои ҷойгузин кардани сарлавҳа, ороиш ва интихоби ҳуруфи сарлавҳа аз мушкилоти асосӣ буда, ҳамчун низоми мукаммал унвон, клише (тасвир), замима (врезка) ва ҳатто, эпиграфҳоро дар бар мегирад. Бояд таъкид кард, ки тамоми шумораҳои дар ин солҳо нашршудаи рӯзнома чунин хусусият дошта, ҳам барои ифодаи рангорангии зоҳирӣ ва ҳам таъкиди маъниву муҳтавои маводди чопшуда хидмат кардаанд, ки шумораҳои дар солҳои 1991 ва баъди он чопшуда намунаи ҳамин гуна сарлавҳаоройии ҳирфаӣ мебошанд.

Шумораҳои дар давоми солҳои зикршуда чопшудаи рӯзномаро ба ҳам муқоиса карда, мо ба хулоса омадем, ки дар таҷрибаи нашрия сарлавҳа, пеш аз ҳама, василаи тамаркузи хонанда бар рӯйи мавзуи хос мешавад, ки рӯзнома ба чопи он иқдом кардааст. Ба ин далел, сарлавҳа дар ҳар шумораи рӯзнома хусусияти хоси ороишӣ дошта, нашрия тавонистааст, ки бо интихоби ҳуруф ва сафҳаоройии муносиб хонандаро ҷазб намояд. Дар тарзи сарлавҳаоройии нашрия сарлавҳа, илова ба он чӣ гуфта шуд, хонандаро ба суръат бо мавзуи мавод шинос мекунад. Аз ин ҷиҳат, корбурди сарлавҳа барои рӯзномаи «Садои мардум» монанди тасвирпардозӣ буда, ҳадафи ҳирфаии ҷазби хонанда ба шинохти мавзуъро низ дорад. Ба ифодаи дигар, навъи ороиш ва андозаи ҳуруфи сарлавҳа дар мақолаҳову хабарҳо ва гузоришоте, ки дар марҳалаҳои гуногун дар рӯзнома ба чоп расидаанд, дар таносуб бо мавзуи мавриди назар интихоб ва ороиш ёфтаанд.

Дар ин замина, рӯзнома аз сарлавҳаҳои кӯтоҳтар низ ҳадафмандона истифода кардааст, ки ин равиш паҳлуи мусбати фаъолияти нашрия ба шумор меравад. Барои мисол чанд саҳифаи дар моҳи январи соли 1992 нашршудаи рӯзномаро муқоиса карда, дидем, ки аксари сарлавҳаҳо бо ҳуруфи кам чоп шудаанд, ки ин дар таҷрибаи рӯзнома то ҷойе ғайриодӣ намояд ҳам, вале усули интихоби ҳуруф ва ҷобаҷокунии он бо ҳадафи ҷалби диққати хонанда сурат гирифтааст. Масалан, дар шумораи 25-уми июли 1992 нашршуда чанд хабар, аз ҷумла, хабари «Вазъи фирориён», «Ирон зидди зӯроварӣ», гузориши «Ҳукми сафед» ва ғайра ба ҳамин тарзи сарлавҳаоройӣ ба табъ расидаанд, ки бо усули

ороиш ва интихоби ҳуруф барои хонандаи огоҳ ҷаззоб ва таъсиргузор ба назар мерасад.

Паҳлуи дигари мусбати таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» дар сарлавҳаоройӣ аз он иборат аст, ки нашрия барои интихоб ва корбасти андозаи сарлавҳа бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти матлаб ё хабар чанд нуктаро ба эътибор гирифтааст:

а) паҳнои сарлавҳа (миқдори сутун);

б) миқдори сатри сарлавҳа;

в ) теъдод ва андозаи ҳуруфи сарлавҳа дар сутунҳо ва сатрҳо;

Содатарин навъи сарлавҳа, ки рӯзнома ба кор гирифтааст, якхаттӣ аст, вале дар сафҳаоройӣ сарлавҳаҳое, ки тулонитар ҳастанд, низ корбаст шудаанд. Рӯзнома сарлавҳаҳоро маъмулан бо шаклҳои ҳандасии хосе дар дохили макети сафҳа қарор додааст. Ҳамчунин, сарлавҳаҳо аз назари теъдоди сутун ва сатр дар таҷрибаи нашрия шаклҳои гуногун доранд, ки яксутунӣ, яксатрӣ, яксутуниву чандсатрӣ, чандсутунӣ, яксатрии саросарӣ, чандсатрии саросарӣ намунаҳои чунин сарлавҳаоройӣ мебошанд. Масалан, ҳамчун намунаи сарлавҳаороиҳои гуногун мисолҳои зерро аз таҷрибаи «Садои мардум» метавон зикр кард:

а) яксутуниву яксатрӣ: «Маҷлис дар Шурои Олӣ», «Аз пайи беҳбудии зиндагии мардумем», «Кори дастҷамъӣ», «Сироҷиддин танҳо нест» (Садои мардум.– 1992. – 25-уми июли соли 1992) ва ғайра;

б) яксутуниву чандсатрӣ: «Суръати кишт суст аст», «Таклифи дархостҳои мухбир аз манфиат холӣ нест», «Назорат ва масъулият лозим» ва ғайра (29-уми апрели соли 1999) ва ғайра;

в) яксатрии саросарӣ: «Машварат дар ҳузури Президент» (Садои мардум. – 1-уми июни 2006), «Шарҳи Паёми Президенти мамлакат дар дастгоҳи Маҷлиси намояндагон» (Садои мардум. – 6-уми январи соли 1922) ва ғайра;

г) чандсатрии саросарӣ: «Дархосту пешниҳоди мардум ба такмили қонунгузорӣ кумак мерасонад», «Нақшаҳое амалӣ мешаванд, ки дар гузашта онҳоро фақат орзу мекарданд» (Садои мардум. – 7-уми июни соли 2006) ва монанди инҳо.

Албатта, тарзҳои зикршудаи сарлавҳаоройӣ низ бо назардошти зоҳири рӯзнома, ки бояд зебо ва таъсиргузор бошад, амалӣ карда шудааст. Вале, ба қавли А. Саъдуллоев, «Зоҳири зебо даққатҷалбкунанда аст, то ба замоне, ки бинанда таҳдоби ин зебоиро дарк накунад. Агар ҳар навъи зебоӣ фақат зоҳирӣ, бидуни алоқамандӣ бо хосияти дигари малоҳатбахш пайванде надошта бошад, зуд фиребо буданаш ошкор ва дилбазан гаштанаш аниқ мегардад. Ороиши газета ҳам чунин аст – ҳар гуна бозии зоҳирпарастона фавран фош мешавад. Барои ҳамин ҳам мо бояд аз бисёр асрори зебоии ҳарфу мавод, роғу фосилаҳо огоҳии амиқ дошта бошем» [114, 45].

Таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» нишон медиҳад, ки нашрия дар ҳар се марҳалаи фаъолияташ ба яке аз унсурҳои муҳимми сафҳаоройӣ –фосила низ аҳаммияти хос додааст. Дар ин тарзи сафҳаороии нашрия намудҳои зерини фосила мавриди истифода қарор гирифтаанд: а) байни ҳарфҳо, б) байни калимаҳо; в) байни сатрҳо; г) байни сутунҳо; д) фосилаи сарлавҳа ва атрофи маводди тасвирӣ ва е) майдони холӣ ва роҳравҳои фосилавӣ.

Аз ибтидои фаъолият то ба имрӯз рӯзномаи «Садои мардум» фосилаи байни ҳарф ва калимаҳоро дар асоси низомномаҳои ГОСТ ва ТУ ва дастурҳои техникӣ ҷобаҷо намудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар қолиби андозаи сутун хурд – 2 ё 2, 12 кв ва ҳуруфи андоза бузрг – то 9 – 10 бошанд, саҳифабанд фосилаи байни сатрҳо ва матнҳоро ба ҳамон андоза зиёд ва чашмрас гузоштааст. Фосилаи байни ҳарфҳо гоҳо на барои таъкид, балки пур кардани ҷойи холӣ зиёд интихоб шудааст. Ин ҳодиса дар баъзе шумораҳои нашри соли 1992 зиёд ба назар мерасад. Масалан, дар шумораи 21-уми августи соли 1992 дар рӯзнома сарлавҳаҳои «Осиё ва Урупо дар хидмати шумо», «Дар кӯчаҳои шаҳри Маскав», «Созишнома байни Девони Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва Шурои Федератсияи иттифоқҳои касабаи ҶШС Тоҷикистон оид ба масъалаҳои меҳнат ва иҷтимоию иқтисодӣ барои соли 1991» ва ғайра ба ҳамин тарз чида шудаанд. Гоҳо ин ҳолат дар сутунҳои хурдҳаҷм, масалан сутунҳое, ки ба андозаи 1,36 ё 2 квадрат ҳаҷм доранд, ба мушоҳида мерасад, ки то ҷое ҳусни матнро костааст. Бисёре аз маводди иттилоотие, ки дар соли 1992 таҳти

рубрикаи «Резаборон»дар рӯзнома чоп шудаанд, бо ҳамин усул ороиш ёфтаанд, ки хабарҳои «Сафари Елсин», «Ҳукумати нав», «Э. Шеварднадзе дар Минглерия», «Нишонаи нави флоти ҳарбии баҳрӣ», «Борут медузданд», «Қаллоби наврас», «Дар Кобул сулҳ эълон шуд» ва монанди инҳо аз ҳамин қабиланд (Садои мардум. – 25-уми июли соли 1992). Нашрия бо истифода аз дастури ҳуруфчинӣ фосилаи байни калимаҳо ва ҳарфҳоро риоят кардааст, ки ин ҳолатро «дар таҷрибаи газета истеҳсолкуни як давраи ҳарфӣ низ мегӯянд» [114, 46].

Дар ин равиш, яке аз василаҳои муҳимми ороишӣ барои рӯзнома аз ҳисоби шонаи ҳарфҳо муайян сохтани фосилаи байни сатрҳо будааст, ки аксаран ҳунармандона анҷом гирифтааст. Масалан, рӯзнома ҳисоботи ТАСС-ро таҳти унвони «Мулоқоти роҳбарияти Шуравӣ бо журналистон» (Садои мардум. – 1991. – 21-уми август 1991) ба чоп расонидааст, ки дар он на фақат фосилаи байни сатрҳо, балки ҳуруфҳо низ равшану хоно тарҳрезӣ шудааст. Як қисми ҳисобот дар се сутун, дар саҳифаи аввали рӯзнома ва идомаи он дар чаҳор сутун дар саҳифаи дувум чоп шудааст. Дар ҳар ду маврид талаботи тарҳрезии ҳирфаӣ риоят шудааст.

Нашрия фосилаи байни ҳарфҳои сарлавҳаро низ дар асоси талаботи шакл риоят намуда, фосилаи байни ҳарфҳои сарлавҳаро низ бо назардошти фосилаи писандида мушаххас кардааст. Дар ин ҳол, рӯзнома шпансияи байни ҳарфҳои сарлавҳаро низ риоят намудааст, ки хабари «Изҳороти дафтари матбуоти Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Садои мардум. – 1992. – 25-уми июл) намунаи он мебошад.

Дар таҷрибаи «Садои мардум» тарзи шонабандии сарлавҳа низ қобили таваҷҷуҳ буда, дар ин замина, аз ду ҳолати корбурди он метавон ёд кард. Нахуст, мувофиқи талаботи матн ва мазмуни он ҷойгиркунонии сарлавҳа, дигар, шонагузорӣ, яъне теъдоди ҳарф ва мақоми онро бо назардошти фосилаи калимаҳои матни сарлавҳа ҷобаҷо намуданд. Зайли намуна, дар ин замина, аз хабаре, ки рӯзномаи «Садои мардум» таҳти унвони «Хабари мухтасар» аз

Сессияи ёздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум нашр кардааст, метавон ёд кард.

Матни хабари зикршуда се сутунро ишғол кардааст. Нашрия дар такя ба тарзи ҷойгиршавии матни хабар сарлавҳаро тарзе ҷойгир кардааст, ки аввалан, дахолати он ба тамоми матн эҳсос карда мешавад, сониян, сарлавҳа мувофиқи фосилаи сутунҳо, қолиби ҳарфҳо ва талаботи матни пойини сарлавҳа тарҳрезӣ шудааст. Нашрия майдонҳои холии атрофи сарлавҳаро дар таносуб ба ҳаҷми ҳарфҳои матн фароҳам овардааст. Чунончи, ду калимаи хабари мухтасар барои се сутуни хабар чун сарлавҳа чида шудааст, ки ҳаҷми ҳарфҳо ва масофаи ҷойгиршавии онҳо бо матн таносуби комил дорад. Аз ин усул рӯзномаи «Садои мардум» ба сабаби нашрияи парлумонӣ будан ва ғолибан ба гуфтори ботамкину ҷиддӣ гароиш доштан фаровон ва ба тарзи ҳирфаӣ истифода кардааст.

Ороиши фосилаи байни сутунҳои маводди дар рӯзнома бачопрасида низ аз василаҳои бунёдии саҳифаороии нашрияи «Садои мардум» ба шумор меравад. Албатта, чунин тарзи таҳия хоси рӯзномаҳо буда, рӯзномаи мавриди назари мо, дар ин замина, таҷрибаи қобили мулоҳиза доштааст, ки баъзе паҳлуҳои онро ёдрас менамоем. Нахуст, масъулони табъу нашри рӯзнома бузургии фосилаи байни қаторҳоро дар алоқамандӣ ба андоза ва қолиби ҳуруфчинӣ ва кегли ҳарф роҳандозӣ намудаанд. Дар мавриди калон будани ҳуруф сутунро низ васеъ тарҳрезӣ намудаанд. Дар ин ҳол, фарохии байни сутун ба саҳифа ҳусн бахшидааст. Дар мавриди аз андоза хурд будани сутун фосила кам шудааст, ки ин низ нигоҳи коршиносона ба ҳусни саҳифаи рӯзнома мебошад.

Дар ин замина, шумораи рӯзи 11-уми марти соли 1998 нашршудаи «Садои мардум»-ро аз назар мегузаронем. Формати рӯзномаи «Садои мардум» ФА–2 ва ҳаҷмаш 21 х 28 кв аст. Баландии паспорт – клише 3 кв буда, ба тамоми саҳифа тул кашидааст. Дар шумораи зикршуда, асосан, таҳияи 2,5 кв ҷо дорад. Вале истисноҳое низ дар миён аст. Аз канори чапи саҳифаи аввал «Ахбори расмӣ» ба андозаи 3,36 дар як сутун чида шудааст. Сарлавҳаҳои матн бо ҳуруфи сиёҳ чида шудааст, ки мувофиқи фосилаи муайяншуда мебошад. Аммо дар паҳлуи рости

ҳамин матн дар чаҳор сутун бо ҳарфи сиёҳ таҳти унвони «Фаъолият сермаҳсул буд» маводде ҷой дода шудааст, ки фосилаи байни сутунҳо 6 пунктро ташкил медиҳад. Дигар маводде, ки дар саҳифаи ёдшуда омадаанд, низ ба ҳамон андоза чида шуда ва фосилаи байни сутунҳояшон як хел аст. Вале ҳуруфи равшан сутунҳоро аз ҳам фарқ кунондааст. Дар саҳифаҳои дигари шумораи зикршуда низ фосила аз рӯйи дастурҳои шоеъ риоят шудааст. Ба ифодаи дақиқтар, фосилаи байни сутунҳо тобеи кегли истифодашуда мебошад. Дар ин тарзи корбурди нашрия фосилаи байни сутунҳо се вазифаи асосиро иҷро кардаанд. Нахуст, онҳо хатти қаторҳоро мушаххас сохтаанд, сониян, маводро аз ҳам ҷудо додаанд ва ниҳоят, гӯшаҳову блокҳои мавзуиро чашмраси хонанда сохтаанд. Нашрия сарҳарф ё сарҷумларо ҳамчун василае барои муайян намудани фосилаи байни сутунҳо истифода кардааст, ки низ таҷрибаи муҳим ва арзишманд мебошад. Ин аломат, ки фосилавӣ унвон кардем, аз ҷузъҳои асосии саҳифаороии рӯзномаи «Садои мардум» буда, дар таҳия ва устувор сохтани композитсияи умумии рӯзнома нақши созанда дорад.

Таҷрибаи ороишии рӯзномаи «Садои мардум» масъалаи банду басти саҳифа, устувории композитсия ва ҷиҳатҳои берунии маводди нашршударо, ки асоси сохтори графикию мундариҷавии рӯзнома мебошад, бозгӯ менамояд. Ба мушоҳидаи А. Саъдуллоев, «Вай ҷиҳатҳои умдаи мазмун ва шакли вай – мавзуи асосӣ, сохтори газета ва шаклҳои ташкил ва таҳияи ҳамаи ҷузъиёти мундариҷавии газетаро фаро мегирад» [114, 70].

Дар ин замина, пеш аз ҳама, ҷобаҷокунии мавод дар таҷрибаи рӯзнома муҳим ва ибратбахш буда, рӯзнома дар ин равиш аз имкониятҳои ҳирфаӣ фаровон истифода кардааст. Саҳифаҳои дар солҳои гуногун нашршудаи рӯзномаро аз назар гузаронда, ба ин натиҷа расидем, ки муайян намудани ҳаҷми маводди ҳар саҳифа, майдони интишор, мавзеи ишғолкардаи сарлавҳа, ҳуруфи он, андозаи клише аз рӯйи оригинал аз имтиёзоти ҳирфаии кормандони масъули нашрия дар чопи рӯзнома будааст. Ҳамчунин, ороиши саҳифаҳои шумораи махсуси рӯзнома, ки ба ягон муносибат таҳия шудааст ва саҳифаҳои

мавзуӣ аз имтиёзоти касбии табъу нашри рӯзнома мебошад, ки баъзе паҳлуҳои онро аз назар мегузаронем.

Дар ин равиш, яке аз имтиёзоти рӯзномаи «Садои мардум» он аст, ки ба ороиши саҳифаи аввал таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Аз нахустин шумораи рӯзнома сар карда, то охирини мавриди истифодаи мо ҳама баёнгари симои ҳирфаии нашрия мебошанд, ки бо плакат, қолибтарин хабару муждаҳо ва корномаи шахсиятҳо оро ёфтааст. Масалан, агар саҳифаи аввали шумораи нахустини рӯзномаро тасвиру муроҷиати раҳбари давлати Шуравӣ М. Горбачёв ба муносибати Соли нав ва Паёми Президенти вақти Тоҷикистон Қ. Маҳкамов барои нашри рӯзномаи тозатаъсиси «Садои мардум» оро дода бошад (Садои мардум. 1-уми январи соли 1991), саҳифаҳои баъдӣ бо чорчӯбаҳои хуб ҷудо кардани иқтибосҳои муҳим аз мақолаҳову гузоришот, анонс, эълонҳо ва ғайра хусусияти хоси тасвирӣ ва таблиғӣ пайдо кардаанд, ки дар он рӯзгор аз тозакориҳои ҳайати эҷодии рӯзнома ба шумор меояд. Шумораҳои аввалини рӯзнома хусусияти идона дошта, хостаҳои нашрия дар саҳифаҳои баъдӣ мантиқан идома пайдо кардаанд. Аз ҷумла, агар шеъри Амонбек Шоҳзода «Дар зодрӯзи «Садои мардум» оҳанги ифтихорро аз таъсиси рӯзнома фаро гирифта бошад, дар шумораи дувум (3-юми сентябри соли 1991) мавҷи табрикҳои сармуҳаррири рӯзномаи «Известия» Н.И. Ефимов, ҳайати эҷодии рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон»ва «Паёми Душанбе», нависандагон Ҷалол Икромӣ ва Фотеҳ Ниёзӣ маводди пешинаро қувват дода, саҳифаҳои баъдӣ пурра ба тавзеҳи мавзуъҳои муҳимми сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии алоқаманд бо ҳаёти ҷумҳурӣ бахшида шудаанд. Дар ин замина, амсилаи саҳифаҳои аввали «Садои мардум»-ро аз 29-уми апрел ва 11-уми марти соли 1999 аз назар мегузаронем.

Дар болои унвон – паспорти ҳар ду шумораи зикршуда шиори «Пояндагии Тоҷикистон – муқаддасоти мост!» ба ҳайси шапкаи умумӣ чида шудааст. Гузоришоти «Мулоқотҳои Э. Раҳмонов дар Вашингтон», «Иди дӯстӣ ва бародарӣ», «Созмони Иттиҳоди Аврупо тарафдори сулҳи тоҷикон», «Пазирой дар ҳузури Сафаралӣ Раҷабов», «Сӯхтани мо баҳри сохтан аст» ва ғайра вазъи сиёсию фарҳангии онрӯзаи ҷумҳуриро амиқ инъикос кардаанд, ки таносуби

комиле бо шиори рӯзнома дорад. Ҳарду саҳифа масъалаҳои мушаххас ва муҳимро матраҳ менамояд. Ҳарчанд дар масоҳати саҳифаҳо тасвиру плакатҳо ва аншлагҳои чашмгир нестанд, аммо мазмуни маводди дарҷшуда мавзуи муҳимми сулҳу ваҳдат ва ҳамбастагии ҷомеаи Тоҷикистонро бо халқу давлатҳои дигар ба сароҳат ба миён кашидааст, ки таҷрибаи нодири касбӣ ва таблиғӣ мебошад. Фақат хондани номгӯйи мавод кофист, ки ҳамин руҳияи созанда эҳсос карда шавад. Чунонки аз тарҳи ҳар ду саҳифаи рӯзнома бармеояд, ба диққатрабо ва мутантан баромадани симои саҳифа андозаҳои чиниши матн низ таъсиргузор будааст. Наборҳои гуногун дар ҳар мавод ҳамдигарро иваз кардаанд, ки василае будааст барои рангорангии саҳафоти рӯзнома. Дар саҳифаҳои шумораҳои зикршудаи рӯзнома ҳамчунон аз кегли корпус, сисер, ҷудокунӣ бо зерхати матн низ ҳунармандона ва ҳадафгирона истифода шудааст. Ҳарчанд саҳифаҳои аввали ҳар ду шумора сарахбори рӯзнома аст, бо вуҷуди ин, рӯзнома талош кардааст, ки аз ғановати жанрӣ ва мавзуъҳои муҳим истифода кунад, ки чеҳранамои рӯзномаи парлумонӣ мебошад.

Ба ин тартиб, ороиш ҷузъи асосии сохтори мундариҷавӣ ва зебоишиносии рӯзномаи «Садои мардум» буда, дар ҳамаи марҳалаҳои инкишоф ҳадафмандона амалӣ карда шудааст. Дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолият рӯзнома ба ороиши моҳиятнок ва суварӣ пойбанд буда, ин тамоюли ҳунарӣ, пеш аз ҳама, дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавию шаклии нашрия таъсиргузор будааст. Хусусияти ҳирфаии дизайнии рӯзнома дар ҳамаи марҳалаҳои инкишоф бо мундариҷа таносуби комил дошта, рагорангии ҳуруф, саҳифаоройӣ, истифодаи акс ва маҷмуи аломатҳои матбаа шаклу мундариҷаи ботинӣ ва зоҳирии нашрияро ғанӣ ва зебо сохта, ба он «маънии нодири публитсистӣ» бахшидааст. Ороиш ва саҳифабандии рӯзнома мувофиқи талаботи вақт ва хостаҳои доираи васеи хонандагон сурат гирифта, ҷузъи ороиш, ташкили сохтори нави графикӣ ва тарзи муассири саҳифабандӣ ҷанбаи зебоишиносӣ ва равоншиносонаи нашрияи парлумониро диққатангез намудааст.

## 2.2. Таснифоти мавзуии маводди нашрия

Дарёфт ва арзёбии мизони аҳаммияти расонаҳо, аз ҷумла, рӯзномаи «Садои мардум» то ҷойе ба инъикоси мавзуоте хос алоқаманд мебошад, ки дар давраҳои гуногуни фаъолияташ нашрия ба чоп расонидааст. Ба ин далел, дар заминаи маводде, ки дар тули солҳо нашрия чоп кардааст, метавон самтгирӣ ва доираи мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи рӯзномаро муайян намуд ва дар ин замина, нақши онро дар фазои иттилоотии кишвар мушаххас сохт. Ҳадафи таҳқиқ ва арзёбии ин масъала, пеш аз ҳама, пай бурдан ба мизони таваҷҷуҳе аст, ки як рӯзнома дар такя бар падидаҳо, андешаҳо ё гароишҳои хос дар инъикоси воқеиятҳои зиндагӣ иқдом намудааст. Таҷзия ва таҳлили мавзуъҳое, ки дар рӯзнома инъикос гардидаанд, пеш аз ҳама, баёнгари мавқеи ҳирфаии нашрияи парлумонӣ дар инъикос ва шарҳу басти воқеиятҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳамин тавр, донишмандони соҳа, аз ҷумла, В.Б. Угрюмов «тавсифи воқеии ҳама навъи нашрия»-ро ба шинохти саҳеҳи «масъалаҳо ва мавзуоти сохтори мундариҷавии он» алоқаманд донista, дар ин замина, афзудааст, ки маҳз, дарк ва арзёбии равиши самтгирии рӯзнома дар инъикоси мавзуъҳои ҳаёти ҷомеа «омилҳои таълимии фаъолияти онро, ки ба хусусияти бархурд, усули интихоб ва нашри иттилоот таъсиргузор мебошанд, асоснок мекунад» [129, 76]. Дар ин равиш, рӯзномаи «Садои мардум» дар инъикоси мавзуъҳои ҳаёти ҷомеа хусусияти хоси таълими (типологи)-и худро дошта, самти фаъолияти вай дар ойинномааш мушаххас карда шудааст. Аз ҷумла, дар ойинномаи рӯзнома ҳадафҳои барномавӣ ва самтҳои асосии фаъолияти нашрия дар фарогириву инъикоси мавзуъ ва масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангӣ ба тариқи зер мушаххас карда шудааст:

«– инъикоси фаъолияти Маҷлиси Олӣ – парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ;

– тарғиби тағйирнопазирии шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, хусусияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат:

– таҳкими соҳибихтиёрӣ, истиқлол ва тақсимнашавандагии Тоҷикистон;

– таҷассуми ваҳдати миллӣ, инъикоси волоияти қонун, арзишҳои умумибашарӣ, ташвиқи ғояҳои демократӣ, сулҳ, инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ;

– мусоидат ба раванди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои Тоҷикистон дар асоси эҳтироми ҳуқуқ ва озодии шахс, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ намудаанд;

– ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд, пойдор намудани ғояҳои дӯстӣ ва ҳамбастагии тамоми миллату халқиятҳо, муттаҳидӣ ва ризоияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» [70, 3-4].

Таҳлилҳои муқоисавӣ собит сохт, ки ойиннома ва сохтори мундариҷавии рӯзномаи «Садои мардум» самти асосии фаъолияти нашрияи парлумониро муайян менамояд. Дар ин равиш, гароиши мавзуии нашрия, ки мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иҷтисодӣ ва адабию фарҳангии ҷомеаи кишварро дар бар мегирад, яке аз василаҳои бунёдии шинохт ва арзёбии самти мушаххаси фаъолияти иттилоърасонии рӯзнома мебошад.

Ба ин тартиб, дар асоси талаботи Ойиннома ва фаъолияти бевоситаи рӯзномаи «Садои мардум» дар тули беш аз се даҳсола ва тарзи бархурди нашрия дар фарогирӣ ва инъикоси воқеиятҳои ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон метавон мавзуъҳои асосии дар нашрия инъикосгардидаро ба тариқи зер дастабандӣ кард: а) сиёсӣ; б) иҷтимоӣ; в) иқтисодӣ; г) адабию фарҳангӣ.

Заминаҳо ва омилҳои таъсиргузор дар нашри иттилооти гуногунмавзуъ барои нашрияи «Садои мардум», пеш аз ҳама, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ибтидои солҳои навадум, ки ошкорбаёнӣ ҷузъе аз он буд, истиқлоли кишвар ва фарорасию истеҳком ёфтани сулҳу ваҳдати миллӣ буда, чунин шароит имконияти муносибро барои интишори озоди матолиби сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангӣ, на танҳо ба вуҷуд овардааст, балки ин равишро тадриҷан таҳаввул бахшидааст.

Ҳамин тавр, «Садои мардум» яке аз аввалин рӯзномаҳое мебошад, ки дар инъикоси мавзуъ ва масъалаҳои муҳимми рӯзгор роҳу равиши хоси касбиро пеш гирифта, дар давоми фаъолияти худ чеҳраи мусбати иттилоърасониашро ҳифз кардааст. Таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои хоси инъикоси мавзуъҳои зикршуда дар се марҳалаи фаъолияти ин нашрия муайян карда шудаву дастовардҳои он ба таври мушаххас нишон дода шаванд.

Яке аз фарқиятҳои фаъолияти ин рӯзнома дар инъикос ва иттилоърасонии холисона ва ҳақиқатнигорона доир ба мушкилот ва вазъи сиёсии кишвар, масоили иҷтимоиву иқтисодӣ ва мавқеи адабиёту фарҳанг дар ин давра зоҳир мешавад, ки бо тарзи инъикоси холисона ва иттилоърасонии беғаразона аз дигар нашрияҳои даврӣ, бахусус рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон» ва «Паёми Душанбе» фарқ мекунад. Вақте саҳифаҳои рӯзномаро аз назар гузаронда, бо маъхаз ва манбаъҳое, ки нашрия дар ҷараёни иттилоърасонӣ ба онҳо такя кардааст, шинос мешавем, вазъи касбӣ ва фаъолияти мусбати корбарии «Садои мардум» пеши чашм зинда мешавад. Рӯзнома дар пахши иттилоот ва инъикоси мавзуъҳои дар боло зикршуда асосан, ба Ойинномаи худ ва маъхазу манбаъҳои зерин такя доштааст:

а) ахбор ва дигар матолибе, ки тавассути хабарнигорони худӣ ва муаллифони дигар дар маҳалли интишори рӯзнома таҳия шудаанд;

б) матолиби ирсолӣ аз тарафи хабарнигорони собит ва хабарнигорони дар сафари хидматӣ сафрбаршуда; (эъзомӣ)

г) навиштаҳои ҳамкорони ғайримустақим;

д) ахбору мавод ва таҳлилу тафсирҳои хабаргузориҳои дохиливу хориҷӣ;

е) ҳуҷҷатҳои расмӣ, эъломияҳо ва қарору қонунҳои давлатӣ;

ё) иттилоот ва маводди дарёфтшуда аз анҷуманҳо, маҷлисҳои расмӣ, ҷамъиятҳо, бунгоҳҳои ҳизбӣ ва афроди одӣ;

ж) ахбор ва дигар маводди иқтибосшуда аз рӯзномаҳо ва нашрияҳои дохиливу хориҷӣ.

Муруре ба саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» собит сохт, ки муҳимтарин ва пурарзиштарин манбаъ ва маъхаз барои нашрия ҳамоно

гузоришоти ихтисосии хабарнигорони худӣ доир ба мавзуъ ва масъалаҳои дар боло зикршуда будааст, ки бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои доираи васеи хонандагон ҳушёрона ва масъулиятшиносона таҳия ва чоп шудаанд.

**А) Мавзуъ ва масъалаҳои сиёсӣ.** Яке аз мавзуъҳое, ки дар тули солҳо дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» ба таври доимӣ инъикос ва таҳлилу тафсир шудааст, мушкилоти сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон ва ҷаҳон мебошад, ки нашрия ҳамеша ҳадафмандона пайгирӣ кардааст. Барои муайян намудани тарзи инъикос ва мизони таваҷҷуҳи ҳирфаии нашрия дар фарогирӣ ва таҳлилу арзёбиҳои мавзуъ ва масъалаҳои сиёсӣ интихобан қисме аз шумораҳои дар марҳалаҳои гуногун чопшудаи рӯзномаро аз назар гузаронидем, ки хусусияти сохтори масъалагузорӣ ва мавзуии нашрияро муайян менамояд.

Тағйиротҳои сиёсӣ ва ошкорбаёнии горбачёвӣ, ки ибтидои солҳои навадум маҳдудаи шуравии пешинро фаро гирифта буд, муносибатро ба инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ дар матбуот, аз ҷумла, рӯзномаи «Садои мардум» ҳам то ҷойе дигар кард. Акнун сиёсат на фақат ҷузъи таркибии фаъолияти рӯзнома ба ҳисоб мерафт, балки фарогирӣ, инъикос ва таҳлилу арзёбии нисбатан озоду бетарафонаи он низ маҳаки эътибори фаъолияти манобеи озоди иттилоотӣ, аз ҷумла, рӯзномаи «Садои мардум» гардид, ки дар шинохти таҳаввулоти сиёсии Тоҷикистон ва ҷаҳон нақши таъсиргузор буд. И.К. Усмонов дар ҳамин давра «устувор набудани симои Тоҷикистон, муносибат ба он аз ҷониби давлатҳо ва воситаҳои ахбори омма»-ро зикр карда, марҳалаҳои фарогирӣ ва инъикоси мавзуъҳои сиёсиро дар матбуоти Тоҷикистон ба марҳалаҳои 1) замони ислоҳоти горбачёвӣ. 2) муқовиматҳои сиёсӣ ва шуруи ҷанг, 3) замони гузариш ва 4) якпорчагӣ дастабандӣ кардааст [123, 10].

Дар се давраи аввали ҳассос ва баъди он рӯзномаи «Садои мардум» дар мавриди таҳаввулоти сиёсӣ дар сатҳи ҷумҳуриву ҷаҳон, пеш аз ҳама, дар асоси иртибототи дипломатӣ, пахши барномаҳои самъӣ ва басарӣ, таҳлилҳои рӯзноманигорӣ дар матбуот, суханрониҳое, ки ба василаи роҳбарони сиёсӣ барои шарҳи ин таҳаввулот эрод мегардид, иттилооти муҳимро нашр намудааст. Аз ин мавқеъ, таҳлили муҳтавои маводде, ки дар рӯзномаи

парлумонӣ чоп шудаанд, бозгӯйи вазъ ва таҳаввулоти сиёсии кишвар ва ҷаҳон дар давраҳои гуногун мебошанд, ки ба тарзҳои гуногун сурат гирифтааст.

Таҳқиқ ва таҳлилҳои ҷиҳати ин мавзуъ дар рӯзномаи «Садои мардум» бачопрасида далели он аст, ки мавқеияти нашрияи парлумониро дар нашри иттилооти сиёсӣ на манфиати синфу гурӯҳҳо, балки, пеш аз ҳама, манфиатҳо ва ҳадафҳои дарозумри сиёсии умумимиллӣ муайян менамояд. Чунин тарзи судманди фаъолияти нашрия аз ибтидои фаъолияташ то имрӯз назаррас ва пураҳаммият мебошад. Барои таҳқиқоти мо низ марҳалаҳои гуногуни фаъолияти рӯзнома аҳаммияти хос дорад, зеро ин давраҳо, аввалан, оғози таҳаввулоти нави сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар аст, сониян, ин таҳаввулот зинаҳои нав ва пуртазоди равишҳои сиёсии фаъолияти ҳукумати кишвар, чеҳраҳои сиёсӣ, аз ҷумла, чеҳраи сиёсии Тоҷикистон ва роҳбарони ҳизбҳои сиёсиро дар матни воқеиятҳои сиёсии дар ҷараён муайян менамояд. Ҳолати охир дар раванди инкишофи воқеиятҳои сиёсӣ тағйироти қобили мулоҳизаро ба вуҷуд оварда, ки гоҳо ба шикасти имиҷ (тандес)-и гурӯҳе, тағйири имиҷ (тандес)-и баъзе чеҳраҳо ва эҳёи неруҳои сиёсии тоза мусоидати комил кардааст.

Натиҷаи таҳлилҳои анҷомгирифта нишон дод, ки аз замони нашри нахустин шумораи рӯзномаи «Садои мардум» сар карда ба баъд, масъалаҳои амнияти сиёсии кишвар, сулҳу ваҳдати миллӣ дар саҳифаҳои  нашрия ҷойгоҳи хос дошта, ҳайати эҷодии рӯзнома ба нашри иттилооти муҳим ва барои ҷумҳуриву сокинони он тақдирсоз талош кардааст. Ба ифодаи дигар, мавзуи амнияти сиёсии кишвар ва миллат, ҳамгироии сокинони он ва пешомадҳои ояндабинонаи сиёсӣ аз нахустин шумораи соли 1991 сар карда, мавриди таваҷҷуҳи нашрия будааст.

Усули бовар кунондани хонанда [37, 81] равиши асосии нашри иттилоотро дар мавзуъҳои зикршуда муайян мекунад, ки дар ин равиш, андешаву мулоҳизаҳо, таассурот, ҳусни таваҷҷуҳ ва нороҳатиҳои рӯзноманигорон неруи таъсиргузории маводро зиёд кардааст. Дар ин раванд, рӯзномаи «Садои мардум» тавонистааст, ки дар марҳалаҳои гуногуни итишор паёмҳои

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи моҳияти сиёсати хориҷии кишвар, сулҳу ваҳдати миллӣ, муносибат ва робита бо ҳамсоякишварҳо, аз ҷумла, Русия, Чин, Эрон ва монанди инҳо аз тарзи таомулӣ истифода карда, ин маводро ҳамчун маҷмуи таҳрикбахш ироа намояд. Илова бар ин, дар ҳар шумораи рӯзнома иттилооти муҳимме дар бораи вазъи сиёсии Тоҷикистон, ҳамчунин, гароишҳои номзадҳои интихоботҳо ва мансабдорон дар мавриди масоили хос ва низ гоҳо тағйири ин арзишҳо ва гароишҳо дар вокуниш ба шароити хос ва бо таваҷҷуҳ ба мухотабони онҳо ироа кардаанд, ки дар инъикоси масоили сиёсӣ иқдоми равишманд мебошад.

Мавод ва таҳлилу тафсири зиёде доир ба робитаҳои кишварҳо, тафовутҳои арзишҳои роҳбарӣ, хостаҳои баъзе мақомдорон, гузоришҳо дар бораи ҳизбҳо, курсиҳои ҳизбӣ, суханрониҳои мақомоти ҳизбӣ ва шиорҳои рӯзмарра ҳанӯз дар аввалин шумораҳои соли 1991 чопшуда, ки заминасози таваҷҷуҳ ва алоқаи нашрия ба воқеиятҳои муҳимми сиёсии дар ҷараён мебошад. Зиёда аз ин, метавон ба талоши рӯзнома барои ташхиси ҷараёнҳои сиёсиву ҳизбӣ, равияҳои таблиғотӣ ва шиносоии таблиғгароне аз ҳизбҳову ҷараёнҳои сиёсӣ, ки аз ин воқеиятҳо барои тазъифи шахсиятҳои сиёсӣ истифода кардаанд, ёд кард, ки аксаран баёнгари воқеиятҳои сиёсии он солҳо маҳсуб мешаванд.

Мусоҳибаи Шариф Ҳамдампур бо Раиси вақти Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Қадриддин Аслонович Аслонов таҳти унвони «Роҳи наҷотро дар ваҳдат мебинам», ки дар нахустин шумораи рӯзнома ба чоп расидааст, намунае аз маводди интишоршудае мебошад, ки дар матни воқеиятҳои дар ҷараён вазъи сиёсии ҷумҳуриро ба муҳокима кашидааст. Суолҳои мусоҳибагар ва посуххои мусоҳиб ояндабинона буда, муҳтавоии ҷомеи ин гуфтугӯ дар сарлавҳаи мусоҳиба ҷамъбаст шудааст.

Мақолаи Салимшо Ҳалимшо «Миллати созанда ё сӯзандаем?», гузоришҳои «Машварат дар ҳузури Президент» (3-юми январи соли 1991), мақолаи Иброҳим Усмонов «Шумо ҳамроҳи кистед, рафиқон коммунистон?» (14-уми июни 1991), «Мулоқоти роҳбарияти Шуравӣ бо журналистон», хабарҳои «Дар Кумитаи назорати конститутсионии ИҶШС», «Муроҷиат ба

меҳнаткашони Маскав», лавҳаи тасвирии «Дар кӯчаҳои шаҳри Маскав» (21-уми августи соли 1991), «Даъват ба сулҳу муросо», «Сури оштӣ», мусоҳибаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршо Искандаров «Шурои Олӣ даъват мекунад?» (24-уми июли соли 1992) ва монанди инҳо собит месозанд, ки тамоюли сулҳхоҳона ва ваҳдатпазирии ҳукумати вақт ва муаллифони дигарро дар арафаи гирудорҳои дохилӣ ва фосилагириҳои сиёсӣ аз ҷониби баъзе ҳизбҳо нашрия ҳамчун воқеият дар саҳифаҳои рӯзнома инъикос намудааст.

Масъалаи вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ва дахолати қувваҳои беруна ба он низ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи рӯзномаи «Садои мардум» будааст ва дар арафаи шуруи задухӯрдҳои дохилӣ нашрия ба ин масъала воқеъбинона нигариста, маводдеро чоп кардааст, ки мавқеи сиёсии ҳукумати ҷумҳуриро оид ба ин масъала мушаххас месозанд. Аз ҷумла, рӯзнома дар гузориши «Изҳороти дафтари матбуоти Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавқеи расонаҳои хабарии Русия, бахусус, телевизиони «Останкино»-ро, ки дар он рӯзҳо «маъракаи ҳадафноки таблиғотиро дар бораи вазъияти Тоҷикистон оғоз намуда» будаанд, воқеъбинона шарҳу баст карда, дар поёни гузориш бо зикри суолҳои зерин хонандаро ба андеша водор мекунад: «Оё мақсад аз ин хабарҳо дубора ба тарсу ҳарос овардани сокинони русзабони Тоҷикистон ва ба муҳоҷират бештар водор сохтани онҳост? Ва ё он мувофиқи нақшаи пешакӣ тарҳ шуда, дар зимн ягон ҳадафи дигаре нуҳуфта аст?». Гузориш бо андешаҳои зайл ҷамъбаст шудааст, ки нашри он барои муҳити иттилоотӣ дар он рӯзҳо судманд буд: «Дафтари матбуоти Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон итминон дорад, ки дастгоҳҳои таблиғотии кишвари дӯст – Русия минбаъд дар бораи ҳодисаҳои Тоҷикистон воқеиятро нашр намуда, хабарҳоеро пахш мекунанд, ки дурустии онҳо санҷида шудаанд ва он ба таҳкими равобити анъанавии дӯстии байни халқҳои Русия ва Тоҷикистон мусоидат менамояд» (25-уми июли соли 1992).

Дар матни дигар, ки рӯзнома таҳти унвони «Вазъи фирориён» чоп кардааст,  ноороми вазъи сиёсии ҷумҳурӣ дар мисоли фирори қисме аз сокинони водии Вахш ва шаҳри Қӯрғонтеппа ба вилояти Кӯлоб ба сароҳат

нишон дода шудааст, ки на фақат воқеъбинона ва ҳолшиносона аст, балки ба чунин ҳодисаҳо баҳои холисона додан аз вижагиҳои фаъолияти рӯзнома мебошад. Воқеаҳое, ки дар солҳои навадум, бахусус солҳои 1992-1993 дар Тоҷикистон рух додаанд, ҳар кадоме сабаб ва омилҳои худро доштааст. Ба ин далел, рӯзнома ҳангоми инъикоси онҳо ба ошкор кардани ин омилҳо, ки аксаран бар зарари иттиҳоди миллат будаанд, бештар таваҷҷуҳ кардааст. Ба ифодаи дақиқтар, рӯзнома барои ба мухотабон паёми саҳеҳ ва воқеиро расондан, асли ҳақиқатро ҳифз намудааст. Дар ин раванд, рӯзномаи «Садои мардум» ва хабаргузорони он воқеъбаёниро маҳаки фаъолият қарор дода, барои инъикоси саҳеҳи воқеиятҳои сиёсӣ муттасил саъй кардаанд.

Дар аксари шумораҳои дар марҳалаи аввали фаъолият, яъне солҳои 1994-1999 чопшудаи рӯзнома доир ба масъалаи сулҳи тоҷикон ва муросои миллӣ ва саъйу талоши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонов дар ин роҳ маводди фаровоне ба чоп расидааст, ки сиёсати воқеии Ҳукумати ҷумҳуриро дар ин самт шарҳу тафсир кардаанд. Бахусус, доир ба баргузории мулоқот ва гуфтугӯйи намояндагони Ҳукумат ва мухолифин дар Теҳрон ва Маскав ва натиҷаҳои он то давраи имзои созишномаи сулҳ ва баъди он маводди зиёде чоп шудааст, ки пасту баландиҳои рафти музокироти тоҷиконро воқеъбинона ба хонанда инъикос менамояд. Таҳлили сифатии муҳтавои иттилооти дар ин мавзуъ чопшуда нишон медиҳад, ки тамоюли сулҳхоҳона ва ваҳдатпазирии сиёсати Президенти Тоҷикистон баъд аз гирудорҳои дохилӣ аз авлавиятҳои ҳадафҳои сиёсии роҳбари давлат будааст. Маводде, ки оид ба ин мавзуъ дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидааст, мусбат буда, муаллифон ва таҳлилгарон дар роҳи интишори чунин хабару гузориш ва мақолаҳо рисолати дифоъ аз манфиатҳои миллиро бар дӯш доштаанд. Иттилооти сиёсии дар ин замина чопшуда робитаҳо ва ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои Русия, Эрон, Иттиҳоди Аврупо мусбат ва созанда арзёбӣ кардаанд. Таносуби воқеии маводди дар рӯзнома нашршударо ба эътибор гирифта, метавон хулоса кард, ки дар ин самт, рӯзнома асосан, иттилооти ояндабинонаро ба чоп расонидааст. Масалан, гузориши «Пазироии намояндаи махсуси муншии умумии СММ» (20-уми

январи соли 1994) муфассали «Мулоқоти Э. Раҳмонов дар Вашингтон» (29-уми априли соли 1999), хабари «Созмони Иттиҳоди Аврупо тарафдори сулҳи тоҷикон» (29-уми апрели соли 1999), «Пешомадҳои ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва накши Созмони Милали Муттаҳид» (4-уми марти соли 1999) ва ғайра, пеш аз ҳама, баёнгари мавқеи нашрия ва манбаъҳои иттилоотӣ дар интишори паёми сареҳ ва ҳақшиносонаи сулҳу ваҳдат ба ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Дар идомаи инъикоси масъалаҳои сиёсӣ нашрия ба пахши иттилоот оид ба сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ низ маводҳои муҳим ба чоп расонидааст. Аз ҷумла, иттилооти муфассал оид ба ташаббусҳои роҳбари давлат дар бораи соли 2003-ро Соли байналмилалии оби тоза эълон кардан ва аз ҷониби Маҷмааи умумии СММ пазируфта шудани ин пешниҳод (28-уми августи соли 2003), «Суханронии Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар» (2-юми июни соли 2005), мақолаи С. Тоҳиров ва Х. Бобиев «Бухрони об ва истифодаи «дарёи фазоӣ» (28- уми августи соли 2003) ва ғайра маҳсули иқдомҳои сареҳи иттилоотии рӯзнома дар таблиғи сиёсати хориҷии Тоҷикистон оид ба масоили гуногуни сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

Бисёр маводде, ки дар марҳалаҳои гуногуни фаъолияти рӯзнома ба чоп расидаанд, масъалаи робитаҳо ва ҳамкориҳои Тоҷикистонро дар сатҳи ҷаҳонӣ матраҳ кардаанд ва онҳо чузъи сиёсати хориҷии кишвар ба ҳисоб меравaнд. Дар ин замина, метавон аз нашри гузоришҳои «Мулоқоти Р.Н. Набиев бо вакилони Хитой», «Баёнияи муштарак дар бораи барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой» (7-уми январи соли 1992), «Ҳамкорӣ вусъат меёбад» (имзои Созишномаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳури Узбекистон) (20-уми январи соли 1994), «Эмомалӣ Раҳмонов дар ҷаласаи Шурои сарони ҳукуматҳои кишварҳои ИДМ суханронӣ кард» (27-уми майи соли 2006), «Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмонов бо роҳбарони хадамоти махсуси кишварҳои

ИДМ» (6-уми июни соли 2006), «Нахустин вохӯрии раисони Парлумонҳо» (1-уми июни соли 2006), «Дар сурати бештар муттаҳид шуданамон метавон гардиши ғайриқонунии маводди нашъаоварро аз байн барем. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба мубориза зидди маводди нашъаовар, 5-уми майи соли 2006» (20-уми майи соли 2006), «Дурнамои ҳамкориҳо нек аст» (11-уми марти соли 2013), «Суҳбати Шукурҷон Зуҳуров бо Алиакбар Солеҳӣ» (13-уми январи соли 2012) ва монанди инҳоро метавон ёдовар шуд, ки дар онҳо рӯзнома доир ба сатҳи робитаҳову ҳамкориҳои Русия, Эрон, Узбекистон ва давлатҳои ИДМ иттилооти муфидро ба чоп расонидааст.

Дар ҳамаи марҳалаҳои нашр рӯзномаи «Садои мардум» мутаваҷҷеҳи нашри иттилооти сиёсие будааст, ки чопи он ба амният, суботи кишвар, ҷаҳон ва тандес (имиҷ)-и Тоҷикистон мусоидат намояд. Дар ин замина, дар саҳифаҳои рӯзнома маводдеро пайдо кардан имконнопазир аст, ки ҳадафи ҳангомаҷӯӣ ва манфиатхоҳӣ дошта бошад. Махсусан, дар замоне, ки бештари нашрияҳои даврӣ гирифтори буҳрони ҳирфаӣ буданд, инъикоси холисонаи воқеиятҳои сиёсӣ барои паёмгирони ин нашрия арзиши хос ваояндабинона дошт. Муқоисаи саҳифаҳои рӯзнома нишон медиҳад, ки аз аввалин шумора ба баъд инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла, сиёсати дохилӣ ва берунии кишвар на кам аз даҳ фоизи маводди чопшударо муайян менамояд. Дар маҷмуъ, чунин муносибат ба нашри маводди сиёсӣ дар саҳифаҳои рӯзнома то ба имрӯз ҳифз шудааст. Ин далели устувории сохтори мундариҷавии масъалагузорӣ ва мавзуии нашрия дар инъикоси мавзуи сиёсӣ мебошад.

Дар рӯзномаи «Садои мардум» воқеиятҳои дигари сиёсии ҷумҳурӣ, аз ҷумла, интихобот дар сатҳҳои гуногун ва масоили ба он алоқаманд, номзадҳои интихобӣ ва хостаҳои онҳо, мавқеи сиёсии баъзе мансабдорон оид ба мушкилоти сиёсии кишвар дар ҳар марҳала, ба тарзҳои гуногун инъикос ва арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла, дар мақолаи И. Усмонов «Суханронӣ дар Иҷлосияи Маҷлиси Олӣ», ки дар шумораи 8-уми ноябри соли 1995 ба чоп расидааст, нақш ва ҷойгоҳи мансабдорон дар ҳалли масъалаҳои муҳимми сиёсии кишвар

бо далелҳо нишон дода шудааст. Мақолаи дигари ҳамин муаллиф «Сабақҳои низоъҳои сиёсӣ дар Осиёи Миёна дар понздаҳ соли охир», ки дар шумораи 23-юми июни соли 2000 рӯзнома чоп шудааст, дар боби нақши чеҳраҳои сиёсӣ буда, мушкилоти сиёсии глобалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки нигоҳи воқеӣ ва моҳиятҷӯёна ба равандҳои сиёсии домангири ҷумҳурӣ, аз ҷумла, минтақа мебошад.

Бар ин тартиб, аз ин мурури кӯтоҳ метавон ба натиҷа расид, ки рӯзномаи «Садои мардум» ба василаи инъикоси воқеиятҳои сиёсии Тоҷикистон ва ҷаҳон, пеш аз ҳама, ба шинохт ва арзёбии муҳимтарин масъалаҳои сиёсии алоқаманд ба ҳаёти кишвар ва ҷаҳон даст ёфта, тавонистааст чеҳраи мусбати кишварро, ки дар ҷараёни воқеиятҳо ва тағйиротҳои сиёсии замони муайян шакл гирифтааст, ба хонанда шиносонад.

**Б) Масъалаҳои иҷтимоӣ.** Мавзуи муҳимми дигаре, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» аз аввалин шумора мавриди таваҷҷуҳ будааст, масоили иҷтимоӣ мебошад. Дар инъикоси ин мавзуъ нашрия роҳу равиши усулӣ ва ҳирфаии иттилоърасониро пеш гирифта, ин таҷриба мундариҷа ва шакли фаъолияти рӯзноманигорӣ ва ҳадафҳои иҷтимоии онро муайян ва мушаххас менамояд. Дар вақти таҳлил ва арзёбии маводде, ки рӯзнома оид ба мавзуи иҷтимоӣ нашр кардааст, барои шинохти тарзи ҳирфаии интишори иттилоот мо усули таҳлили муҳтаворо ба кор гирифтем, ки аз нуктаҳои зерин ба ҳам омадааст:

1. Таҳлили ҳама гуна мавод дар асоси низоми хоси равишшиноси (методологи)-и таҳқиқӣ.

2. Арзёбии тарзи ҷузъбанди (квантификатсия)-и матн, ки аз мазмун ва ғояи мушаххас ба ҳам омадааст.

Рӯзномаи «Садои мардум» аз оғози таъсисёбӣ то имрӯз талош кардааст, ки бо инъикоси мушкилоти иҷтимоӣ, нахуст, шавқ, иродат ва андешаи хонандагонро ифода намуда, диққати ниҳодҳои низоми сиёсӣ ва ҷомеаро ба муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ ҷалб намояд, сониян, ба ин василa, дасти таҳрире дар фаъолияти ниҳодҳои марбута ва таъсире дар адешаву орои хонанда

низ гузошта бошад. Ба ифодаи дигар, масъулини рӯзнома фарзро бар ин гирифтаанд ва ё ниёз ба як хостаеро дарк кардаанд, ки «ҷомеа, дар маҷмуъ, то ҳудуде бар пояи як табақабандии воҳид пиромуни воқеияти иҷтимоӣ устувор аст. Зеро дар ғайри ин сурат, мо қодир нестем ба як дунёи мунсаҷим (муттаҳид) маъно ва мафҳуми наве бахшем» [86, 28].

Зимнан, бояд ёдовар шуд, ки инъикоси масоили иҷтимоӣ дар рӯзномаҳои ҳукуматӣ, аз ҷумла, «Садои мардум» равиши хоси худро дошта, ин нашрияҳо дар таҳия ва нашри мавод, асосан, ба манбаъҳои ҳукуматӣ ва андешаҳои ашхоси боэътимод такя мекунанд. Аз таҳлил ва арзёбии қиёсии маводде, ки доир ба ин мавзуъ дар нашрия чоп шудааст, метавон ба хулоса омад, ки рӯзнома дар нашри мавод оид ба мавзуоти иҷтимоӣ, асосан, ба маъхаз ва манобеи зерин такя доштааст:

а) матлабҳое, ки ба воситаи муаллифони худӣ таҳия шудааст;

б) маводди ирсолӣ аз тарафи хабарнигорони худиву бегона;

в) навиштаҳои ҳамкасбони ғайримустақим;

г) таҳлил, тафсир ва арзёбиҳои ҷомеашиносон;

д) ахбор ва эъломияҳои давлатӣ;

е) маълумоти бадастрасида аз ҷамъиятҳо, ҳизб ва шахсиятҳои одӣ;

ё) хабар, мақола, мусоҳиба, табсира ва дигар маводди аз рӯзномаҳо ва манобеи беруна бадастомада.

Дар интихоб ва чопи мавод доир ба масъалаҳои иҷтимоӣ барои рӯзномаи «Садои мардум» омилҳои миқёс ва мизони такрори як рӯйдоди иҷтимоӣ ва ҳамоҳангии нашрия бо он, майдон ва вусъати интишори ҳодисаи иҷтимоӣ, шиддат ва ҳидмати он, ошкору фаҳмрас будани воқеият, ҳаводиси аз нигоҳи миллӣ пураҳаммият, ҳамоҳангӣ ва ҳамсадои воқеиятҳои иҷтимоие, ки ҷомеа интизории зуҳури онро доштааст ва муҳтавои диққатангез, ҳамгирой ва ғайримутазира будани матлаб таъсирбахш ва такондиҳанда будаанд. Дар интихоб ва чопи ин гуна мавод илова ба он чӣ зикр шуд, чанд омили фарҳангии дигар, аз ҷумла, арзиши милливу ахлоқӣ, рабт доштани иттилоот ба чеҳраҳои сиёсиву фарҳангӣ ва манфию ҳавасбарангез муассир будааст.

Дар заминаи он чӣ гуфта шуд, метавон ба ин натиҷа расид, ки рӯзномаи «Садои мардум» дар фарогирӣ ва инъикоси воқеиятҳои иҷтимоии ҷумҳурӣ тарзи коромади чоп ва интишори иттилооти марбутаро ба кор гирифтааст, ки далели муносибати ҳирфаӣ ба ин масъала мебошад. Яке аз ин шеваҳои кор аз дидгоҳҳои рӯзноманигорони худӣ ва манобеи давлатӣ шарҳу тавзеҳ додани воқеиятҳои иҷтимоӣ буда, дар ин росто фаъолияти рӯзнома қобили таваҷҷуҳ аст. Аз ин ҷиҳат, ба хотири дар сатҳи давлатӣ пураҳаммият будани мавзуъ дар нашр ва таблиғи ин масъала миёни «Садои мардум» ва дигар рӯзномаҳои давлатӣ ҳамгироӣ ва ҳамсадоӣ ба мушоҳида мерасад. Вале ин сухан чунин маънӣ надорад, ки «Садои мардум» дар ин ҷода тобеи роҳи тайкардаи нашрияҳои давлатии дигар бошад. Мустақилият ва меъёри интихобу нашри иттилоот дар ин мавзуъ барои рӯзнома, пеш аз ҳама, тозагӣ ва муҳиммии он барои ҷомеа мебошад.

Чеҳраи ҳирфаӣ ва маънавии «Садои мардум»-ро дар марҳалаҳои фаъолият нашри маводде шакл додааст, ки барои миллат, давлат ва муҳити иҷтимоӣ аҳаммияти дараҷаи аввал доштааст. Дар ин равиш, нашрия ҳамеша ба нашри иттилоот доир ба беҳдошти сиҳатии мардум, ахлоқ, амнияти иҷтимоӣ, густариши нашъаҷаллобию нашъамандӣ, ришвахорӣ, сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва ғайра диққат дода, ба ин васила, барои беҳ сохтани вазъи иҷтимоии ҳаёти ҷомеа саъй намудааст. Аз ин ҷиҳат, хусусиятҳои мавзуии маводди нашршуда ба вазъи иҷтимоии раванди инкишофи ҷумҳурӣ сахт алоқаманд мебошад. Зайли намуна баъзе маводдеро, ки рӯзномаи «Садои мардум» оид ба мушкилоти иҷтимоии ҳаёти ҷомеа дар давраҳои гуногун чоп кардааст, аз назар гузаронидан мумкин аст, ки дар онҳо баъзе тамоюлҳои муҳимми иҷтимоии ҳаёти ҷомеаи тоҷикон дар солҳои навадум ва баъди он таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

«Садои мардум» дар аввалин шумораи худ ба нашри иттилооти иҷтимоӣ эътибори хосса дода, дар ин мавзуъ якчанд маводди ҷолиби диққатро ба чоп расондааст, ки вазъи иҷтимоии ҷумҳуриро дар охирҳои аҳди шуравӣ воқеъбинона инъикос менамояд. Яке аз ин гуна иттилоот мақолаи пурмуҳтавои

М. Нурмуҳаммадов «Фарёди санги хора» (1-уми январи соли 1991) мебошад, ки аз ҳаёти парасторхонаҳои кӯдакони ҷумҳурӣ ва саховати Собирҷон Бегиҷонов ба ин парасторхонаҳо маълумоти ҷолиб ва таъсиргузор меоварад. Ин мақола як навъ ҳушдори иҷтимоӣ барои масъулони соҳа дар он рӯзгор будааст, ки имрӯз барои хонандаи огоҳ фақат таърихи гузашта асту бас. Вале дар он рӯзгор таъсири ин гуна мавод ба афкори ҷомеа зиёд ва аҳаммиятнок буд. Муалллиф дар мақола аз афзоиш ёфтани ноамнии иҷтимоӣ ҳушдор медиҳад. Омили аслии таъсиргузории ин мақола дар муҳити иттилоотии он рӯзгор ва баъди он низ моҳият ва муҳиммии масъалаи мавриди назар мебошад, ки муаллиф ба миён гузоштааст. Сонияն, фарогир будани рӯзнома ва ниҳоят, ҳамоҳангӣ ва шавқмандии маънавии хабарнигорон ва нашрия унсури дигари тақвиятбахши моҳият ва таъсири иттилоот ба муҳити маънавӣ мебошад.

Инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолияти рӯзнома ҷой дошта, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии ҷумҳуриро дар бар мегирад. Шумораҳои аввалини рӯзнома, ки дар давраи ҳассос ва авҷи худшиносии миллӣ ба чоп расидааст, фоҷиаҳои иҷтимоии аз сари миллати тоҷик, забон ва фарҳанги он гузаштаро бештар рӯнамоӣ карда, ба муҳокима кашидааст. Ин масъалаи муҳимми иҷтимоӣ, бахусус, дар шумораҳои дар соли 1991 чопшуда зиёдтар инъикос шудааст, ки тақозои ошкорбаёнии горбачёвӣ мебошад. Аз ҷумла, мақолаҳои Акбар Набипури Турсон «Адолатоин, ҳақиқатҷӯ ва ростнигар» (1-уми январи соли 1991), Салимшо Ҳалимшо «Миллати созанда ё сӯзанда?» (3-юми январи соли 1991), «Номро пос бояд дошт» (бемуаллиф) (3-юми январи соли 1991), «Халянд «Пайванд» мехонад» (бемуаллиф) (3-юми январи соли 1991), «Дурӯғ торикист» (суҳбати Furобоҷони Абдулвоҳид бо имомхатиби масҷиди ҷомеи Кӯлоб Ҳоҷӣ Ҳайдар Шарифзода) (3-юми январи соли 1991), хабарҳои «Зилзила дар Эрон», «Дар кишвари шуроҳо: мубориза зидди дуздӣ ва лавҳаи Муқим Абдураҳмонов «Танӯр пур аз алав бошад», ки дар шумораҳои зикршудаи «Садои мардум» чоп шудаанд, масъалаҳои муҳимми иҷтимоии ҳаёти ҷомеаи он рӯзгорро инъикос намудаанд. Дар мақолаву хабару мусоҳиба ва лавҳаи зикршуда вазъи иҷтимоӣ ва маънавии аҳли илм, фоҷиаи

иҷтимоии китобсӯзиҳои солҳои бисту сии садаи гузашта ва нақши ба ном зиёиёни худфурӯхта дар ин ҷараён, риоя нашудани талаботи қонуни забон дар шаҳри Хуҷанд, дилбастагии шаҳрванди Эстония Халянд Удам ба нашрияҳои тоҷикии «Пайванд», «Адабиёт ва санъат», зарари дурӯғпароканӣ дар ҷомеаи мутамаддин, нақши зан-модар дар мисоли сарнавишти пуршебу фарози қаҳрамонмодар Назирбӣ Ҳасанова, ки дувоздаҳ фарзандро тарбия кардааст ва монанди инҳо воқеъбинона ва ҳолшиносона инъикос шудааст, ки равиши ҳирфаии нашрияро дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ собит месозад.

Бештарини маводде, ки рӯзнома дар давраҳои баъдии фаъолияташ оид ба мушкилоти иҷтимоӣ чоп кардааст, бо маъруфият, ҷаззобияти хос ва таъсиргузорӣ ба муҳити иттилоотӣ фарқ дошта, хонданаш ба хонанда ҳушёрӣ ва масъулияту эҳтиёткорӣ ато менамояд. Дар ин қабил, маводди иттилоотии иҷтимоӣ нуфузи қудрати манбаъ ва муаллиф ба воқеияти доғи иҷтимоӣ асос ёфта, яке аз воситаҳои ҷалби бештари мухотабон мебошад. Иттилооте, ки дар ин замина, нашрия паҳн кардааст, ду фазилати ҳирфаӣ дорад: яке, сифати гузориш ва дигаре, боваринок будани манбаи иттилоърасонӣ ба унвони яке аз тарафҳои иртибототт.

Инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» бо он чӣ зикр шуд, маҳдуд набуда, балки доираи васеи мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла, авзои иҷтимоии кӯҳистониён, масоили доғи рӯз, вазъи таълиму тарбия дар мактабҳо, масъулияти волидайн дар тарбияи фарзандон, ҳифзи табиат, куштори нобаҳангоми чеҳраҳои сиёсӣ, офатҳои табиӣ, камшавии сатҳи оби дарёҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ ва оқибатҳои он, нашъаҷаллобиву нашъамандӣ, терроризм ва ифротгароӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

Дар кори нашри иттилооти иҷтимоӣ рӯзномаи «Садои мардум» ба маҳаки ҳифзи амонат дар иттилоот ва устувории мавқеи манбаъ эътибори хос дода, марҳилаҳои шинохти ҳақ ва амал бар онро вижагии усули нашри ин гуна маводди иҷтимоӣ донистааст, ки далели садоқат ба касбият мебошад. Нашрия дар инъикоси масъалаҳои мавриди назар омилҳои манбаи иртибот (интиқолдиҳандаи паём), вижагиҳои мухотабон (паёмгирон) ва моҳияти паём

(чигунагии интиқоли он)-ро ба эътибор гирифтааст, ки омили аслии муассирӣ ва афзудани неруи таблиғии ин гуна иттилооти иҷтимоӣ гардидааст.

Дар ин замина, бояд афзуд, ки рӯзномаи «Садои мардум» дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ ба нашри маводде пойбанд будааст, ки, пеш аз ҳама, мафиатҳои иҷтимоии сокинони кишварро ба дарозои замон дар дохил ва хориҷи он ҳимоят мекунанд. Дар ин равиш, ҳадафи рӯзнома холисона, ояндабинона ва мусоидат ба беҳ шудани вазъи иҷтимоии зиндагии мардум ва шукуфоии кишвар будааст. Аз ҷумла, мусоҳибае, ки мухбири рӯзнома Кароматуллоҳи Аҳмад таҳти унвони «Тухми меҳнат ҳар кӣ корад...», ки бо муовини раиси комиҷроияи ноҳияи Ғарм (Рашти имрӯза) Мирзо Сиддиқшоев анҷом додааст, дорои ҳамин гуна хусусияти «коркарди арзишҳои ҳамагонии иҷтимоӣ» буда, дар он «омили ҳамдигарфаҳмии одамон ва баробарии иҷтимоӣ» [38, 83] тавзеҳу баррасӣ гардидааст. Дар мусоҳиба масъалаи диққатангезе, ки мусоҳибагар ва мусоҳиб ба миён гузоштаанд, аз ҷониби роҳбарон ба вуҷуд овардани шароити созгор дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад. Ин омил метавонад вазъи иҷтимоии сокинони Ғарму Комсомолобод ва дигар манотиқро ба беҳӣ тағйир диҳад. Ин мақола, ки 20-уми марти соли 1994 – дар замони нооромиҳои кишвар ба чоп расидааст, омилҳои вайронгареро низ рӯнамоӣ кардааст, ки сабабгори пастравии авзои иҷтимоии мардум дар ин минтақа шудаанд.

Дар баъзе мақолаву гузоришҳо, ки рӯзномаи «Садои мардум» дар марҳалаҳои гуногун ба чоп расонидааст, масъалаҳои иҷтимоии дигар, аз ҷумла, ҷанг, ҳамчун унсури вайронгари вазъи иҷтимоӣ («Ҷанг дар ҷаҳон бадбахтӣ барои кӯдакон низ ҳаст...»), риояи одоби муошират дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, вазъи мактабу маориф («Қонун раҳнамост»), зиёд шудани бекоршавии ақди никоҳ («Шаҳри Ваҳдат: бемасъулиятии комиссияҳои таблиғотӣ бекоршавии ақди никоҳро зиёд кард»), роҳҳои беҳдошти авзои иҷтимоии зиндагии мардуми кишвар дар такя ба воқеиятҳои иҷтимоии шаҳри Хоруғи вилояти Бадахшон («Сабурона меҳнат намоем, мушкилиҳо мегузаранд – мегӯяд Раиси шаҳри Хоруғ Ҷумъахон Зарифхонов»), беҳдошти шароити зиндагии мардум дар фасли сармо («Сандалӣ дар хонаи давлатӣ ё манзили мардум кай гарм мешавад?»),

террори чеҳраҳои сиёсӣ ва омилҳову фармоишгарони ин ҳодисаи мудҳиши таърихи кишвар (нашри иттилооти расмӣ аз Раёсати Шурои Олӣ ва Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «ба таври фоҷиавӣ ҳалок» шудани «муовини Раиси Шурои Вазирон, олими барҷаста Назаршоев Моёншо»), мушкилоти иҷтимоии оби тоза ва ташаббусҳои сатҳи байналмилалии Тоҷикистон дар ин замина, («Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов Дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар (ш. Душанбе, 30-юми майи соли 2005), «Эъломияи Душанбе дар бораи об», «Истифодаи об тадбирҳои якҷоя мехоҳад», «Буҳрони об ва истифодаи «дарёи фазоӣ»), масъалаҳои ифротгароӣ ва таъсири он ба вазъи иҷтимоии ҷомеа («Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизми ифротгароӣ», «Марзбон бедор андар постгоҳ...», «Ифротгароии ҷавонон – асоси нигаронии ҷомеа», «Хатарҳои замони муосир ва сабабҳои майли ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ» ва ғайра), нашъа ва нашъаҷаллобӣ («Дар сурати бештар муттаҳид шуданамон метавонем гардиши ғайриқонунии маводди нашъаоварро аз байн барем. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба мубориза зидди маводди нашъаовар, 15-уми майи соли 2006») ва монанди инҳо инъикос ва таҳлилу тафсир шудаанд, ки дар шинохт ва арзёбии мушкилоти иҷтимоӣ равиши тозаи касбии пешгирифтаи нашрияи «Садои мардум»-ро бармало мекунанд.

Таҳлили муқоисавии маводди дар фосилаҳои гуногуни замонӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» чопшуда нишон медиҳанд, ки нашрия, пеш аз ҳама, ба сабаб ва таърихи бавуҷудоии ҳодисаҳои иҷтимоӣ диққат додааст. Маводди нашршуда консепсияи хоси нашрияро барои ошкор намудани воқеоти иҷтимоӣ, шинохт ва муаррифии омилҳои рух додани ин ҳодисаҳо ва роҳҳои пешгирии он мушаххас месозад. Мавқеи рӯзнома дар шинохт ва шарҳу тафсири ҳодисаҳои иҷтимоӣ холисона ва воқеъбинона буда, вижагии фаъолияти нашрияро дар ин замина муайян менамояд. Ба ифодаи дақиқтар, рӯзномаи «Садои мардум» бо нашри ин гуна мавод барои ба мухотабон расонидани паёми саҳеҳ ва судманд

асли ҳақиқати муҳтаворо ҳифз кардааст. Нуктаи муҳимми дигар ин аст, ки усули интихоб ва инъикоси мушкилоти иҷтимоӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» дигаргун ва тоза буда, дар аксар маврид, ба манобеи боэътимод ва гоҳо таҳқиқоти журналистӣ такя дорад. Дар ин равиш, барои ин нашрия эътибори манбаъ як мафҳуми хоси иртиботӣ буда, бо мафҳумҳои дигари иртиботӣ алоқаи устувор дорад.

Муқоисаи маводди дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки манбаи боэътибор барои рӯзномаи «Садои мардум» дар раванди иртибот таъсири мустақим дошта, бо ин мафҳум ҳам алоқамандии бевосита ва ҳам зери таъсири он қарор дорад. Мафҳумҳое чун гузиниши мавод, арзишҳои иттилоотӣ, айният, назарияи ҳамагонии шинохту арзёбӣ, масъулияти иҷтимоии рӯзноманигор ва ғайра, дар воқеъ, бо ин фарз, ки манбаи муътабар василаи аслии иртибот аст, айният меёбад. Инъикоси мушкилоти иҷтимоӣ собит менамояд, ки ибрати манбаъ барои рӯзнома ва кормандони он арзиш ва аҳаммияти хос доштааст. Бинобар ин, аксари маводди дар ин мавзуъ чопшуда танҳо ба як манбаъ – манбаи худӣ ва тахқиқоти кормандони нашрия истинод намудаанд. Маводди дар боло номбаршуда бо ҳамин усул навишта шуда, дар ҷараёни интихоб ва нашри онҳо арзишҳои ҳоким дар ҷомеа ва муҳтавои иҷтимоии мавод таъсиргузор будааст.

Дар нашри чунин мавод фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум» аз чанд ҷиҳат ҷолиб аст. Нашрия барои дарк кардани воқеиятҳои иҷтимоии кишвар фарзиёти қобили тасаввурро пиромуни ҷомеаи ҷумҳурӣ ва чигунагии ҳаракати он дар ихтиёр дорад, ки ба таъсири он меафзояд. Муаллифони аксари ин гуна мавод ба ҳодисаҳо маънӣ ва моҳияти иҷтимоӣ бахшида, дар ин замина, арзишҳои иттилоотиро бар пояи донистаҳои собитшуда дар атрофи ҳаводиси иҷтимоӣ ва идеологӣ ва қонунҳои касбӣ устувор сохтаанд. Аз ин мавқеъ, ба чоп расондани чунин мавод барои рӯзнома фақат инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ набуда, балки гузориш ва тафсири сареҳи ҷанбаҳои матраҳшуда дар ҷомеа мебошанд. Ба ин далел, маводде, ки дар ин мавзуъ ба чоп расидааст, фаврӣ, тоза

ва судманд буда, пеш аз ҳама, ба воқеият такя дорад. Аксари маводде, ки рӯзнома дар ин мавзуъ нашр намудааст, дар ҳамин равиш таҳия ва чоп шудааст.

Маводди нашршуда ҷиҳатгирии ошкорои рӯзномаро дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоии кишвар мушаххас месозад. Ин ҷиҳатгирӣ ҳам мусбат ва ҳам манфӣ буда, мавқеияти ҳақшиносии нашрияро таъйид менамояд. Ин усули иттилоърасонӣ оид ба вазъи иҷтимоии кишвар ба забти воқеъбинонаи он мусоидат кардааст, ки зери таъсири равиши асосии иқдомҳои созандаи иҷтимоии давлат ва раҳбари он шакл гирифтааст.

Ҳамин тавр, рӯзномаи «Садои мардум» тавонистааст, ки бо нашри маводди фарогири мушкилоти иҷтимоӣ доир ба вазъи иҷтимоии ҷомеа донишҳо ва тасаввуроти воқеиро ба вуҷуд оварда, ҳамчунин, назари воқеиятшиносӣ, ормонгароӣ, эътиқодмандӣ ва иҷтимоии мардум ва дастандаркорони соҳаро ба муҳити иҷтимоӣ дар заминаи воқеиятҳои рӯзмарра дигаргун созад.

**В) Масъалаҳои иқтисодӣ**. Мавзуи дигаре, ки аз ибтидои таъсисёбӣ ва дар марҳалаҳои баъдии фаъолият ҳамеша мавриди назари кормандони эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» будааст, масъалаҳои иқтисодӣ ва нақши ин соҳа дар ҳаёти ҷумҳурӣ ва сокинони он мебошад. Доир ба ин масъала, дар нашрия маводди зиёде дар шакли хабару мақола, гузоришу мубоҳиса ва шарҳу тафсирҳо ба табъ расидааст:

- ҳуҷҷатҳои расмӣ доир ба масъалаҳои иқтисодӣ;
- мушкилоти хоҷагӣ-иқтисодӣ ва роҳи ҳалли он;
- маводде, ки дар онҳо масъалаҳои иқтисодӣ баррасӣ ва арзёбӣ гардидаанд;
- масъалаҳои равобити иқтисодӣ ва ҳамгироии ҷумҳурӣ бо кишварҳои дигар.

Маводде, ки рӯзнома доир ба масъалҳои ёдшудаи иқтисодӣ дар марҳалаҳои гуногун нашр кардааст, иттилооти фаровонеро доир ба ин соҳа фаро гирифта, тасаввуроти хонандаро доир ба вазъи иқтисодии Тоҷикистон, марҳалаҳои инкишофи ин соҳа ва пешомадҳои он ғанӣ месозанд. Барои муайян намудани хусусияти таъсиргузории онҳо ба аудитория ва боварманд кардани хонанда намунаҳое аз ин гуна маводро аз назар мегузаронем. Аксари ин мавод,

ки дар боби фарозу фуруди иқтисодиёти кишвар баҳс мекунанд, бо муҳим будан ва эътиқодманд кардани хонанда диққатҷалбкунанда ҳастанд. Мавзуи ҷомеъ, ки дар айни ҳол, муаллифон ё манбаъҳои иттилоотии гуногун онро ба баҳс кашидаанду нашрия чоп кардааст, аз рӯйи тарзи эҷод имкон медиҳанд умумият ва фарқашонро муайян кунем. Дар аксари ин мавод мо корбарии усули бовар кунондан ё эътимодманд сохтани хонандаро мушоҳида мекунем, ки далели муносибати ҳирфаии рӯзнома ва ҳайати эҷодии он ба пахши ин гуна иттилоот мебошад.

Дар ҷараёни таҳлили эмпирикии иттилооти иқтисодӣ, ки дар марҳалаҳои гуногун дар саҳифаҳои рӯзномаи парлумонӣ ба чоп расидааст ва дар заминаи он вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ пеши назар ҷилва мекунад, масъалаҳои зеринро ба муҳокима кашида ва ҳал гардиданд:

– дар асоси маводди чопшуда аз назар гузаронидани равиши воқеии вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ дар фосилаи муайяни замонӣ;

– ошкор намудани самтҳои таблиғотӣ ва дараҷаи тағйири маводде, ки дар фосилаи вақти муайян ин мавзуъ ба баҳс кашида шудааст.

Ба сифати мавод барои таҳлил иттилооте, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» дар байни солҳои 1991 ва 2023 ба чоп расидааст, истифода шуд. Интихоби марҳалаҳои нашри рӯзнома барои он муҳим аст, ки солҳои навадум замони таъсиси рӯзнома ва давраи фурӯпошии Шуравӣ буда, воқеияти вазъи иқтисодии ҷумҳуриро дар он давра мушаххас месозад. Марҳалаҳои баъдӣ, ки ба замони истиқлоли комили сиёсиву иқтисодии кишвар рост меояд, тамоюлҳои ояндабинонаро дар саҳифаҳои нашрия мунъакис кардааст. Ин ду марҳалаи инъикоси масъалаҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, ки дар сохтори мундариҷавию мавзуии пахши иттилоот оид ба ин мавзуъ дигаргуниҳои сохторӣ ва сифатиро ба мушоҳида гирем ва аз назари касбӣ арзёбӣ намоем.

Дар заминаи маводде, ки дар солҳои 1991-1992 дар саҳифаҳои рӯзнома ба чоп расидаанд, бо истифода аз усули таҳлили контентӣ ба хулоса омадем, ки масъалаи иқтисод дар тамоми Шуравии онзамонӣ доғ буда, ҳалли он фақат ба воситаи сухан имконпазир будааст. Намунаи рӯзнома матлаби «Дар Девони

Вазирони ИҶШС»-ро дар шумораи 21-уми августии худ чоп кардааст, ки фақат ба муҳим ва тақдирсоз будани масъала таъкид дораду бас. Чизи муҳимме, ки барои имрӯз таърихи гузашта асту он замон умед ба ояндаро дар дили хонанда зинда мекард, «дидани чораҳои амалӣ барои иқтисоди мамлакат ва ҷумҳуриҳои мустақил дар тамоми давраҳои гузариш» будааст, ки амалӣ нашудааст. Дар ин матлаб то пошхӯрии ИҶШС тадриҷан шикастани механизми иқтисодии мамлакат таъйид гардидааст. (Садои мардум. – 21-уми августи соли 1991).

Ҳамин гуна хабару мақолаҳо ва гузоришоте, ки доир ба вазъи иқтисодии Тоҷикистон нашр шудаанд, фақат баёнгари воқеиятҳои иқтисодии он замон ҳастанду бас. Масалан, суҳбате, ки хабарнигори «Садои мардум» бо шахсони масъули соҳаи иқтисоди кишвар дар атрофи қарори Девони Вазирони ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ намудани боҷу хироҷ барои берун аз ҳудуди ҶШС Тоҷикистон баровардани маҳсулоти меваю сабзавот» доир кардааст, омилеро ба хонанда намудааст, ки мебоист ба пешрафти иқтисодии кишвар мусоидат мекард. Вале он хостаҳо фақат дар рӯйи коғаз мондасту бас. Нашри матлаби тасдиқи «Ҳуҷҷати расмии «Созишнома байни Девони Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва Шурои Федератсияи иттифоқҳои касабаи ҶШС Тоҷикистон оид ба масъалаҳои меҳнат ва иҷтимоию иқтисодӣ барои соли 1991» низ намунаи кӯшишҳои ҳукумати вақт барои ба эътидол овардани вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад. Ҳамин гуна хабару гузоришот, ки дар онҳо бевосита дар бораи вазъи иқтисодии кишвар иттилоот пахш гардидааст, дар ҳар марҳала, дар саҳифаҳои рӯзнома ба таври фаровон чоп шудааст. Аз ҷумла, дар гузориши «Боз дар боби нархҳо» вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ, «дар замони мустақилият рӯз ба рӯз кам шудани истеҳсоли маҳсулот, иҷро нагаштани нақшаҳо, холӣ шудани растаҳои бозорҳои колхозӣ ва пайдарпай боло рафтани нархҳо» ба таври воқеӣ инъикос ёфтааст. Дар хабари расмии «Муроҷиат ба коллективҳои меҳнатӣ, роҳбарон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, соҳибкорон, ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар зераш Раёсати Хазинаи давлатии шуғли аҳолӣ имзо гузоштааст, вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ бо ҳама шикасту рехташ бозгӯ шудааст. Гузориши «Манфиати мардум волотар аст» ва мақолаи «Оё фардои мо рӯшан

аст?», ки рӯзнома дар шумораи 4-уми январи соли 1992 ба чоп расонидааст, низ бозгӯйи вазъи нобасомони иқтисоди ҷумҳурӣ дар он рӯзгоранд.

Дар ҳамин давра, дар саҳифаҳои рӯзнома маводде низ чоп шудаанд, ки дар бораи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон бо давлатҳои дигар, аз ҷумла, Хитой, хабар додаанд (Садои мардум. – 7-уми январи соли 1992).

Яке аз маводди ҷиддие, ки дар марҳалаи аввали фаъолияти рӯзнома доир ба мавзуи иқтисодӣ чоп шудааст, мусоҳибаи хабарнигори «Садои мардум» Муҳаммадшарифи Бобошоҳ бо Вазири савдою захоири моддии Тоҷикистон Ҳ.Ҳ. Солиев мебошад. Ҳадафи аслии мусоҳиба нахуст, ҷамъоварии иттилоот оид ба вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ, дувум, огоҳӣ додан ва муттаҳид кардани муҳити иттилоотӣ ва ниҳоят, таҳрик ва барангехтани онҳоест, ки ба масъалаҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи хос доранд. Дар мусоҳиба омилҳое, мисли ғайридавлатикунонӣ, бенизомӣ дар хариду фурӯши маҳсулот, ки дар пешрафти иҷтисодиёти ҷумҳурӣ ҳам судовару ҳам зиёноваранд, зикр шуда, роҳҳои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ дар ислоҳоти соҳа мушаххас карда шудааст (Садои мардум. – 25-уми июли соли 1992).

Таҳлили сифатии мундариҷаи маводди ёдшуда нишон медиҳанд, ки вазъи иқтисодӣ ва чораҳои пешгирӣ аз буҳрон қаноатбахш набудаанд. Зикри камбудиҳои соҳа дар бисёре аз нигоштаҳои дар солҳои навадум нашршуда огоҳии иттилоотиест, ки рӯзнома ба гӯши хонандагони худ хондааст. Дар ҳамин давра, рӯзнома маводде низ чоп кардааст, ки ҷомеаро баояндаи неки соҳа умедвор менамояд. Матлаби дар шаҳраки Чкаловск ифтитоҳ кардани корхонаи коркарди тилло (20-уми январи соли 1994) ва гузориши муфассали «Шакли нави хоҷагидорӣ манфиат овард» (11-уми марти соли 1998) аз ҳамин гуна иттилооти умедворкунанда аст.

Маводде, ки дар марҳалаи дувуми фаъолияти рӯзнома оид ба ин мавзуъ чоп шудаанд, тадриҷан аз беҳшавии вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ дарак медиҳанд. Дар ин замина, метавон аз мақолаи Мухтори Абдулло «Санҷиши шикоят ба депутат чиро нишон дод?» (6-уми июни соли 2006), ки нақши намояндаи мардумиро дар беҳдошти авзои иқтисодии ҷумҳурӣ нишон додааст, мусоҳибаи

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзномаи «Аш-Шарқ»-и Давлати Қатар «Аз робитаҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Қатар қаноатмандем» (9-уми январи соли 2021), ки дар баробари дигар масъалаҳо муносибатҳои бурунмарзии иқтисодии Тоҷикситонро матраҳ кардааст, хабари «Бунёди 10 гектар зардолузор дар Фархор» (1-уми марти соли 2022), хисоботи Диловари Мирзо «Мулоқоти Муҳаммадтоир Зокирзода бо интихобкунандагон» (22-юми январи соли 2022) ва ғайра ёд кард, ки дар давоми се марҳалаи фаъолият рӯзнома доир ба вазъи иқтисодии кишвар, раванди азнавсозиҳои ин соҳа барои доираи васеи хонандагон ва аҳли ҷомеа иттилооти айнӣ додааст.

Аз баррасиҳои анҷомгирифта дар атрофи ин мавзуъ натиҷаи аввал ин аст, ки яке аз масъулиятҳои муҳимми рӯзномаи «Садои мардум», пеш аз ҳама, ироаи иттилооти дуруст ва воқеӣ ба ҷавомеъ ва мухотабонаш аст. Рӯзноманигор ё манобеи хабарӣ бояд саъй кунад, то хабари як рӯйдодро ба ҳамон сурате, ки ҳаст, ба мухотабони худ гузориш кунад. Интишори матолиби нодуруст ё матолибе, ки бо қасд ва манзури хосе танзим шуда бошад, боиси ҷалби эътимоди мардум аз он василаи иртибототӣ шуда, ононро гӯл мезанад. Хушбахтона, дар ин масир рӯзномаи «Садои мардум», ки муҳтавои қисме аз додаҳояшро аз назар гузаронидем, роҳи рости ҳирфаиро пеш гирифта, ба ин васила, дар рушд ва тавсеаи ин соҳа таъсири судманд расондааст.

**Г) Инъикоси масъалаҳои адабиёту фарҳанг.** Мушкилоти адабиёту фарҳанги тоҷик ва нақши онҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон дар тули солҳо ҳамеша мавриди назари рӯзномаи «Садои мардум» буда, аз паҳлуҳо ва тариқи гуногун нашр ва баррасӣ шудааст. Масалан, рӯзнома аз аввалин шумораҳояш сар карда, бо роҳи нашри осори адабӣ, шеърҳо, намунаҳои насрӣ, мақолаву гузоришҳо оид ба масъалҳои адабиёту фарҳанг мавқеи таблиғотии худро муайян намудааст.

Дар сурати ба саҳифаҳои нахустин шумораи рӯзнома назар афкандан, муносибати нашрия оид ба ин масъала равшан мешавад. Масалан, дар нахустин шумораҳои соли 1991 рӯзнома намунаҳоеро аз ашъори шоирон, аз ҷумла Амонбек Шоҳзода, Зиё Абдулло ва мақолаи Ҷалол Икромиро чоп кардааст, ки

худ баёнгари муносибати нашрия ба ин мавзуъ мебошад. Ин тамоюли эҷодиро нашрия дар солҳои минбаъда низ идома дода, осори зиёди адабӣ ва мақолаҳоеро дар ин бора чоп кардааст, ки нақши нашрияро дар инъикос ва таблиғи мушкилоти адабию фарҳангӣ нишон медиҳад.

Нашрия ин анъанаро идома дода, ҳар ҳафта бо номи «Гулафшон» як саҳифаи худро ба адабиёт ва фарҳанг бахшидааст. Аз ҷумла, дар саҳифаи сеюми шумораи 13-уми январи соли 1991 шеърҳои Абдуллоҳи Қодирии Мумтоз, Норинисо, ҳикояҳои Абдулҳамиди Самад «Аёдат», «Тутхӯрӣ», таронаи Гулистон «Зарраи меҳр» чоп шудааст, ки бозгӯйи вазъи шеъру шоирӣ ва ҳадафҳои эҷодии нависандагони ёдшуда мебошад. Ин иқдомашро нашрия то ба имрӯз идома дода, дар ин замина, хидмати арзанда кардааст.

Ҳамзамон, нашрия оид ба масъалаҳои адабиёту фарҳанг низ мунтазам мақолаҳову газоришотро ба табъ расонда, ба ин васила, вазъи адабӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро баррасӣ ва арзёбӣ намудааст, ки намунаи он мақолаҳои А. Набиев, «Таърихи як тақриз», Улмас Мирсаидов «Нахустин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон», Қ. Шарифзода «Аввалин рӯзномаи миллат» ва монанди инҳо мебошад.

Нашрия дар таблиғи масъалаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла, таҷлили Рӯзи Модар, Наврӯз, Рӯзи матбуот, Рӯзи театр ва ғайра низ дар давоми фаъолияташ маводди зиёде ба табъ расонида, саҳифаҳои махсус бахшидааст. Масалан, ду саҳифаи рӯзнома, ки 8-марти соли 2012 ба чоп расидааст, паҳлуҳои гуногуни ин мушкилоти фарҳангиро баррасӣ карда, мақолаҳоеро бо номи «Модарон - саодати фарзандон», «Модаре, ки қаҳрамони меҳнат аст» ва шеърҳои ба модар бахшидаи шоиронро нашр кардааст. Байти зер, ки рӯзнома ҳамчун сарлавҳа овардааст, ифодагари ҳадафи таблиғии нашрия оид ба масъалаи фарҳангӣ мебошад:

Канору бари модари дилпазир,
Биҳишт асту пистон бар ӯ ҷуйи шир.

Нашрия дар арафа ё рӯзи Наврӯз низ масъалаи дигари фарҳангӣ – Наврӯз ва таърихи онро ба муҳокима кашида, дар ин боб маводди ҷолиби диққат ба чоп

расонидааст, ки намунаи он мақолаҳои «Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тииб...», «Шогун муборак (аз русумоту таъбироти Наврӯзи Бадахшон)» ва ғайра мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқ ва таҳлилу арзёбиҳое, ки дар ин фасл анҷом гирифт, чанд нуктаро ба тариқи натиҷагирӣ ёдовар мешавем:

а) рӯзномаи «Садои мардум» ҳамчун як рукни ҷомеа бо ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар алоқаи бевосита дошта, бо нашри маводди муҳимму муассир вазъи мамлакат ва бархурд бо мушкилоти зикршударо таҷассум менамояд;

б) нигоҳи кӯтоҳ ба саҳафоти рӯзнома собит сохт, ки мавқеияти нашрияро дар пахши иттилооти сиёсӣ тааллуқоти сиёсиву синфӣ ё гурӯҳӣ муайян накарда, пеш аз ҳама, манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии умумимиллӣ мавриди таваҷҷуҳи рӯзнома будааст;

в) дар саҳифаҳои рӯзнома масъалаҳои амнияти сиёсии кишвар, сулҳ ва ваҳдати миллӣ ҷойгоҳи хос дошта, усули бовар кунондан равиши ҳирфаии иттилоърасонии нашрияро муайян мекунад ва дар шаклгирии чеҳраи сиёсии кишвар нақши мушоҳидаҳо, таассурот, ҳусни таваҷҷуҳ ва нороҳатии рӯзноманигорон созанда мебошад;

г) таҳлили сифатии муҳтавои иттилооти нашркардаи рӯзнома тамоюли сулҳхоҳона ва ваҳдатпазирии сиёсати давлати Тоҷикистонро собит сохта, омилҳҳои зиёновари ин равандро шиносоӣ менамояд, ки такя ба рисолати дифоъ аз манфиатҳои миллӣ дорад;

д) рӯзнома мавзуи сулҳу ваҳдат ва барномаҳои ҳукуматро дар ин замина инъикос карда, ба ин восита чеҳраи мусбати сиёсии ҷумҳурӣ ва роҳбари онро муассир ба қалам овардааст;

е) нашрия вазъи сиёсии Тоҷикистонро дар алоқамандӣ бо вазъи баъзе кишварҳои минтақа арзёбӣ карда, бо равиши созандаи ҳамгироиҳо тандес (имиҷ)-и мусбати сиёсии кишварро бозгӯ кардааст;

ё) «Садои мардум» ҳамчун рӯзномаи парлумонӣ мушкилоти иҷтимоии кишварро воқеъбинона инъикос карда, ба ин васила, муваффақ шудааст, ки

иттилои дақиқ оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, аввалан, ба афкори мардум, сониян, ба фаъолияти ниҳодҳои марбута таъсир расонад;

ж) дар инъикоси воқеиятҳои ичтимоии кишвар рӯзномаи «Садои мардум» бештар ба дидгоҳҳои рӯзноманигорони худӣ такя карда, ҳақиқати ичтимоии барои чомеаи точикон муҳимро тачассум намудааст, ки равиши хоси худро дорад;

з) нашрия дар марҳалаҳои гуногуни фаъолият масъалаҳои оромиву осудагии муҳити ичтимоӣ, беҳдошти сиҳати мардум, амнияти ичтимоӣ, нашъачаллобию нашъамандӣ, ваҳшатгарои (терроризм)-у ифротгароӣ ва монанди инҳоро дар саҳифаҳои худ ба таври воқеӣ ва моҳиятчӯёна инъикос намудааст;

и) нашрия бо инъикоси мушкилоти ичтимоӣ, пеш аз ҳама, аз манфиатҳои дарозумри кишвар ҳимоят карда, танҳо ҳадафи беҳшавии вазъи ичтимоиро доштааст;

к) усули инъикоси воқеиятҳои ичтимоӣ дар фаъолияти нашрия, асосан, ба таҳқиқоти рӯзноманигорӣ устувор буда, ҳадафи ба ҳодиса маънои ичтимоӣ бахшидан ва арзишҳои иттилоотиро бо далелҳо мушаххас намудан дорад.

# БОБИ III

# ТАНОСУБИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ»

## 3.1. Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби жанрҳои хабарӣ

Таносуби воқеии жанрҳои публитсистӣ ва ташаккулу таҳаввули онҳоро дар рӯзномаи «Садои мардум», пеш аз ҳама, «омилҳои иҷтимоию таърихӣ» ва «дохили публитсистӣ» [108, 288], ки сохтори мундариҷавию жанрии маводди чопшударо муайян мекунад, ташкил медиҳад. Яке аз чунин омилҳо жанрҳои публитсистии хабарӣ мебошад. Аксари донишмандони соҳа хабар, ҳисобот, репортаж, мусоҳиба ва назарпурсиро намунаи жанрҳои хабарии публитсистӣ донистаанд [100, 8; 85, 96 ].

А. Нуралиев нишонаҳои зерини жанрҳои публитсистӣ, аз ҷумла, хабариро ба мушоҳида гирифта, навиштааст: «Жанрҳои публитсистика бо нишонаҳои зерин аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

- бо хусусияти тасвири ашё, фактҳои бевосита, ҳодисаҳо дар жанрҳои ахборӣ, ки дар таҳлил ва публитсистика инъикос ёфтааст;
- бо вазифаҳои мушаххас, хулосабарориҳову ҷамъбаст;
- бо хусусияти воситаҳои возеҳи тасвирӣ, забони шевои адабӣ, услуби равон, образнокӣ» [100, 8].

Дар ҳамин замина, донишманди фақид хабарро яке аз жанрҳои публитсистӣ шинохта, онро фарогири иттилоот «дар бораи одамон, ашё, факту ҳодисаҳо, падидаҳову протсесҳои мухталиф новобаста ба шакли пешниҳоди онҳо» [100, 10] медонад. Зимнан, бояд гуфт, ки жанрҳои публитсистӣ, аз ҷумла, хабарӣ, илова ба он чӣ зикр шуд, «вазифаи худ, воситаҳои худ ва табиист, ки қонуниятҳои худро доранд [138, 65], ки дар ташаккули сохтори мундариҷавӣ ва шаклии онҳо таъсиргузор мебошанд. Дар ин гуна жанрҳои публитсистӣ

унсурҳои образнок набошад ҳам, тасвири зинда дар шаклҳои гуногун бо дарки ақлонӣ ва умумиятдиҳии публитсистӣ мутаносуб аст. Таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» дар инъикоси воқеиятҳои ҳаёти ҷомеа ҳамин хусусияти жанрҳои публитсистии хабариро, ки якеи он хабар аст, таъйид менамояд.

Ҳамин тавр, дар фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум» аз оғози пайдоиш то ба имруз тарзи корбурди жанрҳои хабарӣ имтиёз дорад. Омили асосии нуфузи жанрҳои хабарӣ, пеш аз ҳама, ҳадафи иттилоотии онҳо мебошад. Ҳамчунон ки А. Нуралиев низ ёдрас кардаанд, «дар даҳсолаи охир жанрҳои хабарӣ дар ҷойи аввал қарор гирифтаанд. Навидҳо қатъан дигар жанрҳоро танг кардаанд. Ва мушкилоте монанди фаврият, рақобатпазирӣ ва манбаъ ба ҷойи аввал баромаданд. Дар гузашта чунин суханон шиори журналистони шуравӣ буданд: «Ба хотири чанд сатри рӯзнома се шабонарӯз қадам зада, се шабонарӯз нахуфтан лозим». Ҳоло дастоварди ранҷи рӯзноманигорӣ аз рӯйи сифатҳое мисли суръати дарёфти хабар ва дақиқии муаррифии он арзёбӣ мешавад» [101, 37-38].

Таҳлил ва арзёбии дақиқи маводди рӯзномаи «Садои мардум» нишон медиҳанд, ки нашрия, аввалан, дар таъбир ва тафсири воқеаҳои хабарӣ истиқлол ва озодии ҳирфаӣ дошта, сониян, ба қавли А. Нуралиев, «суръати дарёфти хабар ва дақиқии муаррифии он» маҳаки фаъолияти касбии онро муайян мекунад. Талоши рӯзнома дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолият бар он будааст, ки дар мавриди ҳар воқеаи нав ба хонанда хабар диҳад [101, 36].

Дар интихоб ва интишори хабар барои рӯзномаи «Садои мардум», пеш аз ҳама, омилу арзишҳои дар ҷомеа ҳоким, муҳтавои густурдаи иҷтимоии таҳияи хабар, арзёбиҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарзиёт дар атрофи сиришти ҷомеа таъсиргузор будаанд. Илова бар ин, дар интихоби матолиби хабар аксари нашрияҳои даврӣ, аз ҷумла, «Садои мардум» ба омилҳои таъсиргузоре, аз қабили такрор ва касрати вуҷуди як рӯйдод, майдон ва вусъати хабар, илҳом, маънидорӣ, расонандагӣ, ҳамоҳангӣ, ҳамсадоӣ, ҳамзамонӣ, танзими хабар, рабти хабар ба сарнавишти миллат, шахсиятҳо ва шахситару манфитар будани он эътибор додааст, ки далели ҷустуҷӯҳои ҳирфаӣ дар фаъолияти нашрия

мебошад. Корбурди омилҳои зикршуда ба тарзи таҳияи хабар, сабабҳои интихоби рӯйдод, усули ҷалби хонанда ва тири раҳнамо муассир будаанд. Аз ин ҷиҳат, жанри хабар дар рӯзномаи «Садои мардум» фаъол буда, дар нашри он, чунон ки М. Муродӣ низ таъкид кардааст, «воқиф намудани аудитория аз ҳодисаву рӯйдод, навгониву дигаргуниҳои муҳими рӯз» [85, 97] ба эътибор гирифта шудааст, ки, пеш аз ҳама, арзиши муҳимми иттилоотӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад.

Дар айни ҳол, бояд гуфт, ки метавон дар вақти таҳлил ва арзёбии хабар дар рӯзномаи «Садои мардум» баҳсро дар бораи навъҳои он ба як тараф гузошта, дар такя ба хулосаҳои назарии донишмандони соҳа А. Нуралиев, И. Усмонов ва М. Муродов тарзи корбурди навъҳои хабари кӯтоҳ ва хабари васеъро дар мисоли таҷрибаи нашрияи зикршуда арзёбӣ намуд. Дар ин замина, ба меъёрҳои интихоби хабар, омилҳои таъсиргузор дар интихоби ахбори хориҷӣ, баъзе тафовутҳои хабарнависӣ дар нашрияи «Садои мардум», усулҳои тарғиби хонанда ба хондани хабар ва ғайра мутаваҷҷеҳ шудан имконпазир аст.

Аз таҳлил ва арзёбии хабарҳои дар рӯзномаи «Садои мардум» дарҷшуда ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки омили асосии гуногунрангӣ ва таъсиргузории жанр, пеш аз ҳама, масъулияти ҳирфаии кормандони нашрия ва корбасти аносири муҳими шаклсоз будааст. Хабарҳое, ки дар рӯзнома ба чоп расидаанд, аз ҷиҳати унсурҳои шаклӣ аксаран комил буда, сохтори мундариҷавии хабарҳо аз ҷиҳати иттилооте, ки фаро гирифта шудаву барои хонанда ироа гардидааст, ҷаззоб ва комил мебошанд. Илова ба ин, дар ин гуна хабарҳо воқеа (факт) унсури бунёдӣ буда, ҳақиқат, ҷараёни воқеа ва натиҷаи мушоҳидаи муаллифро ифода мекунад [85, 99].

Нахуст, бояд эътироф кард, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» интихоб ва нашри навъи хроникавии хабар бартарӣ дошта, заминасози он воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии ҷумҳурӣ ва хориҷи он дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти нашрия мебошад. Масалан, аз нахустин шумораи нашрия ин навъи хабар дар саҳифаҳои он ҷойгоҳи хос дошта, дар аксар маврид «воқеаҳои расмиро дар бар мегирад» [85, 100]. Дар таҷрибаи

рӯзнома унсури жанрсози ин гуна хабар кӯтоҳӣ ва мухтасару ихчамии онҳо мебошад. Ин навъи хабар, ки дар рӯзнома чоп шудааст, аксаран аз ду-се ва ё зиёдтар ҷумла иборат аст. Аз ҷумла, дар нахустин шумораҳои рӯзнома таҳти унвони «Резаборон» ҳамин гуна хабарҳо фаровон ба чоп расидааст, ки намунааш хабарҳои хроникавии «Халянд «Пайванд мехонад» (3-юми январи соли 1991), «Мулоқоти Р.Н. Набиев бо вакилони Хитой» (7-уми январи соли 1992), «Сафари Елсин», «Ҳукумати нав», «Қаллоби наврас», «Ирон зидди зуроварӣ», «Дар Кобул сулҳ эълон шуд» (25-уми июли соли 1992), «Амри сарвазири Молдова» (21-уми августи соли 1992), «Нома ба унвони И. Каримов», «Ҷанг идома дорад», «Усули нави пулёбӣ» 23-юми августи соли 1992), «Ба шарафи ид» (11-уми марти соли 1998), «Муҳокимаи масъалаи муҳим», «Суръати кишт суст аст» (29-уми апрели соли 1999), «Сарвари давлати Тоҷикистон бо Владимир Рушайло мулоқот намуд» (27-уми майи соли 2006), «Номзад ба узви Маҷлиси миллӣ муайян гардид» (15-уми марти соли 2005) ва ғайра мебошад, ки дар эҷоди онҳо ба талаботи «дақиқӣ, мухтасарӣ ва равшании баён» [101, 36] қатъан риоя шудааст. Зайли намуна матни хабари хроникавии зерро пурра иқтибос менамоем, ки ба талаботи сохторӣ ва мундариҷавии жанр ҷавогӯ мебошад: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов 29-уми майи соли 2006 вобаста ба зилзилаи сахти дар Ҷумҳурии Индонезия рухдода ба унвони Президенти ин мамлакат Юсило Бамбанг Юдхойоно баркияи ҳамдардӣ фиристод. Тавре ки аз дафтари матбуоти Сарвари давлат хабар доданд, дар баркия, аз ҷумла, гуфта мешавад:

«Мо дар Тоҷикистон аз хабари зилзилаи шадиди дар мамлакати шумо рухдода хеле андӯҳгин гардидем, ки бар асари он хисороти зиёд расида, одамон қурбон шудаанд.

Дар ин лаҳзаҳои пур аз ғаму андӯҳ аз номи Ҳукумат ва халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳли оила ва хешу табори шахсони ҳалокшуда ҳамдардӣ изҳор менамоям. Аз Шумо хоҳишмандам, ки ҳамдардии маро ба ҳамаи осебдидагони ин фалокати табиӣ расонед» (1-уми июни соли 2006).

Як назар ба сохтори мундариҷавӣ ва унсурҳои шаклсози ин ва дигар хабарҳои хроникавие, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расиданд, собит менамояд, ки нашрия ин гуна хабарҳоро маҳз, барои ҷолиб будан ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани он чоп кардааст, ки содагӣ ва мухтасарӣ унсури шаклии он аст. Хабарҳои хроникавии дар фавқ ёдшуда дар асоси унсури шаклсози ин навъи хабар таҳия шуда, дар онҳо «иттилои зоҳирии воқеа дар ҷойи аввал гузошта» [85, 00] шудааст.

Дурнамо ва тактикаи хабарии рӯзномаи «Садои мардум» дар асоси воқеияти ҳодиса ва далелҳои қотеъ роҳандозӣ шудааст, ки омили аслии гуногунжанрии нашрия мебошад. Дар заминаи хабари хроникавӣ, хабари кӯтоҳ ва хабари васеъ, ки дар рӯзнома чоп шудааст, метавон дар боби усул ва меъёрҳои интихоби жанр сухан кард, ки масъулини нашрия дар таҳия ва интишори он ба эътибор гирифтаанд.

Афзалияти дигари рӯзнома дар интишори ҳамаи навъҳои хабар ин аст, ки ҳадафи ҳирфаии он бар усули «интихоб ва ироаи хабарҳои хуб ва муносиб» [17, 46] асос ёфтааст. Рӯзнома чунин тарзи бархурд бо воқеиятҳо ва интихоби санҷидаи хабарро асоси фаъолияти ҳирфаии худ қарор дода, даставвал дар интишори ин жанр ниёзҳои хабарии хонандагон ва талаботи фазои иттилоотиро ба эътибор гирифтааст. Дар таҷрибаи нашрия усули интихоб ва ироаи ин гуна хабарҳо бар асоси меъёрҳои арзишии аҳаммият, барҷастагӣ (маъруфият) ва маъмул будани он сурат гирифтааст. Арзиши хабарҳои дар рӯзнома нашршударо, пеш аз ҳама, сатҳи дарбаргирӣ муайян мекунад, ки таъсири онро дар замони ҳол ва оянда бар хонандагон ва ҷомеа ба эътибор мегирад. Ҳамчунин, нашрия дар интишори хабар арзиши оморӣ ва арқомии онро низ ба назар гирифтааст, ки марбут мешавад ба замони вуқуи ҳодисаҳо ва мизони хисороте, ки бар асари ҳаводиси иҷтимоӣ ё табиӣ ба вуҷуъ пайвастааст.

Барҷастагӣ ё худ маъруфият ва маъмул будани ҳодиса аз арзишҳои дигари хабарҳоест, ки рӯзнома чоп карда ва аҷибу истисноӣ, ихтилофу даргирӣ ва одӣ будан унсури шаклсози он мебошад. Рӯзномаи «Садои мардум» дар интихоб, таҳия ва нашри навъҳои гуногуни хабар, даставвал, арзишҳои ёдшударо маҳаки

фаъолият қарор додааст. Барои намуна чандеро аз назар гузаронидан имконпазир аст.

Хабари зер, ки таҳти унвони «Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шумораи 27-уми майи соли 2006 чоп шудааст, иқтибос мегардад: «Бахшида ба таҷлили Рӯзи ваҳдати миллӣ ва дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактабҳои ноҳия 150 адад компютер ва 25 адад принтер, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти коммуналии ноҳия 5 адад автобуси тамғаи «Тайху» ҳамчун туҳфа ҷудо намояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ш. Душанбе, 23 майи соли 2006» (27-уми майи соли 2006).

Хабари иқтибосшуда аз навъи хроника буда, хусусияти расмӣ дорад. Дар ин хабар «иттилооти зоҳирии воқеа дар ҷойи аввал гузошта» [85, 100] шудааст, ки аз унсури асосии сохтори шаклӣ ва мундариҷавии ин жанр мебошад.

Хабари «Э. Раҳмонов ба Маскав рафт» намунаи хабари кӯтоҳ мебошад, ки он низ иқтибос мешавад: «Ҳайати расмии ҷумҳурии мо таҳти роҳбарии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонов 20 июни соли равон ба Маскав рафт. 21 июн дар пойтахти Русия маҷлиси навбатии Шурои сарони давлатҳои ИДМ баргузор мегардад. Қабл аз он – 20 июн маҷлиси Шурои вазирони корҳои хориҷӣ ва Шурои сарони ҳукуматҳо доир мешавад. Котиби матбуоти сардори давлат Зафар Саидов ба Маркази иттилоотии «Ховар» хабар дод, ки ба рӯзномаи маҷлиси сарони давлатҳои ИДМ масъалаҳои марбут ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шурои сарони давлатҳо аз 2 апрели соли 1999 дар бораи ташкили минтақаи тиҷорати озод, барномаи тадбирҳои ташаккули ИДМ то соли 2005, барномаи фаъолияти мамлакатҳои Иттиҳод дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ ва зуҳуроти дигари моҷароҷӯёна то соли 2003, ташкили маркази зиддитеррористӣ, тасдиқи роҳбари ин марказ ва низомномаи кумитаи иҷроияи ИДМ барин масъалаҳо дохил карда шудаанд.

Ба ҳайати ҷумҳурии мо Сарвазир Оқил Оқилов, вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назаров ва дигар шахсони расмӣ шомиланд» (24-уми июни соли 2000).

Ин ва хабари «Ҳамкорӣ вусъат меёбад» аз навъи кӯтоҳи хабар буда, маълумоти мухтасар фарогири ҷузъиёти нав аст ва «моҳиятан барои ҳама ва ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб аст» [85, 101]. Ҳамчунин, арзиши ин хабарҳоро диққатангезии «факту ҳодиса» ва ба «шарҳу тавзеҳ зарурат» [85, 101] надоштани он ва дарбаргирии воқеа, бузургӣ, шуҳрат ва маъмул будани он муайян ва мушаххас менамояд, ки марбут мешавад ба робитаи Тоҷикистону давлатҳои ИДМ ва «инкишофи минбаъдаи муносибатҳои ҳамкории ҳар ду мамлакат» – Тоҷикистону Узбекистон (20-уми январи соли 1994).

Хабарҳои кӯтоҳ ва васеи «Дар Кумитаи назорати конститутсионии ИҶШС» (21-уми августи соли 1991), «Номаи Э. Раҳмонов ба унвони нахуствазири Ҷумҳурии Ҳиндустон ҷаноби Нарасимха Рао», «Пазироии дипломати Русия», «Барқияи ҳамдардӣ», «Мулоқот бо намояндагони Хазинаи байналхалқии асъор» (13-уми январи соли 1996), «Барқияи табрикии Сардори давлат» (2-юми июни соли 2005), «Суҳбатҳои телефонӣ» (ду хабари кӯтоҳ аз суҳбатҳои телефони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон, Раиси Шурои амнияти дастҷамъии Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ Никол Пашинян ва Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев (8-уми январи соли 2022), «Суҳбати Шукурҷон Зуҳуров бо Алиакбар Солеҳӣ» (13-уми январи соли 2013), «Фаъолият сермаҳсул буд» (11-уми марти соли 1998) ва ғайра баёнгари тарзи фаъолият ва корбурди ҳирфаии ин ду намуди жанри хабар дар давраҳои гуногуни фаъолияти рӯзнома мебошад.

Зайли намуна хабари ба навъи хабари васеъ мансуб буда, равиши асосии фаъолияти рӯзномаро дар интихоб, таҳия ва интишори ин навъи хабар мушаххас месозад: «Тараддуди пойтахт ба карнавали идона».

Нимаи дуюми моҳи ноябри соли равон ҷашни 80-солагии таъсисёбии пойтахти давлатамон*шаҳри Душанбе барпо мегардад ва барои хотирмон истиқбол гирифтани ин санаи фархунда аз ҷониби шаҳрдорӣ тадбирҳои судманд андешида мешаванд.

Дар робита Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев қарор баровард, ки тибқи он дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 80-солагии пойтахт карнавали

идона, ки дар он хусусиятҳои миллӣ таҷассум хоҳанд ёфт, гузаронида мешавад. Сенарияи карнавали идона аз ҷониби шоиру нависандагон ва драматургони шинохтаи ҷумҳурӣ Меҳмон Бахтӣ, Сафармуҳаммад Аюбӣ ва Набӣ Ҷалолов таҳия гардидааст.

Ҳамзамон, барои ҷолиби диққат ва дар сатҳи баланд баргузор намудани карнавали мазкур гурӯҳи эҷодӣ дар ҳайати замимагардида таҳти роҳбарии Арбоби шоистаи санъати Тоҷикистон Набӣ Ҷалолов таъсис дода шудааст.

Дар асоси ин қарор муовини раиси шаҳри Душанбе, раисони ноҳияҳои пойтахт, роҳбарони сохторҳои марбутаи шаҳрӣ, корхонаву муассисаҳо, мактабу донишкадаҳо, раисони шаҳраку маҳаллаҳо ҷиҳати омода намудани карнавали идонаи умумишаҳрӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешида, дар бораи рафти чораҳои амалигардида ҳар ҳафта ба Кумитаи тадорукоти ҷашни 80-солагии пойтахт иттилоъ медиҳанд.

Хабарнигори АМИТ «Ховар» хабар медиҳад, ки бо мақсади дар сатҳи баланд ва дилнишин гузаронидани чорабинии идонаи фарҳангӣ байни шаҳракҳо ва ноҳияҳои шаҳри Душанбе озмун эълон карда шуда, барои ноҳияи ғолиб 15 ҳазор сомонӣ ва шаҳраку маҳалҳо 10 ҳазор сомонӣ мукофот муқаррар карда мешавад. Дар мавриди омодагӣ ва гузаронидани машқҳо раёсати Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шаҳри Душанбе мувазззаф гардидаанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти иштирокчиёни карнавали идонаро таъмин намоянд» (5-уми августи соли 2004).

Дар чунин хабарҳои васеъ, ки дар ҳар марҳалаи фаъолияти рӯзнома ба мушоҳида мерасанд, вақоеи мавриди назар «дар шакли пурра ва бо шарҳу тавзеҳ» [13, 101] баён гардидааст. Дар матни иқтибосшуда «на танҳо фактҳои алоҳида, балки силсилаи фактҳои ба ҳам алоқаманд» [85, 101] сохтори мундариҷавӣ ва жанрии онро шакл додаанд. Шарҳу тавзеҳ ва сарлавҳаи мустақил низ ҷузъи унсури сохтори жанрии хабар мебошад, ки шакли онро такмил бахшидааст.

Аксари муҳаққиқони соҳаи рӯзноманигорӣ наву ҷолиб будани воқеаву рӯйдодҳоро муҳимтарин мабнои жанри хабар ба шумор овардаанд [85, 97; 17, 44-58].

Дар ҳақиқат, суоли бунёдӣ ин аст, ки оё садҳову ҳазорон рӯйдоди гуногун, ки ҳар лаҳзаву ҳар рӯз рух медиҳад, метавонад хабар шавад? Ба ибораи дигар, ҳамаи воқеаҳое, ки рух медиҳанд, дар навбати худ ҷанбаи хабарӣ надоранд ва он чӣ ки ба хабар арзиш мебахшад, аҳаммият ва эътибори он аст, ки барои ҷомеа ва хонанда арзишманд аст. Аз ин назар, тозагии рӯйдод ва муҳимму ҷолиб будани он барои муҳити иттилоотӣ муҳимтарин меъёри арзёбии ҳамаи навъҳои ин жанр мебошад. Дар заминаи он чӣ гуфта шуд, метавон иқрор кард, ки нашрияи «Садои мардум» дар заминаи воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии Тоҷикистон тавонистааст, хабарҳои ҷолиб ва муҳимму пурмуҳтаво интихоб, таҳия ва нашр намояд. Таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» дар ин замина қобили ситоиш мебошад.

Дар заминаи чанд мисоли зикршуда ва таҷрибаи ҷомеи рӯзномаи «Садои мардум» метавон доир ба тарзи интихоб, таҳия ва интишори хабар сухан кард, ки рӯшанӣ ва ҳамафаҳмии он аз хусусиятҳои асосии матлаб аст. Дар боби сохтани матлаби хабарӣ яке аз донишмандон Филлип Гоёр навиштааст: «...пас аз марҳалаи омодасозӣ дувумин қисмати кор оғоз мегардад, яъне иттилоъ додан ва фаҳмондан. Дастури куллӣ дар ин марҳала, ин аст, ки сохтмони матлаби рӯзнома бояд посухгӯйи ҳукми қатъӣ, яъне рӯшанӣ ва аёнии матлаб бошад». Ба ақидаи ин донишманд, «матолиби як рӯзнома бояд барои ҳамагон фаҳмиданӣ бошад. Барои расидан ба ин ҳадаф рӯзномаҳо васоил ва имконоти содае дар ихтиёр доранд, ки ба кумаки онҳо метавон хондани хабарро осонтар кунанд ва ба хонандаи шитобзада ин имконро бидиҳанд, ки бо нигоҳе сарсарӣ бо асли мавзуъ ошно шавад» [17, 45].

Хабарҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидаанд, ҳамин гуна хусусият дошта, сохтори матни онҳо, ба қавли И. Усмонов, «аз ҳадафи жанр бармеояд. Яъне, тез хабар додан, тарзе хабар додан, ки бо як хондан ё шунидан фаҳмида шавад. Воқеаро бе орову пардоз гуфтан ва сухани аслиро бурро баён

кардан» [124, 21-22]. Ҳамин ҳадаф талаб мекунад, ки «матн ба забони адабии оммафаҳм баён шуданаш лозим аст, калимаву иборaҳо набояд духӯра бошанд, воситаҳои эҳсосии фикр истифода нашаванд. Матн ва унвон пурра мувофиқат намоянд. Оғози матни хабар бояд ҷаззоб бошад. Албатта, ҷозиб буданро ҳар кас ҳар хел мефаҳмад. Масалан, матбуоти булварӣ ҷозиб буданро бо валвала ҳамсон медонад. Ҳол он ки ҷозиб будан танҳо маънои ба худ ҷазб карданро дорад. Ин корро ба воситаи дар ҷойи аввал овардани факти асосӣ низ иҷро кардан мумкин аст. Дар хабар бе зарурат овардани унвонҳо, вазифаҳо ва насабҳо, пайвастани факти асосӣ ба кадом як воқеаи дуюмдараҷа зарурат надорад, зеро ҳусни хабарро мекоҳонад» [122, 21-22].

Муқоиса нишон дод, ки рӯзномаи «Садои мардум» дар таҳия ва интишори хабар ва навъҳои он талаботи мазкурро риоят кардааст. Дар хабарҳое, ки аз назар гузарондем, воқеият, айният ва диққат комилан риоя шуда, содагӣ ва ҳамафаҳмӣ сохтори онро такмил бахшидааст.

Саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум»-ро варақ зада, метавон итминон пайдо кард, ки чеҳраи аслӣ ва ҳирфаии нашрияро, пеш аз ҳама, мундариҷаи маводди нашршуда ва корбасти ҳунармандонаи жанрҳои гуногун шакл додааст. Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолият дар сохтори мундариҷавию жанрии рӯзнома дигаргуниҳои чашмрас ба мушоҳида мерасанд. Манзур аз ин, намуди зоҳирии рӯзнома нест, балки тағйироти куллиест, ки дар тули солҳо дар сохтори мундариҷавӣ ва жанрии нашрия ба вуҷуд омадааст. Чеҳраи ҳирфаии рӯзномаро дар фосилаи беш аз сӣ сол мундариҷаи диққатангез, гуногунрангии жанрҳо, афзудани доираи муаллифон, корбурди шеваҳои нав ва таъсиргузори таҳияи гузориш, аз ҷумла, гузоришҳои чандрасонаӣ, ҷасорат ва ҷустуҷӯҳои эҷодии коллективи нашрия муайян мекунад. Чеҳраи ҳирфаии нашрия мутаносибан бо руҳ ва тамоюлоти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба беҳӣ тағйир ёфтааст. Истифодаи огоҳона ва ҳунармандонаи жанрҳои гуногун тандес (имиҷ) ва таъсири рӯзномаро боло бурдааст.

Ҳамин тавр, корбурди жанрҳои гуногун яке аз ҳадафҳои муҳимми эҷодии кормандони рӯзнома қарор гирифтааст. Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки ба ҷуз жанрҳои хабарии дар боло тавсифшуда, мусоҳиба аз жанрҳои дигари хабарӣ будааст, ки ҳадафмандона дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолияти нашрия истифода шудааст. Имтиёзи мусоҳибаҳои дар рӯзномаи «Садои мардум» чопшуда, пеш аз ҳама, дар инъикоси дақиқи матолибест, ки суботу рой, эътимод ба нафс ва дарки амиқи мавзуъро фаро мегиранд. Аксари мусоҳибаҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд, иртиботи яктарафаи мусоҳибаро барномарезӣ кардаанд. Аз мусоҳибаҳое, ки дар се марҳалаи фаъолият дар рӯзнома чоп шудаанд, маъмултарини онҳо масоҳиба-муколама (интервю – диалог) мебошад. Аксари мусоҳиба-муколамаҳои дар рӯзнома чопшуда иртиботи тарроҳишуда, ҳадафдор, рӯбарӯ ва ниёзманд ба тасмимгирианд, ки ифодакунандаи хусусияти ин жанри хабарӣ мебошанд.

Дар заминаи таҳлили мусоҳиба – муколамаҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидаанд, метавон хулоса кард, ки ҳарчанд мусоҳиба-муколамаҳо як навъ иртиботи гуфторианд, вале пеш аз ҳама, дар заминаи иртиботи рӯбарӯ фароҳам омадаанд. Ба мушоҳидаи муҳаққиқон, дар ин навъи иртибот, ҳеҷ набошад, яке аз тарафҳо аз анҷоми суҳбатҳо ва дарёфти посуххо ё худ аксуламалҳо пеш меравад. Ин амр фаротар аз суҳбатҳои рӯзмарра миёни афроди ҷомеа аст, зеро анҷоми як мусоҳиба ҳатман бо ният ва нақшаи пешакӣ анҷом мешавад, бинобар ин, ҳадафи хосеро низ дунбол мекунад.

Бо таваҷҷуҳ ба сохтори мундариҷавӣ ва жанрии мусоҳиба-муколамаҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» дар солҳои гуногун чоп шудаанд, метавон баъзе унсурҳои жанрӣ ва ҳадафмандии онҳоро дар инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ муайян кард. Аз ҷумла, таҳлили мусоҳиба-муколамаҳое таҳти унвонҳои «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон» – мусоҳиба бо ҷонишини вақти вазири адлияи ҷумҳурӣ (7-уми январи соли 1992), «Шурои Олӣ даъват мешавад?» – «Аз пайи беҳбуди зинндагии мардумем» – мусоҳиба бо вазири савдою захоири моддии Тоҷикистон Ҳ.Ҳ. Солиев (25-уми июли соли 1992), «Нарезам қимати лафзи дариро» – мусоҳиба бо раиси бахши Бунёди

забонҳои вилояти Кӯҳистони Бадахшон Бахтибек Асалбеков (21-уми июли соли 1993), «Сухани зан дигар аст» – мусоҳиба бо раиси Кумитаи корҳои занон ва оилаи назди Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Низорамоҳ Зарифова (6-уми марти соли 1994), «Сабурона меҳнат намоем, мушкилиҳо мегузаранд» – мусоҳиба бо раиси шаҳри Хоруғ Ҷумъахон Зарифхонов (13-уми январи соли 1996), «Сухтани мо баҳри сохтан аст» – мусоҳиба бо Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобохон Маҳмадов (11-уми марти соли 1999), «Хишти аввали «Садои мардум» – мусоҳиба бо собиқ муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Додоҷон Раҷабӣ (4-уми январи соли 2001), «Ба ҳар ҷойе будам, ифтихор аз тоҷик буданам кардам» – мусоҳиба бо чемпиони ҷаҳон, депутати Парламенти Қалмиқистон Раҳимқул Малахбеков (22-юми ноябри соли 2005), «Самти пешгирифтаи сиёсати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба талабот ҷавобгӯ аст» – мусоҳиба бо узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қаҳҳор Маҳкамов (4-уми апрели 2006), «Телевизиони Кӯлоб ҳамқадами ҷашнхост» – мусоҳиба бо директори телевизиони Кӯлоб Сафаралӣ Эргашев (4-уми апрели соли 2006), «Шуълаи умеди мардум фурӯзон шуд» – мусоҳиба бо раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва шуғли аҳолӣ Акрамшо Фелалиев (27-уми майи соли 2006), «Маориф рукни муҳимтарини ҷомеаи мост» – мусоҳиба бо узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори ДДМТ, профессор Саидмуҳаммад Одинаев (6-уми июни соли 2006), «Рӯзноманигорони «Садои мардум» асосгузорони журналистикаи муосири тоҷиканд» – мусоҳибаи нахустин котиби масъул, собиқ ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум», роҳбари медиа –холдинги «Оила» Шариф Ҳамдампур (1–5-уми январи соли 2021), «Истиқлолиятро сано хонда, ҳақиқатро ситоиш кардаам» – мусоҳибаи Ворис бо «Садои мардум» (1–5-уми январи соли 2021), «Аз робитаҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Қатар қаноатмандем» – мусоҳибаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзномаи «Аш-Шарқ»-и Қатар (9-уми январи соли 2021) ва

ғайра баъзе хусусиятҳои жанрии мусоҳибаро дар таҷрибаи рӯзнома ошкор мекунанд.

Мухтассоти муҳимми мусоҳиба-муколамаҳои интихобан зикршуда аз он иборат аст, ки онҳо ҳадафҳои гуногун доранд. Баъзеи онҳо бо мақсади ҷамъоварии иттилоот, баъзеи дигар ҳадафи арзёбии тарафи муқобилро дошта, қисми дигар дорои хислати раҳнамоӣ ва тавзеҳи мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Ҳадафи мусоҳиба – муколамаҳое, ки зикр шуданд, бо он чӣ гуфта шуд, маҳдуд нашуда, бар илова, дар асоси санадҳои дақиқ равишҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии таҳаввулоти ҷомеаи тоҷиконро дар лаҳзаҳои душвор ва давраҳои осудагӣ ба баҳс кашидаанд. Зимни гуфтугӯ мусоҳибагарон тавонистаанд, ки бо ёрии суолҳои мушаххас ва ихтисосӣ масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаро ба миён гузоранд ва ба василаи посуххои тарафи дигар роҳҳои ҳалли онро барои ҷомеа матраҳ созанд. Дар ҳамаи мусоҳиба-муколамаҳои интихобан зикршуда суолҳо тавре танзим шуданд, ки дастёбӣ ба ҳадафро таъмин кардаанд ва вобаста ба масъалаи мавриди баҳс иттилооти муҳимро ба даст додаанд. Суолҳое, ки ба миён гузошта шудаанд, андешаҳо, идрокҳо, мавзуъ ва бардоштҳои мусоҳибашавандагонро ба таври мушаххас фаро гирифтаанд.

Мусоҳибаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзномаи «Аш-Шарқ»-и Қатар, ки дар шумораи 9-уми январи соли 2021 ба чоп расиадаст, ҳамин гуна хусусият дошта, дар нашрияи «Садои мардум» бознашр шудааст. Ин мусоҳибаро бо се хусусият: а) ҷамъоварии иттилоот, б) огоҳӣ додан ва хабардор кардан ва в) ба андеша доштани хонанда, ки сохтори мундариҷавӣ ва жанрии онро шакл додааст, метавон аз беҳтарин намунаҳои мусоҳибаи ҷолиб номид. Ин мусоҳибаро барои он пӯё донистан ҷоиз аст, ки раванди ғайри қобили пешбинӣ дорад. Мусоҳибагар тавонистааст, аз ҷавобҳое, ки мусоҳиб – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ихтиёри ӯ гузоштааст, суоли баъдиро матраҳ кунад. Албатта, суръати амал ин ҷо хеле муҳим буда, ниёз ба тамрин ва андешаи зиёде дорад. Бо вуҷуди мушкилиҳо мусоҳибагар тавонистааст, ки дар ин мусоҳибаи пӯё [139, 163] суолҳоро дар ҷараёни суҳбат

фавран матраҳ созад ва посухҳоро бигирад. Ин аз ба нудрат мусоҳибаҳоест, ки сохти пурсиш ва посӯх сохтори мундариҷавӣ ва жанрии онро шакл додааст. Мусоҳиба нигоҳи ояндабинонаи Президенти кишварро ба муносибатҳо ва ҳамгироиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону Қатар пешбинӣ менамуд, ки бо гузашти замон исбот шуд.

Ҳарчанд мусоҳиба навъе иртиботи гуфторӣ аст, вале иртибототи рӯбарӯро низ фароҳам меоварад. Таркиби ин ду навъи иртибот фарқияте миёни мусоҳиба ва дигар жанрҳо падид меоварад. Дар ин навъи иртибот, ҳеҷ набошад, яке аз тарафҳо аз анҷоми суҳбатҳо ва дарёфти посухҳо ҳадафи хосе дорад ва зимни шарҳи суолот ва дарёфти посухҳо ё аксуламалҳо пеш меравад. Ин амр фаротар аз суҳбатҳои рӯзмарра миёни ашхос аст. Мусоҳиба ҳатман бо нияти қаблӣ ва барномарезӣ анҷом мешавад ва бояд ба ҳадаф ва мақсади хосе даст ёбад. Ба ин маънӣ, дар заминаи мусоҳибаҳое, ки дар марҳалаҳои гуногун дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд, метавон хулоса кард, ки аксари онҳо як иртиботи тарроҳишуда, ҳадафдор, рӯдаррӯ ва ниёзманд ба тасмимгирӣ аст [42, 144].

Зимнан, бояд ёдовар шуд, ки дар бораи мусоҳиба таърифҳои гуногуне рӯйи даст аст, вале, ба назари мо, таърифи зерини муалифони китоби «Усул ва маҳоратҳои мусоҳиба» Гвир, Риднинг ва Риче дақиқ мебошад. Муаллифон навиштаанд: «Мусоҳиба навъе иртиботи шифоҳӣ аст, ки дар он ду тараф ҳузур доранд ва дасткам яке аз тарафайн бо барномарезии қаблӣ дар он ширкат мекунанд. Ҳар ду тараф ба таври мутаносиб суҳбат мекунанд ва ба дигаре гӯш медиҳанд» [42, 144-145].

Бо вуҷуди таърифҳои мухталифи мусоҳиба, таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» собит мекунад, ки дар ҷараёни мусоҳиба ҳатман мубодилаи иттилоот сурат мегирад ва ҳар ду тараф мутақобилан дар ин ҷараён манфиатдор ҳастанд. Як намунаи ҳамин гуна мусоҳиба, ки онро низ метавон пӯё номид, мусоҳибаи хабарнигори рӯзнома Ҳуринисо Ализода бо Қаҳҳор Маҳкамов мебошад.

Мусоҳиба тавре танзим шудааст, ки аввалан, дастёбӣ ба ҳадафро таъмин намуда, сониян, мавқеъ ва фардияти мусоҳибашавандаро ҳамчун шахсияти

эҳтиёткор ба хонанда хеле воқеӣ муаррифӣ менамояд. Барои шинохти зеҳнияти мусоҳибашаванда мусоҳибагар суоли аввалро чунин матраҳ кардааст:

Суол:

«– Муҳтарам Қаҳҳор Маҳкамович, баъди аз арсаи сиёсат рафтан Шумо даст ба тиҷорат задед. Мутахассисон мегӯянд, ки хеле муваффақ ҳам гашта будед. Чаро аз ин роҳ пас гаштед»?.

Посух:

«– Баъди ба нафақа баромадан муддате дар корхонаи шахсии «Шукур» ба ҳайси мушовири роҳбарияти он кор кардам. Ин идора, аслан, ба сохтмони корхонаи зарфҳои шишагин дар ноҳияи Шаҳринав ва комплекси Маркази тиҷоративу меҳмонхона дар шаҳри Душанбе машғул буд.

Соли 1997 бо сабаби мувофиқ наомадани андешаҳоям бо роҳбарияти ин корхона аз кор рафтам» (4-уми апрели соли 2006).

Ин мусоҳибаро мо мусоҳибаи пӯё тавсиф кардем. Далелаш ин ки суолҳо раванди ғайриқобили пешбинии мусоҳибаро тарҳрезӣ намуда, мусоҳибагар дар ин замина, суолҳои баъдиро матраҳ кардааст, ки дар шинохти чеҳраи шахсияти мавриди назар ёрмандӣ кардаанд. Мусоҳибагар дар бисёр маврид ҳамчун муҳаққиқ амал карда, зеҳнияти қаҳрамонашро мекобад.

Ҳамин тавр, муваффақияти мусоҳибагар дар мусоҳиба бастагӣ ба омилҳои зерин дорад: а) омодагии қаблии мусоҳибакунанда; б) иттилои ӯ аз мусоҳибаи равонӣ; в) маҳорати хос дар эҷоди иртибот ва нуфузи отифӣ дар мусоҳибашаванда; г) эҷоди итминон дар мусоҳибашаванда аз фазои мусоҳиба ва оқибату натоиҷи он; д) пеш бурдани мусоҳиба ба сабк ва сиёқе, ки мусоҳибашаванда аз он лаззат бубарад ё ҳадди ақал эҳсоси масъулият кунад; е) идораи мусоҳиба ва иҷтиноби мусоҳибакунанда аз ҳар гуна тундравӣ, кундпаймонӣ, диранги бемавқеъ ё пурҳарфии тарафайн. Ба ин тартиб, метавон хулоса кард, ки мусоҳибагар тибқи барномаи мавриди назари худ мусоҳиба ва фазои онро тавонистааст зери назар гирад ва ба ҳадафи хостааш даст ёбад.

Мусоҳибаи зикршуда, ки тахассусӣ мебошад, имконеро барои шинохти чеҳраи инсонӣ ва касбии мусоҳибашаванда фароҳам овардааст. Суолҳо ва

посуххо мусоидат кардаанд, ки рухиёт ва интизороти ҳар ду тарафи мусоҳиба ошкор шавад ва ба ин васила, мусоҳибагар ва мухотаб ё паёмгир аз воқеияти сарнавишти Қаҳҳор Маҳкамов ва назари ӯ ба воқеиятҳои кишвар огоҳӣ ёбанд. Ин мусоҳиба-муколамаро метавон яке аз намунаҳои муваффақи ин жанр ба ҳисоб овард, зеро Ҳуринисо Ализода аз оғоз то ба анҷоми мусоҳиба аз равиши хоси «бозҷӯйӣ» пайравӣ кардааст.

Мусоҳиба аввалу охир дошта, ба иборати дигар, дорои бахши аслӣ ва интиҳоист. Бо суоли нахустин мусоҳибагар вуруди мухотабро ба марҳилаҳои аслӣ таъмин кардааст. Ҳамчунин, мусоҳиба назароту адешаҳо ва ояндабиниҳои ҳарду тарафи мусоҳибаро инъикос намудааст.

Чунон ки ишора шуд, суоли аввали мусоҳибагар ва посухи мусоҳиб муаррифии самимонаи шахси мусоҳиб буда, эътимоди паёмгиронро ба вуҷуд овардааст. Ин омилест, ки шароитро барои иртиботи саҳеҳ ва воқеии мусоҳибагар ва мусоҳибашаванда муҳайё сохтааст. Суоли пайгиронаи аввал то ҷойе василаи таъмини ҳамгунӣ ва бовар байни ду ҷониб гардида, заминаро барои «ифшои роз»-и Қаҳҳор Маҳкамов, ки ба сарнавишти ҷумҳурӣ алоқаманд аст, ба вуҷуд овардааст. Ин ҳолат имкони табиии ворид шудан ба баҳси сиёсиву иқтисодӣ ва тахассусии мусоҳиба ва кушодани қулфи дил ва эҳсосу андешаи мусоҳибашаванда, мусоҳибагар ва паёмгиронро ба вуҷуд овардааст.

Чанд мусоҳибае, ки мо аз рӯйи рӯзномаи «Садои мардум» таҳлил ва арзёбӣ намудем, гувоҳи он аст, ки мусоҳибаҳо ба таври хос вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро дунбол кардаанд. Аз ҷумла, рӯзнома мусоҳибаи пурмуҳтавои хабарнигори худ Муҳаммадшарифи Бобошоҳро бо Вазири савдою захоири моддии Тоҷикистон Ҳ.Ҳ. Солиев таҳти унвони «Аз пайи беҳбудии зиндагии мардумем» ба чоп рпсонидааст, ки таҳлили он баъзе мухтассоти жанрии мусоҳибаҳои дар нашрия чопшударо ошкор месозад.

Аз назарияи жанр маълум аст, ки мусоҳибаҳо аҳдофи гуногун доранд. Мумкин аст як мусоҳиба бо мақсади ҷамъоварии иттилоот, арзёбии тарафи муқобил, раҳнамоӣ ва тавзеҳи бархе масоил ва ё ҷиҳати дигар бошад. Аз ин мавқеъ, мусоҳибагар барои дастёбӣ ба аҳдофи пешакӣ тарҳрезишуда талош

меварзад. Ба назари мо, ҳадафи мусоҳибаи зикршуда аз он чӣ ишора шуд, фарохтар аст. Ҳадаф аз ин мусоҳиба, фақат ҷамъоварии иттилоот набуда, балки дар заминаи асноди воқеӣ таъйид кардани авзои иқтисодии кишвар мебошад. Зимни ин гуфтугӯ мусоҳибагар тавонистааст, ки ба василаи суолоти мушаххас вазъи иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистонро дар як давраи ҳассос, яъне ибтидои солҳои навадум (соли 1992) воқеъбинона ва холисона ошкор созад. Суолҳоро мусоҳибагар тавре танзим кардааст, ки дастёбӣ ба ҳадафро таъмин кардаанд ва дар иртибот ба масъалаҳои мавриди назар иттилооти бештаре ба даст омадааст. Суолоти матраҳшуда назарот, идрокот, мавзуъ ва бардошти мусоҳибашаванда ва мусоҳибагарро ба таври мушаххас фаро гирифтааст. Мусоҳибагар воқеан, шахсеро ёфта, бо он гуфтугӯ анҷом додааст, ки тахассус, салоҳият, таҷриба ва мавқеияти мутаносиб бо мавзуи мусоҳиба дорад. Ин омил аҳаммияти мусоҳибаро афзуда, баъзе ҳолатҳои норавшанро дар ҳаёти иқтисодии кишвар равшан намудааст, ки дар он рӯзҳои мушкил ҳолнамои вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ мебошанд. Ин ҳолат имкони табиии ворид шудан ба баҳси ихтисосии мусоҳиба ва кушодани гиреҳи андешаву орои мусоҳибонро ба таври табиӣ фароҳам овардааст. Инак, суоли нахустини мусоҳиба:

«– Ҳаким Ҳусейнович, дар ин рӯзҳои мушкил ба вазифаи масъул таъйин шуданатонро чӣ гуна фол меҳисобед?»

Муаррифии табиии мусоҳибагар, ки аз вазъияти пешин бохабар аст, заминаи воқеӣ ва равониро барои дарёфти иттилооти қобили мулоҳиза муҳайё сохтааст. Аз ин нуқтаи назар, мусоҳибагар ва мусоҳибашаванда дар мусоҳиба фиристонанда ва гирандаи хуби иттилоот ҳастанд. Посухи мусоҳибашаванда ба суоли аввал ин гуфтаро таъйид менамояд: «Ростӣ, ман инро чашмдор набудам. Вале ман як мақсад дорам. Ҳар ҷойе бошам ба халқу миллатам хизмати холисона расондан. Чун вазир таъйин шуда бошам ҳам, ин мақсад ҳамеша пеши назар аст. Барои халқам то метавонам хизмат карда истодаам. Баҳри беҳбуди вазъият бо ҷамоҳири ИДМ ва мамолики хориҷ сафар кардем. Иншооллоҳ, ба беҳбудӣ умед дорем».

Аз рафти мусоҳиба маълум мешавад, ки мусоҳибагар аз посухи мусоҳибашаванда қонеъ нест, бинобар ин, ӯ суоли ташреҳиро ба миён мегузорад. Суоли ташреҳӣ, ки воқеан ҳам, барангезанда ва кунҷковона аст, майл ва таваҷҷуҳи мусоҳибашавандаро ба зеҳнияти мусоҳибагар зиёд мекунад ва посух то ҷойе, шояд берун аз иродати мусоҳиб фошкунанда аст.

Ин ва мусоҳибаҳои дигар, аз ҷумла, «Нарезам қимати лафзи дариро» (мусоҳибаи Тиллои Неккадам бо раиси бахши Бунёди забонҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон Бахтибек Асалбеков, 2-юми июли соли 1993), «Сӯхтани мо баҳри сохтан аст» (мусоҳибаи Парда Ҳабиб бо вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобохон Маҳмадов, 11-уми марти соли 1999), «Хишти аввали «Садои мардум» (мусоҳибаи Мухтори Абдуллоҳ бо собиқ муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Додоҷон Раҷабӣ), «Телевизиони Кӯлоб ҳамқадами ҷашнҳост» (мусоҳибаи Furthermore Бобоҷон Абдулвоҳидов бо директори телевизиони Кӯлоб Сафаралӣ Эргашев) ва монанди инҳо гувоҳи онанд, ки мусоҳибагарон дар мусоҳибаҳои зикршуда вазифаҳои жанр, яъне пешниҳоди иттилоот (Кӣ? Чӣ? Кай? Чӣ хел? Чаро?), баёнот (Барои чӣ?), ба ҳодиса баҳо додан (фикри шумо чист?) ва пешгӯйӣ кардан (чӣ мешавад?)-ро [17, 81] ба тарзи ҳирфаӣ амалӣ кардаанд. Ҳамаи мусоҳибаҳои номбаршуда ва бисёри дигаре, ки дар се марҳала, дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд, дар заминаи суолҳои аввал, баъдӣ, ташреҳӣ ва кӯтоҳу пурмоя мураттаб шуда, жанрро ба воситаи таъсиргузори иттилоотӣ ва гуногунрангӣ табдил додаанд.

Дар мусоҳибаҳои зикршуда илова ба он ки мусоҳибагарон мусоҳибашавандаҳоро мавриди арзёбӣ қарор додаанд, худашон низ аз ҷониби онҳо арзёбӣ ва қазоват шудаанд. Аз мусоҳибаҳо бармеояд, ки маҳз, омили арзёбии тарафайн мусоҳибагаронро ба вокуниш водошта, ба ин сабаб, ҷавобҳои қонеъкунанда ба вуҷуд омадааст. Дар заминаи ин гуна мавод, тавоноӣ ва таъсири мусоҳибагарро дар барқароркунии истеҳком ва тавозуни жанриву мундариҷавӣ дар мусоҳиба муҳим бояд шумурд. Омилҳои зикршуда имкон фароҳам овардаанд, ки дар мусоҳибаҳои дар солҳои гуногун чопшуда масоили

муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии кишвар матраҳ ва арзёбӣ шуда, дар айни замон, мушаххасоти сохтори мундариҷавӣ ва жанрии матнҳои хабарӣ, аз ҷумла, ду жанри дар кор баррасишуда ҳифз карда шавад.

Ҳамин тавр, дар корбурди жанрҳои хабарӣ, аз ҷумла, хабар, навъҳои он ва мусоҳиба нашрияи «Садои мардум» ҳадафи касбию таблиғотӣ дошта, ба ин васила, тавонистааст, ки хонандаро аз навидҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии дохил ва хориҷи кишвар хабардор созад. Корбурди ин жанрҳо шароитеро ба вуҷуд овардааст, ки воқеият ва мушкилоти ҳаёти ҷомеа дар рӯзномаи «Садои мардум» ҳаматарафа ва ҳадафманд инъикос ва арзёбӣ шаванд. Гуногунии жанрҳои хабарӣ беҳтарин усули таблиғ ва ҷалби хонанда ба рӯзнома буда, усули таҳия ва нашр тавоноии ҳирфаии онро собит менамояд.

## 3.2. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ

Мурури ба сафаҳоти дар марҳалаҳои гуногун чопшудаи рӯзномаи «Садои мардум» собит сохт, ки жанрҳои таҳлилӣ барои ин нашрия василаи муҳим ва муассири инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии ҳаёти ҷумҳурӣ дар солҳои гуногун буда, ҷанбаи амиқи публитсистӣ, таъсиргузорӣ ва моҳияти ғоявии онҳоро афзудааст. Жанрҳои таҳлилӣ аз ибтидои фаъолият то ба имрӯз дар саҳифаҳои рӯзнома ҷойгоҳи хос дошта, воситаи муҳим ва таъсиргузор дар инъикоси воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷумҳурӣ ва берун аз он мебошанд. Маводде, ки дар жанрҳои таҳлилӣ эҷод ва чоп шудаанд, ба тарзи дарки ашё, инъикоси воқеиятҳо, миқёси хулосаҳову умумиятдиҳӣ ва хусусияти услубии воситаҳои баёну тасвир фарқ мекунанд [37, 224]. Вақте аз ҳамин дидгоҳ саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз назар мегузаронем, маълум мешавад, ки нашрия бештар ба чопи мухбирнома, табсира, суҳбат, хулосаи матбуот, мақола ва нигориш диққат додааст. Дар интихоб ва корбурди жанрҳои таҳлилӣ дар таҷрибаи нашрия нахуст омили ҳирфаӣ, баъдан, омилҳои

замонӣ ва талаботҳои маънавию ахлоқии ҷомеа, ки зери таъсири сиёсати вақт шакл гирифтааст, нақши хос ва таъсиргузор доштаанд.

Яке аз жанрҳое, ки дар инъикоси воқеиятҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ва ҷаҳон дар шаклгирии мундариҷавию жанрии рӯзномаи «Садои мардум» нақши калидӣ дошта, гуногунрангӣ ва ҷолибияти маводди дар марҳалаҳои мухталиф дар нашрия чопшударо таъмин кардаанд, мухбирнома мебошад. Дар заминаи мухбирномаҳое, ки дар рӯзнома аз ибтидои таъсисёбӣ ба баъд ба чоп расидаанд, метавон дар бораи нақши жанр дар инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангӣ ва хусусиятҳои мушаххаси корбурди ҳирфаии он баъзе мулоҳизаҳоро баён кард.

Муқоисаи қиёсӣ нишон дод, ки рӯзномаи «Садои мардум» аз аввалин шумораҳояш сар карда, то ба имрӯз аз жанри мухбирнома фаровон истифода бурдааст. Маводди чопшуда «муждае, хабареро» дар бар гирифта, танҳо «мақсади иттилоъ додан ба мардум»-ро [112, 6] доштаанд. Ҳамин гуна хусусияти мундариҷавӣ ва жанрии мухбирномаро ба эътибор гирифта, донишмандони фақид Асадуллои Саъдулло ва Пайванди Гулмурод дар бораи ин жанр навиштаанд, ки «Ва он, феълан, аз рӯйи таъиноти ҷамъиятию сиёсиаш ва мақоми дар агентиҳои иттилоотӣ доштааш аз жанрҳои асосии публитсистикаи рӯзмарраи газетӣ махсус мегардад. Вобаста ба ҳаҷм ва таъиноташ номаи хабарнигор боисти рӯйдодҳои навини ҳаёти иҷтимоиро таблиғ намояд, камбудиву навоқисро фош созад. Ва набояд шубҳа кард, ки ҳини таҳлил услуби нигориш дар ин жанр якнавохт бошад. Чунин набуду нахоҳад шуд. Зеро, чунон ки худи журналистика майдони фарохи фаъолияти иҷтимоист, ҳамчунон, мухбирнома низ жанрест имкониятҳояш беҳудуд. Вай аз аносири дигар жанрҳо, аз қабили мақолаву очерк ва фелетон истифода мебарад, ҳамзамон, аз рӯйи тарзи тасвир мухбирнома ба репортаж монандиҳои зиёде дорад. Чунин рангорангӣ бесабаб нест, ки дар китобҳои то ба имрӯз ба забони тоҷикӣ чопгардида ишора рафтааст, агар вазифаи хабар иттилоъ додан бошад, дар номаи хабарнигор изофа ба он унсурҳои таҳлил ҳам дида мешавад. Боз як тофовут. Агар анвои хабар ба як-ду факту далели ба ҳам наздик иктифо намояд,

номаи хабарнигор маҷмуаи санадҳоеро ба ҳам меорад, ки дар якҷоягӣ як фикри томро ифода карда метавонанд. Табиист, ки номаи хабарнигор мақола нест, вай воқеаву фактҳои ба ҳам камтар алоқамандро фаро намегирад, вале комилан метавонад доир ба объекте (хоҷагӣ, муассиса, ноҳия ё вилоят) маълумоти нисбатан муфассале бидиҳад. Ба таъбири дигар, мухбирнома жанрест, ки дар асоси асноди мушаххасу муайян як мавзуи басо муҳимми ҳаётро баррасӣ менамояд» [112, 6].

Унсури асосии жанрсози мухбирномаҳои рӯзномаи «Садои мардум» илова ба он чӣ ки А. Саъдуллоев ва П. Гулмурод зикр кардаанду иқтибос шуд, мушоҳидаҳо ва дахолати бевоситаи муаллиф ба воқеият мебошад. Муаллифон дар таҳияи мухбирномаҳо, чуноне ки М. Муродов навиштааст, на фақат ба «силсилаи фактҳои ба як мавзуъ алоқаманд» такя кардаанд, балки «сабаб, ҳолат ва оқибатҳои зуҳурот»-ро [85, 125] ошкор сохтаанд, ки аз унсурҳои дигар ва муҳимми шаклсози ин жанр мебошанд. Ҳамчун намуна, мо аз мухбирномаҳои зерин ёд мекунем, ки дар онҳо муаллифон саъй кардаанд, ҳам аз равиши воқеиятҳо хабар диҳанд ва ҳам моҳияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳоро барои ҷомеа шарҳу тафсир кунанд. Аз ин ҷиҳат, чунин мухбирномаҳо ҳамчун жанри таҳлилӣ пораи бештари замонро фаро гирифта, як силсила санадҳоро умумият додаанд. Илова бар ин, чунин мухбирномаҳо, ба қавли А.А. Тертичний «ҳамеша аз пайи ҳодисаи аллакай барои аудитория маълум (масалан, аз маълумоти фаврии иттилоотӣ) нашр карда мешаванд» [15, 188]. Ин гуна мухбирномаҳо дар баробари шомили иттилооти дақиқ будан, таҳлил ва тафсири мушаххасро низ дар бар мегиранд. Беш аз ин, тафовути шаклӣ ва мундариҷавии жанрро «сарчашмаи» нахустин иттилоъ, ки баъд шарҳ дода мешавад, мушаххас месозад. Ин сарчашма дар ҳама ҳол «муаллифи асар» буда, «маҳз, вай аз ҷойи воқеа хабар медиҳад ва ҳодисаи рухдодаро дар такя ба андешаи иштирокчиён ва шоҳидони воқеа ва мушоҳидаҳои бевоситаи худ таҳлил ва таъбир мекунад» [120, 101].

Дар заминаи мухбирномаҳои «Манфиати мардум волотар аст», «Оё фардои мо рӯшан аст?» (4-уми январи соли 1992), «Мухбири Норак» (11-уми марти

соли 1998), «Ҳавои ошно, гуфтори маҳбуб» (7-уми январи соли 2000), «Ҳуҷуми малаххо дар ноҳияи Панҷ боиси талафи даҳҳо гектар зироат гардид» (7-уми июни соли 2006), «Дар Қаротегин чорводорӣ амалан барҳам хӯрдааст, инро чӣ сабаб бошад?» (29-уми январи соли 1999), «Айб дар ош аст ё дар мош? (22-юми ноябри 2005) ва чанди дигар метавон гуфт, ки унсури асосии жанрсоз ҳодисаи мушаххас буда, муҳокимаи ҳаматарафа, ошкор сохтани сабаб ва моҳияти рӯйдод, арзёбии тарафҳои манфӣ ва пешгӯйии оқибатҳои он ҷузъи дигар ва муҳиммест, ки ба мавод тамомияти жанрӣ бахшидаанд. Агар дақиқтар бигӯем, асли бунёдӣ ва унсури жанрсози мухбирномаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, воқеа буда, «ҳамаи ҷузъиёти баъдӣ, мисолҳо ва муҳокимаҳо барои инъикоси ҳаматарафа маводди ёрирасон мебошанд» [120, 102].

Мухбирномаи хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» Мухтори Абдулло «Санҷиши шикоят ба депутат чиро нишон дод?» (6-уми июни соли 2006) бо усули дар фавқ зикршуда дар мавзуи доғи иҷтимоӣ, яъне вазъи хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз байн рафтани имкониятҳои молии хоҷагиҳо, «беэътибории масъулон, хунукназарии роҳбарони мутасаддии ноҳия – (Конибодом – шарҳи мо) дар ҳалли масъала, аз як тараф, аз тарафи дигар, бетаҷрибагӣ дар таҷдиди хоҷагиҳои бузурги кишоварзии ноҳияи Конибодом» таълиф шудааст. Дар мухбирнома унвони интихобшуда таъкид бар моҳияти масаъала дошта, мазмун ва тарзи нигориш низ ҳам аз моҷарои мушаххас иттилоъ медиҳад, ҳам онро тафсиру тавзеҳ менамояд, ки ду унсури баъдӣ аз нишонаҳои хоси сохтори жанрии мухбирномаи зикршуда мебошанд. Паҳлуи дигари нигориши муаллифи мухбирномаи зикршударо бархурди муаллиф ба рӯйдодҳо, санадҳои воқеӣ, аз ҷумла, барҳам хӯрдани хоҷагиҳои деҳқонӣ, бесарусомонӣ дар ин замина ва моҳияти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавию иқтисодии онҳо ташкил медиҳад, ки низ аз вижагии ин жанри таҳлилӣ буда, «хусусиятҳои таҷассумсоз ва мавзуи муайяни худро дорад» [108, 294].

Мухбирномаи мухбири махсуси «Садои мардум» дар вилояти Суғд Ҳусейни Назрулло «Айб дар ош аст ё дар мош?» (22-юми ноябри соли 2005) низ ҳамин гуна хусусият дошта, муаллиф ҳангоми эҷод аз усули таҳлили

дедуктивӣ огоҳона ва ҳунармандона истифода карда, нахуст муносибаташро ба воқеа баён кардааст, ки то ҷойе ҳадафи таблиғии жанри таҳлилии публитсистиро дар бар мегирад. Дар мухбирнома муаллиф таҳлилро андаке амиқ бурда, санадҳои зиёдеро қиёсан санҷида, онҳоро зикр карда, баррасӣ намуда, натиҷа гирифтааст. Тафсир ва таҳлили қиёсии воқеиятҳои мавриди назари иҷтимоӣ ва ба эътибор гирифтани таносуби комили моҳияти рӯйдодҳо бо таҳлилҳо ва натиҷагириҳои муаллиф дар мухбирнома хусусияти хоси жанрро муайян кардааст.

Аксари мухбирномаҳое, ки дар фосилаи солҳо дар рӯзнома чоп шудаанд, аз тарафи рӯзноманигорони касбӣ навишта шуда, оид ба рӯйдодҳои муҳимми кишвар ва хориҷ аз он иттилоот ва таҳлили дақиқ ва натиҷагириҳои собитро дар ихтиёри хонанда гузоштаанд, ки аз вижагии жанрии онҳо мебошад.

Донишмандони соҳа А. Саъдулло ва П. Гулмурод бар ин назаранд, ки «Номаи хабарнигор, гарчи ҳаҷман бузург нест, аммо жанри андешапарвар аст. Дар он журналист роҷеъ ба ҳар гуна масъалаи мавриди назар ақидаашро баён кардаву муҳокима ронда метавонад.

Албатта, ҳар жанр рафтори хоса мехоҳад. Намешавад, ки ба хроника марбутро ба жанри калонтаре бигузорем. Ва табиист, ки ҳангоми таълифи мухбирнома ҳамучунон имкониятҳои дохиливу беруниро сарфи назар кардан хуб нест. Ин имкониятҳо ба шароити кор, маҳорати нигоранда, мавқеи нашрия, мақоми факт, ҷойи ҷудошуда ҳам вобаста аст. Гузашта аз ин, ҳар як органи чопӣ ба рӯйдодҳо аз назари эҷодии худ низ баҳо медиҳад» [112, 11].

Дар заминаи андешаи ин донишмандон метавон гуфт, ки на ҳамаи мухбирномаҳои рӯзномаи «Садои мардум» ба талаботи ин жанр ҷавобгӯ мебошанд. Камбудии ҷиддии баъзе мухбирномаҳои рӯзнома аз он иборат аст, ки муаллифон гоҳо иштирокдор ё мушоҳидагари бевоситаи рӯйдодҳо набуда, маводро дар асоси мактуби хонандагон омода кардаанд, ки нодида гирифтани яке аз василаҳои муассир – иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷараёни воқеият мебошад. Аз ҷумла, мухбирномаи  А. Мусоев ва Д. Султонов «Ҳуҷуми малаххо дар ноҳияи Панҷ боиси талафи даҳҳо гектар зироат гардид» (7-уми июни соли

2006) ба ҳамин усул навишта шудаст. Муаллифон дар ҷараёни воқеа ва ҳаллу фасли он ширкат надоранд. Фақат шоҳидашон суханони раиси ҳамондавраинаи ноҳияи Панҷ Талбон Ҳакимов будаасту бас.

Ба ин тартиб, метавон хулоса кард, ки жанри мухбирнома яке аз воситаҳои фаъоли инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» буда, хусусиятҳои ҳирфаӣ ва гуногунжанрии нашрияро ба таври қобили мулоҳиза таъмин намудааст, ки таҷрибаи ибратбахш мебошад.

Дар инъикоси дақиқ ва ҳирфаии воқеиятҳои Тоҷикистон рӯзномаи «Садои мардум» аз жанри дигари таҳлилӣ – табсира низ ҳадафмандона истифода кардааст. Барои ҳайати эҷодии рӯзнома хусусиятҳои бунёдии ин жанрро «на фақат таҳқиқи вазъиятҳои гуногун, балки ошкор сохтани қонунияти инкишофи воқеиятҳои рӯзмарра» [37, 225] мушаххас месозад. Таҷрибаи нашрияро дар корбурди ин жанр суханони иқтибосшудаи В.В. Ворошилов таъйид менамояд. Дар ин замина, суханони зерини И. Усмонов низ раҳнамои рӯзнома будааст, ки навиштааст: «табсира фикр аст, ақида аст, ақидаест, ки асоси воқеа инъикос меёбад» [124, 82]. Таҷрибаи нашрияро дар ин замина, баркаш карда, суханони зерини М. Муродӣ ба ёд расид, ки дар таъйиди сифатҳои жанрии табсираҳои чопшуда мебошанд: «Дар қолаби комментария (табсира – шарҳи мо) муаллиф муносибати худро ба воқеаҳои муҳим ва масъалаҳои ба он алоқаманд дар шакли таҳлили моҳият, ҳолат, камбудӣ, муваффақият ва амсоли ин баён мекунад ва бо арзишгузорӣ ва пешгӯйӣ дурнамои онро муайян менамояд» [85, 130].

Табсираҳое, ки дар фосилаи замонӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидаанд, аввалан, талоши дастандаркорони нашрияро дар фарогирӣ ва инъикоси ҳунармандонаи воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ифода кунад, сониян, ифодакунандаи гуногунрангии жанрӣ ва таносуби комили шаклу мундариҷа низ ҳастанд, ки баёнгари равиши ҳирфаии фаъолияти нашрия дар чопи табсира мебошад. Ҳамчунин, табсираҳои нашршуда хусусиятҳои

шаклии жанрро низ фаро гирифтаанд, ки далели корбурди огоҳонаи он аз ҷониби рӯзноманигорон аст.

Аз таҳлили муқоисавии табсираҳои дар рӯзномаи «Садои мардум» чопшуда, ба натиҷа расидем, ки дар таҳия ва нашри он махсусиятҳои иттилоотии жанр ҳаддалимкон ба эътибор гирифта шудааст. Табсираҳои нашршуда дар мавзуъҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ навишта шуда, тамоюлҳои асосии инкишофи ҷомеаи Тоҷикистонро бо ҳама бурду бохташ воқеъбинона инъикос намудаанд. Дар фаъолияти нашрия табсираҳои гуногунмавзуъ имтиёз дошта, дар ин замина, ба шарҳу тавзеҳи масъалаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ бештар эътибор дода шудааст. Дар маҷмуъ, ин жанр дар инъикоси ҳаматарафа, ҷолиб ва диққатангези воқеиятҳои кишвар нақши хос дошта, яке аз василаҳои нуфузи рӯзнома дар муҳити иттилоотӣ мебошад.

Аксари табсираҳое, ки дар рӯзнома чоп шудаанд, муаллиф дошта, онҳоро ё хабарнигорони нашрия навиштаанд, ё мутахассисони соҳа ва ё аз манбаъҳои дигари иттилоотӣ, аз ҷумла, АМИТ «Ховар» дастрас гардидаву ба чоп расидаанд. Вале дар баъзе шумораҳо табсираҳои бемуаллиф низ нашр гардидаанд. Аз ҷумла, табсираи «Даъват ба сулҳу муросо», ки дар рӯзҳои авҷи муқовиматҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ чоп шудааст, бемуаллиф буда, масъулияти соҳибияти он бар дӯши нашрия аст. Дар ин табсира тамоми унсурҳои сохтори жанрӣ, ки хонандаро ба дарки масъалаи барои тоҷикон сарнавиштсоз – истиқрори сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ раҳнамоӣ мекунад, вуҷуд дорад. Дар матн аз рӯйи тартиб унсурҳои сохтори жанрӣ ҷобаҷо карда шудааст, ки иборат аз: а) санади асосӣ, ки ба шарҳ зарурат дорад; б) мавқеи яке аз шахсиятҳои табсира раиси Кумитаи ҷамъиятии сулҳ – Давлат Худоназаров ва в) мавқеи нашрия мебошанд.

Ин тарзи сохтори мундариҷавию жанрӣ имконият фароҳам овардааст, ки хонанда ба осонӣ ба моҳияти масъала, ки роҳҳои барқарор кардани сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ, бахусус, вилояти Қурғонтеппа аст, сарфаҳм равад ва воқеъбинона ба масъала таваҷҷуҳ намояд (4-уми январи соли 1992).

Ба андешаи мо, яке аз омилҳое, ки ин жанрро дар матбуоти солҳои навадум ва баъди он, аз ҷумла, рӯзномаи «Садои мардум» маъмул сохтааст, суръат ва сифати тарғиботи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи онзамонӣ ва инзамонии тоҷикон аст. Рӯйдодҳое, ки дар ҷомеа ҷараён дошту дорад, диққати аҳли қаламро «ба ҳама чизи муҳим, ки воқеият илқо мекард» [108, 294] равона месохт. Нашрияҳои даврӣ, бахусус, ягона рӯзномаи парлумонии кишвар, дар ин давраи ҳассос тавонистаанд диққати ҷомеаро ба санадҳои наве, ки дар сатҳи болои ҳаёти кишвар қарор доштанд, ҷалб карда, онро арзёбӣ кунад [120, 122]. Рӯзномаи «Садои мардум», ки дар арафаи истиқлоли кишвар таъсис ёфта буд, аз ибтидои фаъолият тавонист дар қолаби табсира, ба қавли М. Муродов «муносибати худро ба воқеиятҳои муҳим ва масъалаҳои ба он алоқаманд дар шакли таҳлили моҳият, ҳолат, камбудӣ, муваффақият ва амсоли ин баён» карда, «бо арзишгузорӣ ва пешгӯйӣ дурнамои онро муайян [85, 130] намояд.

Таҳлил ва арзёбии муқоисавӣ нишон дод, ки табсира дар саҳифаҳои нашрия ҷойгоҳи хос дошта, гуногунрангӣ ва мутаносибии комили шаклу мазмун чеҳраи касбии онро таъмин ва ҷолиб намудааст. Табсираи «Манфиати мардум волотар аст» (4-уми январи соли 1992) на танҳо таваҷҷуҳи хонандагонро бо санади нав (масъалаи андозсупории кооперативҳо дар ҷумҳурӣ ва роҳҳоиислоҳи вазъияти дар ин замина баамаломада) ҷалб намудааст, балки рӯйдоди тафсиршавандаро дар алоқамандӣ бо мушкилоти ахлоқиву ҳуқуқӣ шарҳ дода, дурнамо ва моҳияти онро шакл додааст, ки то ҷойе мавқеи нашрия ва муаллифи табсира хабарнигори рӯзнома Муҳаммадшарифи Бобошоҳро низ ифода мекунад.

Табсираи «Истифодаи об тадбирҳои якҷоя мехоҳад» (12-уми июни соли 2010) низ ҳамин гуна хусусият дошта, диққати ҷомеаро ба масъалаи барои башарият муҳим «Об – барои ҳаёт» ва роҳҳои ислоҳи вазъияти камобӣ ва истифода аз захираҳои обиро дар сатҳи ҷаҳон ҷалб намуда, дар заминаи санадҳо ва далелҳои нав хонандаро бовар менамояд, ки яке аз фазилатҳои ин жанр мебошад.

«Минтақаҳои хавфнок безарар гардонда мешаванд» (22-юми ноябри соли 2005) табсираест, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба масъалаи амнияти минтақавӣ, пешгирии ҳодисаҳои нохуш дар ҷумҳурӣ, барҳам задани хавфи таркиши минаҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ ҷалб карда, муаллиф (хабарнигори рӯзнома Аъзам Мусоев) дар рафъи ин мушкилот ҳамгирой кардани Бунёди кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва таъсири ин ниҳод ба ислоҳи вазъиятро бо далелҳо таъбир ва табсир менамояд, ки аз назари касбият ва фарогирии унсурҳои жанрсоз арзишманд мебошанд.

Ҳамчунин, дар табсираҳои «Чаро вокунишҳои рашанфикрон ба сафсатаҳои нотавонбинон чандон чашмрас нест?» (11-уми марти соли 2022), «Таъмини тартибот ба донишҷӯён низ вобаста аст» (27-уми майи соли 2006), «Обро мақсаднок ва самаранок истифода барем» (15-уми марти соли 2005), «Кори хайр» (20-уми майи соли 2006), «Осорхонаву хона-музейҳо бояд ҳифз шаванд» (11-уми январи соли 2022) ва монанди инҳо унсурҳои типпии сохтории ин жанр, аз ҷумла, «иттилоот доир ба ҳодисаи таъбиршаванда ва ифодаи вазифаи табсира, шаклдиҳии масъалаҳое, ки ба миён омадаанд, ифодаи дақиқи фактҳо, андеша ва ҷузъиёт, ҳамчунин, фикри муаллиф доир ба рӯйдодҳои мавриди баҳс, ки моҳияти воқеияти тасвиршавандаро ифода мекунад, ошкор месозад [120, 122]. Муаллифони табсираҳои зикршуда тавонистаанд, ки аввалан, хонандаро бо масъалаи мавриди назарашон ошно созанд, сипас, умқи онро ошкор ва ниҳоят, моҳияти мавзуъро ба ҷомеа фаҳмонанд. Барои иҷрои ин ҳадаф дар табсираҳо нахуст факти тасвиршаванда, масалан, дар табсираи «Осорхонаву хона-музейҳо бояд ҳифз шаванд» масъалаи ҳифзи Осорхонаи ҷумҳуриявии маданияти мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ мавриди қазоват қарор гирифта, сипас, мавқеи ин шахсият дар таърихи фарҳанги тоҷик шарҳу баст ёфтааст. Дар табсираи зикршуда суханони тафсирии директори музеи зикршуда Юсуф Шодиев ва нашрия (табсира бе зикри номи муаллиф чоп шудааст) муҳим буда, аз талаботи сохтори жанр берун омадааст.

Гуногунмавзуии табсираҳо низ аз афзалияти таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» дар таҳия ва нашри жанр мебошад. Масалан, дар табсираҳое, ки зикр

шуданд, масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра мавриди таҳлил ва тафсир қарор гирифтаанд, ки ифодагари вусъати интихобу андеша ва салоҳияти касбии муаллифон ва василаи ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба масоили барои ҷумҳурӣ ва сокинони он тақдирсоз мебошад.

Ба ин тартиб, жанри табсира дар саҳифаҳои нашрия ҷойгоҳи хос дошта, ҳадафҳои а) таҳлили амиқи воқеиятҳои дараҷаи аввал ва тафсири моҳияти онҳо барои хонанда; б) тафсири мухтасари рӯйдод ва ошкор кардани паҳлуҳои гуногуни он; в) тафсири зинда ва таъсиргузори масъала бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи аудитория; г) мақсади таблиғотию таълимӣ ва иҷтимоии ин «шакли муваффақ» барои «донистани кишвари худ»-ро дунбол кардааст [108, 302].

Жанри дигари таҳлилӣ, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» фаровон истифода шудааст, мақола ва навъҳои гуногуни он мебошад. Муҳаққиқон, аз ҷумла, М.С. Черепахов, Б.П. Балуев, А. Саъдуллоев ва П. Гулмурод мақоларо як намуди жанрҳои таҳлилии матбуот дониста, таҳлил ва андешаю мулоҳизаро аносири асосии жанрсоз дар он донистаанд [112, 15]. И. Усмонов ин жанро «беҳтарин василаи баёни фикр ва дарҷи андеша» дониста, таъкид ҳам кардааст, ки «талошҳо барои озодии баён бештар дар атрофи ҳамин жанр сурат» [124, 59] гирифтааст. Донишманди рус А.А. Тертичний мақоларо «дар журналистикаи таҳлилӣ асосӣ» ба шумор меоварад [120, 149]. М. Муродов мухтассоти жанрии мақоларо дар «предмети таҳқиқи он» ва «масоили ҳалталаб» дида, меафзояд, ки «муаллиф дар асоси факту ҳодиса ва воқеаҳои муайян фикр ва ё ғояи умумиро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, дар мақола ақида, таҳлил, мулоҳиза мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар ҳалли проблемаҳои баррасишаванда на танҳо донишу таҷриба, малакаи таҳлилӣ ва ҷаҳонбинии васеъ, балки ақлу фаросат низ ба кор меояд. Маҳз, чунин хусусият мақоларо аз дигар жанрҳо фарқ мекунонад. Зеро як проблема ё воқеаи муҳимми рӯзро дар жанрҳои гуногуни публитсистӣ (масалан, мухбирномаву мақола) баррасӣ намудан мумкин аст. Вале гузориши масъала ва нишон додани тарзи ҳалли воқеаҳо дар ҳар жанр ба сурати хос сурат мегирад. Агар публитсист дар мухбирнома вазъияти мушаххаси иҷтимоиро дар вақту замони маҳдуд ва муносибати нисбатан сатҳӣ таҳлил намуда, ба

мушоҳидаҳои шахсӣ, силсилаи фактҳои ба ҳам алоқаманд такя намояд, дар мақола воқеаву рӯйдодҳои алоҳида чун қисми таркибии воқеаҳои бузург мавриди баррасӣ қарор мегиранд ва маърифатнокӣ характери нисбатан васеъро касб мекунад. Ҳамчунин, муаллифи мақола ба зуҳурот, ҷараён ва масъала муносибати ҳаматарафа намуда, таҳлилро ба умқ самт медиҳад. Вай ақидаашро бо маҷмуи фактҳои иҷтимоъ асоснок намуда, қонунияти тағйирёбии воқеиятро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра муоина мекунад. Аз ин рӯ, дар эҷоди мақола амиқии назару андеша, таҳлили васеъ ва амиқ, фарохии хулосаву ҷамъбаст рукнҳои асосӣ ба ҳисоб меравандӣ [85, 149-150].

Дар асоси таҳлили мақолаҳои дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расида метавон гуфт, ки аксари мақолаҳо хусусиятҳои бунёдии жанрро фаро гирифта, ҳадафҳои жанрӣ ва мундариҷавии онро ифода мекунанд. Доштани ҳисси қавӣ барои ташхиси мушкили ҷомеа муаллифонро водор намудааст, ки ба ҳодисаҳо, ҷараёнҳо ва вазъиятҳое таваҷҷуҳ кунанд, ки барои иҷтимоъ ва гурӯҳҳои мухталифи он арзиш ва таъсир доштаанд. Ба ин далел, ба қавли А.А. Тертичний, «ҳадафи мақола бо андешае оид ба ягон ҳодиса, ҷараён ва вазъияте, ки дар ҷомеа, дар ягон соҳаи фаъолият аҳаммият дорад, бояд асоснок карда шавад. Бахусус, ҳодиса, ҷараёнҳо ва вазъияте, ки чун қоида, барои гурӯҳҳои ҷудогонаи иҷтимоӣ оқибатҳои фавқулода дорад. Бинобар ин, мавзуи мақола на санадҳои ҷудогона, балки он муносибатҳои асосноки сабабдору бонатиҷа ҳаст, ки ҳамин гуна (аксаран ҳаммонанд) санад ва ҳадафҳо ба вуҷуд меоварад. Дар рафти муҳокимаи бодалел муаллиф, ҳамчунин, алоқаи санадҳои ҷудогонаи дар сатҳи «болои зиндагӣ, ҳодисаҳо, ҷараёнҳо» бавуҷудомада ва он қонуниятҳо ва омилҳоеро, ки онҳоро ба вуҷуд меоваранд ва аз мушоҳидаи якрост пинҳон мемонанд, барқарор менамояд» [120, 101-102].

Дар мақолаҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум дар давраҳои гуногун ба чоп расидаанд, муаллифон ва масъулини нашрия дар аксар маврид талаботҳои зикршудаи жанрро ба эътибор гирифтаанд. Бинобар ин, мақолаҳои аз ҷониби шахсони гуногунихтисос навишташуда, пеш аз ҳама, бо фарогирӣ ва ҳалли

мушкилоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву адабӣ ва фарҳангӣ ва ҷуз ин, диққати хонандаро ҷалб кардаанд, ки барои ҷомеа арзиши муҳимми маънавӣ доранд.

Дар адабиёти илмӣ доир ба анвои мақола назарҳои гуногун ва зидду нақиз вуҷуд дорад. Аз ҷумла, агар В.В. Ворошилов навъҳои илмӣ – оммавӣ («научно-популярную статью») ва масъалагузр («проблемный»)-ро зикр карда бошад [40, 226], А.А. Тертичний фаротар рафта, мақоларо ба навъҳои умумитаҳқиқӣ («общеиследовательская статья»), амалӣ-таҳлилӣ («парактико-аналитическая статья») ва мубоҳисавӣ («полемическая») тақсимбандӣ мекунад [120, 150-171]. А. Саъдулло ва П. Гулмурод анвои сармақола, мақолаи назариявӣ ва мақолаи прблемавиро ёдрас кардаанд [112, 13-23]. М. Муродов навъҳои мақоларо ба сармақола, мақолаи умумитаҳқиқӣ, мақолаи амалӣ-таҳлилӣ ва мақолаи мубоҳисавӣ ҷудо кардааст [85, 151-158].

Донишманди эронӣ Ҳусайн Имоди Афшор дар бораи навъҳои мақола сухан карда, аз ҷумла, навиштааст, ки «агарчи мақолаҳо анвои густурда ва гуногуне аз навиштаҳоро дар бар мегиранд ва ҳар як аз масоиле, ки инсон дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ бо он рӯбарӯст, метавонад мавзуи мақолаҳо ва навиштаҳои бешуморе бошад, аммо ба таври куллӣ метавон мақолаҳоро ба се дастаи нисбатан мутамиз: таҳқиқӣ, иҷтимоӣ ва интиқодӣ тақсим кард» [13, 176-177].

Чунон ки аз назар гузашт, доир ба анвои мақола ва хусусиятҳои он ҳанӯз назари ягона вуҷуд надорад. Ба ин далел, сари ин мавзуъ баҳс накарда, дар заминаи мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои қиёсии анҷомгирифта истифодаи босамари баъзе навъҳои мақоларо дар ташаккул ва таҳаввули шакл ва мундариҷаи рӯзномаи «Садои мардум» накд ва арзёбӣ намудан имкон дорад.

Мақола ва баъзе навъҳои он дар нашрияи «Садои мардум» ҷойгоҳи хос дошта, ҳадафи асосии он ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ба муҳимтарин масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рӯз мебошад. Аз ҷумла, мақолаҳои «Дидор баъд аз 80 сол» (29-уми январи соли 1992), «Оқибати мавқеи бетарафӣ» (24-уми июли соли 1992), «Хат ва забон» (21-уми июли соли 1993),

«Чаро Наврӯзро ҳар сол ҷашн мегирем» (20-уми марти соли 1993), «Ҳамқадами замон» (4-уми марти соли 1998), «Шакли нави хоҷагидорӣ манфиат овард» (11-уми марти соли 1998), «Аввалин рӯзномаи миллат» (11-уми марти соли 1998), «Суманак дар ҷӯш мо кафча занем» (20-уми марти 1992), «Сароғози матбуоти миллӣ» (8-уми марти соли 2002), «Бухрони об ва истифодаи «дарёи фазоӣ» (28-уми августи соли 2003), «Тамаддуни ҳуқуқии ориёӣ ва худшиносии миллии тоҷикон» (20-уми майи соли 2006), «Паёми сардори давлат такони ҷиддӣ баҳри рушди кишвар» (6-уми июни соли 2006), «Ифротгароии ҷавонон – асоси нигаронии ҷомеа» (19-уми марти соли 2020) ва ғайра масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро, ки ҳис ва андешаи муаллифонро барои дарк ва ироаи мушкилоти ҳаёти ҷомеа ифода мекунад, ба миён гузоштаанд. Мақолаҳое, ки дар давраҳои гуногун дар рӯзнома чоп шудаанд, аллакай аз қолиби маъмулии мақоланависии замони шуравӣ берун буда, мустақилияти масъалагузориҳо ва интиқоди бетарафона хусусияти мундариҷавӣ ва жанрии онҳоро муайян менамояд. Ба ифодаи А. Саъдулло ва П. Гулмурод, мақолаҳоро метавон фаврӣ унвон кард [112, 21], зеро дар онҳо масъалаҳои муҳим ва очилан ҳалталаби сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба миён гузошта шудаанд.

Муқоисаи баъзе мақолаҳои дар рӯзнома чопшуда нишон дод, ки дар онҳо «андеша, тезисҳо, мушкилот» [112, 4] унсури муҳимми мундариҷавӣ ва жанрӣ будаанд. Ҳамчунин, дар эҷод ва нашри чунин мақолаҳо муаллифон ва масъулини рӯзнома эҳтиёҷи маънавии оммаи хонандагонро низ ба назар гирифта, ба ҳамафаҳмӣ, сохтор, забон ва интихоби мавод диққати махсус додаанд. Муаллифони ин гуна мақолаҳо «на фақат ба масъалаи аниқи нишондод такя кардаанд, балки воситаи таъсири ҳиссиро низ фаровон корбаст намудаанд» [62, 4], ки ба хонанда эътимод бахшида, дар ӯ руҳияи муайянро бедор ва барои иҷрои ин ё он амал илҳом мебахашанд. Яке аз ҳамин гуна мақолаҳое, ки ба талаботи сохторӣ ва мундариҷавии ин жанр пурра ҷавобгӯст, мақолаи таҳқиқии муҳандис Ю. Клетскин «Оқибатҳои мавқеи бетарафӣ» мебошад.

Зимнан бояд гуфт, ки ҳамаи анвои мақолаҳо бар пояи таҳқиқ ва арзёбии дақиқу устувори ҳодиса, санаҳо, амал ва кирдори шахсиятҳо қарор доранд, вале мақолаҳои таҳқиқӣ сирф пас аз таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба бо шеваҳои илмӣ таҳия мешаванд ва дар онҳо охирин натоиҷи бадастомада аз як пажуҳиши муайян мавриди баҳс қарор мегирад. Ин гуна мақолаҳо аз ҷониби касоне навишта мешаванд, ки дар яке аз риштаҳои улуму фунун ва ҳунар ба дараҷаи камол расида бошанд. Муаллифи мақолаи зикршуда Ю. Клетскин худ муҳандис буда, мавзуъро мутаносиб бо иттилоот, истеъдод ва салоҳияти касбиаш баррасӣ карда, дар заминаи як пажуҳиши дақиқ бо такя ба асноди иқтисодӣ вазъи иқтисодии ҷумҳуриро дар солҳои навадум дар соҳаи сохтмон баррасӣ ва арзёбӣ менамояд. Ин мақолаи таҳқиқӣ дар таъйиди вазъи андӯҳбори молӣ ва ихтисосии идораҳои сохтмони кишвар дар як давраи ҳассос ҳарфи бодалел буда, хонандаро водор менамояд, ки аз умқи андешаҳо ва натиҷагириҳои муаллиф убур кунад. Хонанда пас аз мутолиаи дақиқи мақола аз ҷустуҷӯҳо ва раҳнамоиҳоои судманди муаллифи мақола огоҳ шуда, дарк мекунад, ки «вазъияти бинокоронро аз кадом ҳисоб беҳ гардондан мумкин аст». Мақола бо суханони зерин анҷом меёбад, ки як навъ натиҷагирии муаллиф аз ҷустуҷӯҳояш дар мақолаи ёдшуда мебошад: «Мо бояд бо дастони худ барои худамон шароити муътадил муҳайё созем. Ба ҷойи мо каси дигар кор намекунад. Ман ба ҳамаи аъзоёни Иттифоқи касабаи бинокорон таклиф мекардам, ки дар майдончаҳои сохтмон пудрати бригадавиро барқарор намоянд. Мо онро беҳуда фаромӯш кардем. Дар шароити ду модели ҳисоби хоҷагӣ ба кор шуруъ кардан лозим аст, ки ин барои гузаштан ба иҷора имкон медиҳад. Тарзи чекии ҳисобу китобро дар сохтмон низ бояд ҷорӣ кард. Ниҳоят, кӣ бо чӣ кор машғул шуданашро дар соҳаи сохтмон аниқ муайян намудан лозим аст, зеро дар байни мо одамони бекора бисёранд. Ман коргарам, тамоми умр дар сохтмон меҳнат кардаам ва инро хуб мефаҳмам. Хулласи калом, кор кардан зарур аст, он гоҳ, вазъият зуд тағйир ёфта, рӯ ба беҳбудӣ меоварад» (24-уми июли соли 1992).

Дар мақола муҳандиси шуравӣ дар такя ба санадҳо вазъи сохтмонро дар ҷумҳурӣ амиқ таҳлил ва натиҷагирӣ карда, мушкилоти фарогири соҳаро ба

хонанда намудааст. Муаллиф масъалаи азнавсозии низоми бинокориро дар ҷумҳурӣ бо таҳлили вазъи нобасомони соҳа дар мақола ба миён гузошта, умедвор аст, ки ба шарофати бозсозӣ тағйироти куллие дар ин соҳа ба вуҷуд меояд.

Ҳарчанд аз замони нашри мақола 32 сол гузашта бошад, бо вуҷуди тағйир ёфтани низоми давлатдорӣ, аз ҷумла, тарзи корбарӣ дар сохтмон, ки аксаран шахсӣ аст, ғояҳоиояндабинонаи муаллифи мақолаи зикршуда метавонад ба пешрафти соҳа таъсиргузор бошад, дар сурати хондан ва фармудаҳои муаллифро истифода кардан.

Дар ин замина, метавон аз мақолаҳои пурмуҳтавои Н. Иноятов «Шакли нави хоҷагидорӣ манфиат овард», С. Тоҳиров ва Х. Бобиев «Буҳрони об ва истифодаи «дарёи фазоӣ» ёд кард, ки муаллифон матолибро ба сурати истиқлолӣ ва ҳуҷҷатҳои мантиқӣ баён карда, аз истинод ба ҳадс ва гумон худдорӣ намудаанд. Ба ин далел, муаллифони зикршуда аз пажуҳиши худ натиҷаи матлуб ба даст овардаанд, ки хонандаро ҳам ҷалб ва ҳам бовар мекунонад. Масалан, муаллифи мақолаи аввал бо ба баҳс кашидани санадҳои воқеӣ масъалаи шакли нави хоҷагидориро дар шакли ҷамъияти саҳомӣ ба миён мегузорад, сипас, назарашро ба монеаҳои дар ин замина вуҷуддошта бо таҳлили санадҳои иқтисодиву оморӣ нишон медиҳад. Хулосаҳои таҳқиқӣ ва натиҷагириҳои амали ӯ ба таҷрибаи шахсиаш дар соҳаи иқтисодиёт такя дошта, пешгӯйиҳояшро низ бармало месозад.

Дар мақолаи дувум масъалаи на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми дунё доғ – буҳрони об муҳокимаву баррасӣ гардида, муаллифон бо қиёси санадҳои воқеӣ роҳи ҳалли мушкили обро барои ҷомеаи худӣ ва ҷаҳонӣ нишон додаанд. Ҷанбаи таҳқиқию таҳлили мақола қавӣ буда, таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб накарда наметавонад.

Нашри мақолаҳои таҳқиқиву таҳлилӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» василаи муассире будааст барои инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон. Бештарини ин мақолаҳо паёми созанда дошта, ба хонанда ва муҳити иттилоотӣ таъсиргузоранд. Муаллифон дар ин гуна мақолаҳо

мушкилотеро, ки ҳалли он барои ҷомеаи тоҷикон муҳим мебошад, ба муҳокима кашида, андешаву орояшонро дар ин боб ба сароҳат баён доштаанд.

Зимнан бояд ёдрас намуд, ки «ҳамаи анвои мақолаҳо бар пояи таҳқиқ ва баррасӣ устувор аст, аммо гунае аз мақолаҳоро таҳқиқӣ меноманд, ки сирфан, пас аз таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба, ба шеваҳои илмӣ таҳия шавад ва дар он охирин натоиҷи бадастомада аз як пажуҳиши муайян мавриди баҳс қарор гирад» [13, 177]. Ба андешаи М. Муродов, ҳадафи ин гуна мақолаҳо «омӯзиши қонунмандиҳои гуногун, анъана ва дурнамои соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир» [85, 154] мебошад. Ба ин далел, ҳар гоҳ табиб, гиёҳшинос, адиб, муаррих, равоншинос, бахусус рӯзноманигор, ба таҳқиқи мавзуи нав ё кашфи тозае рӯбарӯ шавад ва онро қобили шарҳ донад, ба таҳқиқ мепардозад ва натиҷаи мутолиот ва таҳқиқашро дар шакли мақола нашр мекунад, то мавриди истифодаи аҳли фан ва баҳрабардории хонандагон қарор гирад.

Дар ин замина, бояд таъкид кард, ки аксари мақолаҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд, масъалаҳои забон, таърих ва фарҳанги тоҷиконро дар бар гирифтаанд. Ин мақолаҳоро аксаран касоне навиштаанд, ки дар ҳамон соҳа тахасссуси комил доштаанд. Мақоланависон мутаносибан бо истеъдод ва захираи илмию иттилоотии худ ба он кор даст задаанд. Дар ин равиш, нашрия мақолаҳои донишманди забоншинос Ардашер Каримов «Хат ва забон» (21-уми июли соли 1993), адабиётшинос Соҳиб Табаров «Ҳамқадами замон» (4-уми марти соли 1998), муаррих Абдураҳим Холиқов «Тамаддуни ҳуқуқии ориёӣ ва худшиносии миллии тоҷикон» (20-уми майи соли 2006), фолклоршинос Рӯзӣ Аҳмад «Чаро Наврӯзро ҳар сол ҷашн мегирем» (20-уми марти соли 1994) ва ғайраро чоп кардааст, ки ҳар кадоме таҳқиқоте бо далелҳои қотеъ ва ҳуҷҷатҳои мантиқӣ дар боби таърихи илм ва фарҳанги тоҷикон мебошад.

А. Каримов дар мақолаи «Хат ва забон» масъалаи муҳимми таълими хати ниёгонро дар мактабҳои Тоҷикистон ба миён гузошта, аз пешниҳодаш ба тариқи зер натиҷагирӣ кардааст, ки гӯё ҳамин рӯзҳо навиштаву нашр карда бошад: «Меваи мамнуъ ширин мешавад» – мегӯянд. Дар муддати зиёда аз 60

сол омӯзиши ин хат манъ гашту донандагони он таъқиб шуданд, вай ба «меваи мамнуъ» табдил гардид. Аз ҳамин истифода карда, дар маҳалҳо мактабҳои шахсӣ ба фаъолият сар карданду ҷавононро ба ҳар чизе, ки худашон медонистанд, «таълим доданд» ва ба ҳар роҳе, ки хостанд, бурданд. Агар таълими ин хатро дар мактабҳо ҷорӣ мекарданду бачаҳоро ба «Шоҳнома»-хониву «Ҳофиз»-хонӣ равона мекарданд, ман бовар дорам, ки ҷавонони мо ба ин ҳолат намеомаданд. Ба фикри мо, ҳоло ҳам дер нашудааст...»

Муаллифи мақола бо ҳамин андешаи таъсиргузор маҳдуд нашуда, фаротар аз ин мушкилоти таълими хати ниёгонро ҳамчун барқарокунии ҳофизаи таърихии миллат ба миён гузоштааст, ки ҷанбаи амиқи публитсистӣ низ дорад. Мақола нуқтаҳои муҳимми пажуҳиширо дар бар гирифта, саҳми муаллифро дар кашфи ҳақиқати илмӣ собит месозад.

Дар мақолаи Соҳиб Табаров «Ҳамқадами замон» фаъолияти журналистии Бобоҷон Ғафуров дар матни воқеияти солҳои сиюми садаи гузашта таҳқиқ, таҳлил ва арзёбӣ гардидааст. Муаллиф саҳви мураттибони феҳрасти соли 1969 таҳияшудаи осори Б. Ғафуровро, ки «сароғози фаъолияти рӯзноманигорӣ, мунаққидӣ ва илмии» ӯро «тамоман хато, яъне аз 15 майи соли 1935 бо нашри мақолааш бо унвони «Энг яхши районт газетаси учун» («Баҳри беҳтарин рӯзномаи ноҳиявӣ») дар рӯзномаи «Қизил Тоҷикистон» (4-уми марти соли 1998) рабт додаанд, нишон дода, сипас, дар асоси далелҳои мувассақ роҳи тайкардаи Б. Ғафуровро дар соҳаи рӯзноманигорӣ дар солҳои сиюм як-як бо ёдовариву таҳлили мақолаҳои ӯ ба хонанда ошно менамояд.

Муҳаққиқ фаъолияти рӯзноманигории Б. Ғафуровро бо зикр ва арзёбии мақолаҳои дар солҳои сиюм чопкардаи ӯ ҳаматарафа таҳлил карда, ба хулоса меояд, ки «тартибдиҳандагони минбаъдаи феҳрасти осори Бобоҷон Ғафуровро лозим меояд, ки оғози рӯзноманигории ӯро на аз соли 1935, яъне на ба забони ӯзбекӣ, балки ҳеҷ набошад, аз солҳои 1927-1928, яъне ба забони тоҷикӣ ҳисоб намоянд». Мутаассифона, муҳаққиқони баъдии фаъолияти рӯзноманигории Б. Ғафуров ё ба ин мақола дастрасӣ надоштаанд, ё андешаҳои устоди фақидро ба эътибор нагирифтаанд, ки дар шинохти сароғози фаъолияти рӯзноманигории ӯ

пойбанди далели барғалати феҳрасти барғалати зикркардаи Соҳиб Табаров будаанд, ки мавзуи баҳси алоҳида мебошад.

Мақолаи дигаре, ки ба талаботи жанр пурра ҷавобгӯ мебошад, мақолаи таърихшинос А. Холиқов «Тамаддуни ҳуқуқии ориёӣ ва худшиносии миллии тоҷикон» аст. Муҳаққиқ дар асоси пажуҳиши дақиқ бо такя ба асноди боэътимоди таърихӣ маҳдудаи ватани маънавӣ ва ҳуқуқии тоҷиконро таъйин карда, дар ин равиш масъалаҳои ҷаҳонхоҳӣ ва шаклдигаркунии он дар масири таърих, инкори ифтихори нажодӣ дар худшиносии миллӣ, адл ва объективият дар «интихоби табиӣ» ва ҷамъият, баҳрабардории арзишҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ чун унсури муҳимми худшиносии миллиро бо камоли диққат баррасӣ ва арзёбӣ мекунад, ки дар вақташ ва имрӯз низ барои муҳити иттилоотӣ ҳарфи тозаи судманд оид ба худшиносии миллӣ мебошад.

Аксари мақолаҳое, ки дар фосилаҳои гуногуни замонӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд, масъалаи ҳастии таърихӣ ва фарҳангии тоҷиконро ба миён гузошта, муаллифони мақолаҳо тавонистаанд дар қолаби жанри таҳлилӣ ҳақиқатро дар бораи гузаштаю имрӯзаи тоҷикон нависанд ва ба хонанда дар шинохти он ёрӣ расонанд. Ҳамчунин, дар матни воқеиятҳои адабию фарҳангӣ самти фаъолияти баъзе шахсиятҳоро муайян намоянд. Мақолаи Муродӣ «Таърихи як тақриз» (11-уми марти соли 1998) ҳамин гуна хусусият дорад.

Дар мақола муаллиф аз фаъолияти рӯзноманигории Набӣ Фахрӣ дар матбуоти солҳои сиюм ёд карда, сипас, тақризи ба китоби «Сабзаи навхез» навиштаи ӯро, ки бо ҳамин ном дар рӯзномаи «Овози тоҷик» (5-уми майи соли 1930) ба чоп расидааст, таҳлил ва арзёбӣ менамояд ва онро заминагузори накди илмии тоҷикӣ дар он солҳо ба қалам медиҳад. Ҳамчунин, муаллиф дар мақола дар бораи посухи Абдусалом Деҳотӣ ва ҷавоби Набӣ Фахрӣ ба он сухан карда, ин таҷрибаро дар он замон аҳаммиятнок ба қалам медиҳад. Мақола бо фарогирии санадҳои мушаххас (тақризи Набӣ Фахрӣ) ва таҳлилу арзёбии бодалел, ки такя ба воқеияти адабии он солҳо дорад, сохтори мундариҷавӣ ва жанрии мақоларо такмил бахшидааст.

Нашри мақолаҳо дар рӯзнома ба инъикоси ҳаматарафаи воқеиятҳо ёрӣ расонида, заминаро барои шинохти сареҳтари вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муҳайё сохтаанд. Ба воситаи ин гуна мақолаҳо рӯзнома аз дирӯз ва имрӯз барои хонанда паём расонида, ба хусусияти таъсиргузории онҳо афзудааст. Дар ин замина, метавон аз мақолаҳои Қ. Шарифзода «Дидор баъд аз 80 сол» (29-уми январи соли 1992), «Аввалин рӯзномаи миллат» (11-уми марти соли 1998), «Сароғози матбуоти миллӣ» (8-уми марти соли 2002), «Бухорои шариф»-ро зеби «гулгашти матбуоти тоҷик созем» (11-уми марти соли 2004) ва ғайра ёд кард, ки саҳми бузурги муаллиф ва нашрияро дар тарғиби як ҷузъи фарҳанги тоҷик – матбуоти миллӣ нишон медиҳад.

Ҳамчунон ки муҳаққиқони соҳа таъйид кардаанд, барои сохтори мундариҷавӣ ва жанрии ин гуна мақолаҳо «бахусус он сифатҳое зарур аст, ки боястӣ ҳама гуна мақолаи рӯзномавӣ дошта бошад, аз ҷумла: принсипнокии ҳизбӣ, эътимоднокӣ, таъсиргузории публитсистӣ, равшании услуб, ҳиссиётпарварӣ. Агар инҳо набошанд, мақола хушку дилбазан шуда, ҳатто, агар дар он масъалаи муҳимме гузошта шуда бошад ҳам, дар саҳифаи газета гум мешавад. Хонанда, ҳатто, ба чунин мақола нигоҳ намекунад ва ба масъалае, ки дар он гузошта шудааст, таваҷҷуҳ ҳам наменамояд» [19, 55].

Мақолаҳои зикршуда, аз ҷумла, чанд мақолаи Қ. Шарифзода фазилатҳои муҳаққиқи ин соҳа Б.П. Балуев ёд кардаро доранд. Зиёда аз ин, нахуст муаллифи мақолаҳои зикршуда оид ба мавзуи мавриди баҳсаш, яъне ҷойгоҳи рӯзномаи «Бухорои шариф» дар таърихи фарҳанги тоҷикон иттилооти кофӣ дорад. Дувум ин ки, муаллиф дар вақти навиштани мақолаҳо эҳсоси озодӣ дорад ва ба ин далел тавонистааст, ки бо итминон ва бидуни ташвиши хотир масъаларо мавриди баҳс ва баррасӣ қарор диҳад. Савум, аз матлабҳои дар мақолаҳо дарҷшуда маълум мешавад, ки муаллиф ба он чӣ навиштааст эътимод дошта, «матлабро бо садоқат ва самимият мавриди баҳс» қарор додааст, «то сухани аз дил баромадаи ӯ лоҷарам бар дил нишинад» [13, 179]. Чаҳорум, муаллиф дар тамоми мақолаҳои эҷодкардааш «атфи каломро ҳифз» карда, «пой аз доираи усул ва мавозини ахлоқӣ берун» наниҳодааст ва «аз ба кор бурдани

калимаҳои ракик ва ношоиста ва дур аз адаб парҳез» [13, 178] кардааст. Бартарии дигари мақолаҳои Қ. Шарифзода дар он аст, ки вай ҳангоми эҷод аз чаҳор рукни сохтори жанрии мақола, яъне мавзуъ, муқаддима, матни мақола ва натиҷагирӣ ба тарзи ҳирфаӣ истифода кардааст.

Бартарии дигари ин мақолаҳо дар он аст, ки ҷанбаи амиқи ҳиссӣ дошта, ҳамин унсур ҷанбаи публитсистии онро тақвият бахшидааст. Ба ин далел, мақола ҳовии паёми тозаи муаллиф буда, дар асоси таҷзия, таҳлил ва тавҷеҳу тафсири масъалаҳои мавриди назар шакл гирифтааст ва «мавзуъро бо иқомаи далоили рушан ва қобили қабул» [13, 180] баррасӣ ва ҳал намудааст.

Аксари мақолаҳое, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидаанд, масъалагузори буда, дар онҳо мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа мавриди баррасӣ ва таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Ин мақолаҳо бо нишон додани дастоварду камбудиҳо ҷомеаро дар ҳалли мушкилот ва пеш гирифтани роҳи тараққиву такомул раҳнамоӣ кардаанд, ки низ аз хусусияти таблиғотию публитсистии ин гуна осор мебошад.

Жанри дигаре, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» ҷойгоҳи хос дорад, нигориш буда, ба ифодаи М. Муродов, вай «жанри публитсистиест, ки паҳлуҳои гуногуни воқеияти муайянро дар шакли панорамаи ҳаёти иҷтимоӣ таҷассум намуда, аз муаллиф тақозо менамояд, ки моҳияти воқеаро ошкор ва пасманзари онро равшан гардонад ва ба ин васила, дар фаҳмиши ҳақиқати ҳол ба аудитория ёрӣ расонад» [85, 162].

Таҳлили нигоришҳое, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд, нишон дод, ки дар онҳо, асосан, масъалаҳои сиёсии дохилию хориҷӣ, иқтисодӣ, рӯйдодҳои муҳимми иҷтимоӣ ва ҷараёни таҳаввули онҳо, мушкилоти зиндагӣ, муносибатҳои миёни инсонҳо ва ғайра инъикос ёфтаанд. Аз ин таҷрибаи нигоришнависӣ муҳаққиқони соҳа «ягонагии аёнии инъикоси рӯйдодҳои итимоӣ ва андешаи шореҳро, ки ба умқи моҳияти ҷараёни ҳодисаҳо ворид шудааст» [120, 180], аломати муайянкунандаи сохтори мунадариҷавӣ ва жанрии нигориш донистаанд. Миқёс ва ҷуғрофиёи фарогирии рӯйдодҳо ва тарзи инъикоси онҳо низ аз унсури сохтори жанрии нигориш буда, ба қавли А.

Саъдулло ва П. Гулмурод «Мавзуи баҳси нигориш маҷмуи фактҳои иҷтимоии замони ҳозир мебошад, вале ҳадафи он на инкишофи идея ва тарзи таборузи характер, балки нишон додани пасманзари муҳташами ҳаёти ҷамъият мебошад. Муаллифи нигориш воқеаву ҳодиса ва фактҳоро чунон дар риштаи сужет мекашад, ки агар ҳар яки онҳоро ҷудо-ҷудо таҳлил намоем, аз онҳо репортаже ё очерке сохтан мумкин аст» [112, 27-28].

Таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум», пеш аз ҳама, баёнгари тарзи корбурд ва нақши ин жанр дар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои мухталиф мебошад. Нигоришҳое, ки дар давраҳои мухталиф дар рӯзнома чоп шудаанд, аломатҳо ва унсурҳои муҳимми сохтори мундариҷавӣ ва жанрии нигоришро фаро гирифтаанд. Нигорандагон ба ҷустуҷӯ, дарёфт ва шарҳу тавзеҳи ҳаводиси муҳимми рӯз, ҳафта, моҳ ва сол пардохта, саъй кардаанд, ки ҳақиқатро ба хонанда рӯшод намоянд ва ӯро бовар кунонанд. Нигоришҳое, ки мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, «аз рӯйи таъиноти» жанр, пеш аз ҳама, «ба хонанда панорамаи васеи воқеотро муҷассам гардонда, маҷмуи фактҳо, ҷараёни анъаноти гузаштаро ташреҳ» [16, 29] додаанд, ки ҷараёни марҳалаи таҳлилшаванда ба василаи ин жанр «аз рӯйи предмети омӯзиш, рангорангию гуногунавзоии ситуатсияҳо, воқеаҳо, шахсиятҳо, рӯйдодҳо» [112, 29] шакл гирифтааст.

Дар ин равиш, нигоришҳои «Нахустин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон» (11-уми марти соли 1998), «Бартарафкунандагони оқибати фалокати Чернобил ба ғамхорӣ ниёз доранд» (20-уми майи соли 2006), «Фиристода бояд, ки доно бувад» (6-уми июни соли 2006), «Омезиши дин ва сиёсат – омили тавсеаи ифротгароии динӣ» (31-уми январи соли 2017), «Дарҳои Донишкадаи нақлиёт ба рӯйи касбомӯзони аз ҳар ҷиҳат озода ҳамеша кушодаанд» (7-уми июни соли 2006), «Худхоҳи бешафоат» (1-уми марти соли 2022), «Муаллим» (15-уми марти 2005), «Дар хусуси вазъияти Бадахшон» (11-уми январи соли 2022), «Ҳидоят ба фардои дурахшон» (6-уми январи соли 2022) ва монанди инҳо бо фарогирӣ ва усули инъикоси воқеиятҳои Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ҷолиб ҳастанд. Нигоришҳои зикршуда хусусияти муҳимми жанр

– бедор кардани завқи хонанда оид ба рӯйдод, мусоидат ба ташаккули дидгоҳҳои пешқадами ба ҳамкориҳои иҷтимоии мардум мусоидаткунанда, дарёфти моҳияти ҳаводиси тафсиршаванда, ошкор намудани моҳияти рӯйдодҳо ва маънидоди дурнамои онҳо ва ёрӣ ба ҳалли амалии мушкилоти ҷомеаро таҷассум кардаанд. Дар маҷмуъ, нигоришҳое, ки дар ин давра, дар нашрияи парлумонӣ ба чоп расидаанд, мазмун ва мундариҷаи умумӣ ва мавзуӣ дошта, бо дақиқии санадҳо, қиёсу муқобилаи ҷолиб ва натиҷагириҳои асоснок муҳимтарин хусусиятҳои жанри нигоришро корбаст кардаанд, ки хонандаро ба дарки раванди асосии воқеиятҳои кишвар омода ва раҳнамоӣ мекунанд.

Яке аз нигоришҳое, ки мухтассоти сохтори мундариҷавӣ ва шаклии жанрро дар худ ҳифз кардааст, ба қалами президенти собиқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Улмас Мирсаидов таллуқ дошта, «Нахустин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон» унвон дорад. Муаллиф дар оғози нигориш нақши Айниро дар ҳаёти илмиву фарҳангии ҷумҳурӣ таъкид карда, бо ин андеша ҳам мавзуъ ва ҳам мавқеи Айниро дар таъсиси Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ва пешрафти илми адабиётшиносӣ ба таври мушаххас арзёбӣ менамояд. Ҷолиби диққат аст, ки муаллиф дар нигориш масъалаҳои гуногуни алоқаманд ба сарнавишти Айниро ба муҳокима кашида, равиши асосӣ ва соҳавии фаъолияти ӯро шарҳу баст намудааст, ки мувофиқи талаботи жанри нигориш мебошад.

Пас аз таҳлили равишҳои аосии фаъолияти илмии Айнӣ, У. Мирсаидов дар бораи хидматҳои устод Айнӣ дар Академияи илмҳо, «тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм» муҳокима ронда, сипас, хулоса мекунад, ки «Дар ин солҳо бисёр ҷавонони соҳибистеъдод ба аспирантураҳои Академияи илмҳои СССР – ба Москва, Ленинград ва шаҳрҳои дигар фиристода шуданд, дар фаъолияти аспирантураи Академия дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад, беҳтарин тамомкунандагони мактабҳои олӣ ба соҳаи илм ҷалб карда мешуданд ва барои зиндагӣ ва таҳсили онҳо шароити муътадил ба амал оварда шуд» (11-уми марти соли 1998). Дар нигориш ҷонибдории муаллиф аз шахсияти дар

муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ таъсиргузор, яъне Садриддин Айнӣ ба таъиноти ҳирфаӣ ва таърихии жанр мувофиқат менамояд.

Дар нигориши «Омезиши дин ва сиёсат – омили тавсеаи ифротгароии динӣ» (31-уми январи соли 2001), ки ба қалами Н. Нурзода тааллуқ дорад, масъалаи «ҷудоии дин ва сиёсат дар паҳнои мифологияи миллӣ» «дар паҳнои мифологияи миллӣ ва устураи Ҷамшед» матраҳ гардидааст. Муаллиф дар заминаи шарҳу тавзеҳоти санадҳо ва воқеиятҳои таърихиву имрӯзӣ ба хулоса меояд, ки «Дин ва сиёсат ду мафҳуми ба ҳам зид буда, яке (дин) ба зиндагии онҷаҳонӣ ва дигаре (сиёсат) ба зандагии инҷаҳонӣ иртибот мегиранд». Дар заминаи шарҳу тафсирҳои таърихиву мифологӣ, муаллифи нигориш пойбанди андешаи ҷудоии комили дин аз сиёсат буда, ин роҳро барои пешрафти ҷомеа мусоид ва таъсиргузор ба қалам медиҳад.

Агар Неккадами Ҷаъфарзод дар нигориши худ «Худхоҳи бешафоат» (1-уми марти соли 2022) аъмоли зидду нақизи нафареро, ки дар хориҷ аз ҷумҳурӣ зиста, зидди осудагӣ ва амнияти кишвар таблиғот мебарад, шарҳу баст карда бошад, Ато Мирхоҷа дар нигориши «Дар хусуси вазъияти Бадахшон» (11-уми январи соли 2022) доираи баҳсро дар атрофи нооромиҳи Бадахшон тавсиа дода, омилҳои аслии вайронгарро ба хонанда муаррифӣ карда, барои собит намудани роҳи пешгирифтааш санадҳои тахрибкорро зикр ва таҳлилу баррасӣ намудааст. Муаллиф вазъияти Бадахшонро ҳамчун як нафар фарзанди ин диёр ва намояндаи аҳли адаб таҳлил карда, ҳақиқатро пеши чашмони хонанда рӯнамоӣ менамояд. Бурди муаллиф дар он аст, ки санадҳои овардааш дар таъйиди мавқеияти ӯ дар шинохти омилҳои вайронгар мебошад. Яке аз ҳамин гуна санадҳо зикри беэҳтиромӣ ба шоир Ширин Бунёд баъд аз маргаш аст. Ӯ навиштааст: «Аз шоирони номвар, ба сабаби куҳансолӣ, дар Хоруғ танҳо устод Ширин Бунёд монд, ки шамъи рақиқи маърифату адабро аз пуфбоди ҳодиса нигаҳбонӣ мекард. Аммо ҳамин як шоирро ҳам дар он муҳит рӯйи хуш надоданд. Ҳатто, пас аз маргаш ҳам тангназарони бемаърифат, назар ба қавли як дӯстам, портрети филизии дар сари роҳи деҳааш гузоштаро бо сангандозӣ

сӯрох-сӯрох кардаанду баннери акси дар маркази ноҳия гузоштаи ӯро ҳамин сол оташ заданд!» (11-уми январи соли 2022).

Ин нигориш марҳалаи аз нигоҳи вақт ва моҳияти ҳодиса басо бузургро пеши назари хонандаи огоҳ зинда месозад, ки ба сарнавишти инсонҳои бегуноҳ рабт мегирад. Ба ин далел, муаллиф дар эҷоди ин гуна нигориш озодона амал карда, хостаҳои худро рӯйи коғаз овардааст, ки моҳиятан созанда ва ояндабинона мебошанд ва хусусияти жанрии нигориши зикршударо таҳким бахшидаанд. Ато Мирхоҷа тавонистааст, ки зоҳир ва ботини воқеиятро тафсир карда, моҳияти онро падид оварад ва «аудиторияро барои дарёфти ғояи зарурӣ» [120, 181] раҳнамоӣ кунад.

Ба ин тартиб, рӯзномаи «Садои мардум» дар интишори жанрҳои таҳлилӣ, аз ҷумла, мухбирнома, табсира, мақола ва нигориш роҳу равиши хос ва усулии худро дошта, хусусияти ҳирфаии ин жанрҳоро, пеш аз ҳама, дараҷаи касбияти муаллифон, тарзи фарогирии мавзуъ, масъалаҳо ва сабки нигориш, ки муассириву фасоҳат аз мухтассоти он аст, муайян ва мушаххас менамояд.

### 3.3. Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк

Ҳама гуна осори публитсистӣ, аз кадом тарафе, ки ба он нигаред, хонандаро мутаваҷҷеҳи шахсияти инсон мекунад. Ба қавли Е.Е. Прохоров «агар публитсист одамонро, эҷодкорон ва иштирокчдорони вазъиятҳои муайяни таърихӣ, манфиат ва ҳолати онҳо, оҳанги даркшуда ва нофаҳмои амалу кирдори онҳо, вазъи айнӣ ва зеҳнии онҳо ва ғайраро нафаҳмад, агар публитсист ин ҳамаро истисно кунад, вай моҳияти вазъиятро дарк намекунад. Ба «тасвири воқеии» гузашта ва имрӯза машғул шуда, чунон ки К. Маркс ва Ф. Энгелс навиштаанд, аз «омӯзиши ҷараёни воқеии зиндагӣ ва фаъолияти фардиятҳои давраҳои алоҳида» сар кардан лозим аст. Агар хислатҳои шахсиятҳои гуногун, ки дар вазъиятҳои мухталиф амал мекунанд, «намоиш дода» нашаванд, хонанда дар бораи дахолати шахсият ба вазъият, дар бораи лаҳзаҳои тасвиршуда хабар

намеёбад ва дониши комил пайдо намекунад. Дар натиҷа, публитсистика ба ҳадафи худ намерасад» [107, 210].

Дар ҳақиқат, муаррифии корномаи шахс ба воситаи осори публитсистию бадеӣ яке аз василаҳои шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва амалу кирдори инсонҳои касбу кори гуногун мебошад, ки бо тасвири образнок дар жанрҳои гуногун инъикос мешавад. Аз ҷумла, жанрҳое, ки дар муаррифии шахсият нақши хос дошта, муттасил дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидаанд, лавҳа ва очерк мебошанд.

Лавҳаро М. Муродӣ нигоштае медонад, ки «дар асоси лаҳзаи ягона, гуворо ва муассиру ибратбахш эҷод гардидааст». Дар ин замина, ӯ меафзояд, ки «Асоси жанри лавҳаро воқеае ташкил медиҳад, ки дар он нақши инсон эҳсос мешавад. Яъне, дар рух додани онҳо инсон саҳм дорад. Чунин воқеа бе факт буда наметавонад. Аммо вазифаи лавҳанавис аз ин воқеа ё факт дарак додан нест, балки ба таври таъсирбахш, гуворо ва ҷаззоб дар хусуси он нақл кардан, раванди бавуҷудоии онро зебову дилкаш тасвир намудан аст. Аз ин ҷиҳат, лавҳа ба очерк наздикӣ пайдо мекунад. Ин аст, ки баъзе муҳаққиқон «лавҳаро додари очерк» номидаанд. Аммо фарқи асосӣ миёни ин жанрҳо он аст, ки дар очерк агар воқеаҳои бештар, лаҳзаҳои зиёди ҳаёти қаҳрамон тасвир шавад, пас, дар лавҳа тасвири як ё ду лаҳзаи гуворо аз ҳаёти шахси муайян кофӣ аст. Ҳамчунин, имконияти тасвир, образнокӣ ва фардофарӣ дар муқоиса бо лавҳа дар очерк бештар аст. Ва боз, лавҳа аз ҷиҳати ҳаҷм аз очерк хурдтар аст. Аз ин ҷиҳат лавҳа барои нашрияҳои маҳаллӣ (хурд) жанри мувофиқ аст. Зеро имконияти дар ҷойи кам гунҷондани сухани самимиро дорад» [85, 181-182]. Илова ба ин, бояд гуфт, ки лавҳа ва очерк фарогири хусусият ва аломатҳои жанрҳои иттилоотӣ ва публитсистиву бадеӣ буда [40, 227], дар ин замина, ҳамчун муаррификунандаи корнома ё худ чеҳраи зоҳириву ботинии шахс дар фазои иттилоотӣ нақши таъсиргузори таблиғотӣ доранд, ки баъзе паҳлуҳои онро дар асоси лавҳа ва очеркҳои дар рӯзномаи «Садои мардум» чопшуда аз назар гузаронидан бамаврид аст.

Лавҳаҳо ва очеркҳое, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидаанд, аз назари хусусияти жанрӣ қобили мулоҳиза буда, яке аз паҳлуҳои он тасвир ва муаррифии корномаи шахс дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина, лавҳаҳо ва очеркҳое, ки дар онҳо корномаи шахсиятҳои алоҳида тасвир шудааст, имтиёз дошта, ин гуна асарҳо фаъолияти амалӣ ва чеҳраи ботиниву зоҳирии шахсияти мавриди тасвирро ба хонанда муаррифӣ менамоянд. Дар ин равиш, муаллифони лавҳаҳои портретӣ (мусавваравӣ) бештар корномаи шахсиятҳоеро тасвир кардаанд, ки ба қавли В.В. Ворошилов чеҳранамои «одамони аҷиб» [40, 227] ҳастанд. Барои таъйиди ин андеша, нахуст, вижагии жанрии чанд лавҳаеро, ки дар марҳалаҳои гуногун дар саҳифаҳои рӯзномаи парлумонӣ ба чоп расидаву дар онҳо корнома ва чеҳраи инсонии шахсиятҳои гуногун инъикосу тасвир гардидааст, ба тарзи фишурда таҳлил ва арзёбӣ метавон кард.

Яке аз ҳамин гуна лавҳаҳои ҷолиб ва таъсирбахш, ки воқеан ҳам, ба қавли В.В. Ворошилов, қаҳрамонаш на фақат «одами аҷиб», балки чеҳраи мондагори ҳунари тасвиргарист, лавҳаи нависандаи фақид Сайф Раҳимзоди Афардӣ «Фарёди рангҳо» (4-уми феврали соли 1995) мебошад. Нависанда дар ин лавҳа, воқеан ҳам, корномаи ҳунарии рассом Сабзаалӣ Муродзода Шарифро бо дақиқназарӣ, тасвиркорӣ ва ҳиссангезии табиӣ ва таъсиргузор тасвир кардааст, ки оҳанги публитсистии он аз ҳар сатр падидор аст. Муаллиф, нахуст, бо суоли «Ҳадаф аз ин навишта чист?» ба хонанда муроҷиат карда, сипас, чунин посух медиҳад: «Мехоҳам дунёи устод Сабзаалиро бишносам ё бишносонамаш бар мардумон, ё мехоҳам бигӯям, ки дардҳои ӯ дардҳои ман ҳам ҳастанд...».

Хонандаи огоҳ дар идомаи матн аз дардҳо, корҳои анҷомдодаи рассоми ҳунарманд ва фидокор ба хубӣ огоҳ мешавад. Нақли муаллиф тасвириву ҳисангез буда, чеҳраи шахсиятеро пеши чашми хонанда шакл медиҳад, ки ба воситаи тасвирҳояш хостааст дунёи берангу фониро рангу бори тоза ва ҳаёт бахшад. Ҳаёте, ки ҳеҷ неруе онро забт кардаву аз байн бурда наметавонад. Дар фаҳмиш ва тасвиркориҳои муаллифи лавҳа тасвири «Рӯдакӣ», «Фирдавсӣ» ва даҳҳо чеҳраҳои мондагори миллӣ рамзи ҷовидонагии ҳунар мебошанд, ки ба

соҳиби расмҳо низ бармегардад. Лавҳа корномаи рассомро ба воситаи тасвири бамуддаои рамзомез зинда кардааст, ки худ як тасвирномаи зебое аз зиндагӣ ва сарнавишти инсони ҳунарманд аст. Дар лавҳа номи осори рассом пурра зикр нашудааст, вале ҳар сархат бо андешае, ки аз расми мушаххас берун омадааст, шакли мушаххаси тасвирро дар зеҳни хонандаи огоҳ ва маърифатҷӯ зинда месозад.

Лавҳаи Абдулҳамид Самад «Бо дилу дасти пок» (18-марти соли 1995) низ рамзиву тасвирӣ буда, дар зеҳни хонанда чеҳраи инсонҳоеро зинда мекунад, ки бо амалу кирдор ва идроки ҷаҳонсозӣ ба муҳит ва ҳаёти ҷомеа таъсиргузор мебошанд. Суханони зерини нависанда нахуст муаррификунандаи шахсияти огоҳи худи ӯянд, баъдан, роҳро барои шинохти ҳақиқати зиндагии инсони огоҳу фидокор бозу равшан менамоянд:

«Дигарҳоро намедонам, ман ҳар субҳ, вақте ки шаб домони сияҳфомашро ҷамъ мекунад ва хуршед ба парчами арғувонӣ аз омад-омадаш башорат медиҳад, бо умед ба берун чашм медавонам...».

Ин лавҳа, ба қавли М. Муродов «асари публитсистиву бадеӣ буда», воқеияти тасвир баёнгари он аст, ки муаллиф бо тасвири амиқи ҳолшиносона ва ботинӣ корномаи шахсиятеро тасвир кардааст, ки дар дигар кардани муҳит, табиат ва равиши мусбати хостаҳои инсон саҳм дорад. Дар паси ҳар сатри лавҳа чеҳраи созандаи муаллиф низ ҳаракат дорад: бо нияту амали нек ва ҳирси мусбати ояндасозӣ. Дар ин лавҳа исми шахсияте зикр нашудааст. Вале ҳадафи ғоявии нависанда марбут ба инсон ва имрӯзу ояндаи он мебошад. Ин лавҳа, ба андешаи В.В. Ворошилов «аз нигоҳи аввал дар бораи ҳодисаи на чандон муҳим ёдоварӣ мекунад, вале онро возеҳ, ошкор ва зинда ба тасвир мегирад» [40, 227], ки ҷанбаи амиқи маънавӣ ва публитсистӣ дорад.

Абдулҳамид Самад фаъолияти эҷодиашро бо лавҳанависӣ оғоз карда, баъдан, ин гуна навиштаҳояшро дар шакли ҳикоя таҳрир ва такмил намуда, ба чоп расондааст, ки ҳикояи «Ду гусел» намунаи он мебошад [22, 16]. Дар лавҳаи зикршуда шахсияти асосӣ Зикамоҳ буда, фақат лаҳзае аз сарнавишти ӯ ба тасвир омадааст, ки хоси ин жанр мебошад. Нависанда дар ҳикоя низ номи

Зикамоҳро нигоҳ дошта, фақат бо назардошти хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ ва шаклии жанри лавҳа воқеиятҳои ба сари шахсияти ҳикоя омадаро муфассалтар ба қалам додааст. Ҳам дар лавҳа ва ҳам дар ҳикоя ҳадафи аслии нависанда инъикос ва муаррифии нақш ва ҷойгоҳи шахсият дар ҷомеаи инсонӣ мебошад, ки дар симои Зикамоҳ хеле муассир ба тасвир омадааст.

Яке аз хусусиятҳои асосии сохтори жанрии лавҳаҳои дар рӯзномаи «Садои мардум» бачопрасидаро «дарёфти мавзуъ (воқеа)» [85, 182] мушаххас месозад. Дар ин равиш, лавҳаҳои М. Рустамзода «Марзбони марзи ҳарфу сухан» (26-уми майи соли 2022), П. Шаҳзода «Зане дар диёри нур» (7-уми марти соли 2023), А. Давронов ва А. Азимов «Марде, ки дар сиришташ некист» (15-уми феврали соли 1999), Х. Расулӣ «Духтар чӣ гуна? Модар намуна» (1-уми июли соли 1995), Ш. Раҷабзода «Занги ёдҳо» (14-уми январи соли 2021), С. Наҷмиддинзода «Ободӣ самараи якдилӣ» (17-уми апрели соли 2021) ва ғайра аз ҷиҳати дарёфти мавзуъ ва тарзи нигориш ҷолиби диққат мебошанд.

Масалан, М. Рустамзода дар лавҳаи «Марзбони марзи ҳарфу сухан» мавзуи тозаро ба миён кашида, порае аз сарнавишти мусаҳҳеҳи рӯзномаи «Садои мардум» Марзия Алиеваро, ба ифодаи М. Муродов «таъсирбахш, ҷолиб, гуворо, ибратомӯз ва инсонпарварона» [85, 182] ба қалам додааст, ки хонандаро ба андеша вогузор мекунад.

Дар лавҳаи зикршуда на фақат мавзуъ тоза аст, балки усули тасвири порае аз фаъолияти шахсияти асар низ образнок ва таъсиргузор мебошад. Муаллиф воқеияти сарнавишти шахсияти лавҳаро тарзе тасвир намудааст, ки хонандаро на фақат мутаваҷҷеҳи амалу кирдори қаҳрамон месозад, балки дар дили ӯ «амалҳои неки одамият, меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ»-ро мепарварад ва ҳамеша ба амали хайр раҳнамоӣ менамояд. Яке аз омилҳои дастёбии муаллиф ба ин муваффақият, пеш аз ҳама, донистани мавзуъ ва амалу кирдори шахсияти асар мебошад, ки бо муаллиф ҳамкор низ буда, аз ибтидои таъсиси рӯзномаи «Садои мардум» дар нашрия ба сифати мусаҳҳеҳ кору фаъолият намудааст.

Дар ин замина, метавон аз лавҳаҳои Б. Абдулвоҳидов «Саховати марди ҳалолкор» (21-уми октябри соли 1992) , «Қарзи фарзандӣ» (24-уми феврали

соли 1995), «Хилъати сафедашон бедоғ аст» (4-уми декабри соли 1996) ва «Мусофири роҳи ҳақиқат» (26-уми июли соли 1997) ёд кард, ки ба талаботҳои мундариҷавию жанрии лавҳаи публитсистию бадеӣ комилан ҷавобгӯ мебошанд. Аз ҷумла, лавҳаи «Саховати марди ҳалолкор» намунаи лавҳаи портретӣ буда, муаллиф тавонистааст ба василаи тасвири «ҳамагӣ чанд лаҳзаи ҳаёти акои Мирзомад» – шахсияти асосии лавҳа, чеҳраи инсонӣ ва касбии қаҳрамонашро бо камоли маҳорат биофаринад. Хусусияти асосии жанрии лавҳаи портретиро тасвири бамуддаои хислатҳои неки инсонии қаҳрамони асар Мирзомад Баротов ташкил дода, муаллиф тавонистааст, ки илова ба тасвири «ҷиҳатҳои зоҳирӣ, унсурҳои тарҷумаиҳолӣ»-и сарнавишти шахсияти лавҳа, «бештар ба симои ботинии шахс эътибор» [85, 184] диҳад, ки дар як вақт баёнгари «ифтихороти» шахсияти аслии лавҳа низ мебошад.

Лавҳаи «Хилъати сафедашон бе доғ нест» низ ҳамин гуна хусусият дошта, ботину зоҳир ва чеҳраи инсонии бунёдгарон ва давомдиҳандагони суннатҳои неки таълиму тарбияи Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кофарниҳон – Ваҳдати имрӯзаро бо камоли дақиқкорӣ ва ҳолшиносӣ ба хонанда тасвир намудааст, ки бо фарогирии асноди лозима ва тасвири мушкилоти соҳаи таълими тиббӣ намунаи хуби лавҳаи проблемавӣ мебошад. Дар лавҳа муаллиф дар баробари баёни мушкилоти соҳа, таҷрибаи судманди дар тули солҳо шаклгирифта ва роҳҳои ба имкониятҳои волотаре дастёбиро низ баррасӣ ва нишон додааст, ки ҷанбаи масъалагузории лавҳаро тақвият бахшидааст.

Аксари лавҳаҳое, ки дар тули солҳо рӯзнома чоп кардааст, хусусияти публитсистию бадеӣ дошта, дар онҳо «лаҳзаҳои гуворои фаъолияти шахс, порчаи ҳаёт, хотираҳои инсон дар шакли ниҳоят фишурда» [85, 184] ба тасвир омадааст ва муаллиф, ба ин васила, сохтори мундариҷавӣ ва жанрии асарро такомул бахшидааст. Лавҳаи Х. Расулӣ «Духтар чӣ гуна? Модар намуна» аз ҷумлаи ҳамин гуна таълифот буда, бо дарёфти мавзуъ, тарзи ҳалли он, ки хусусияти тасвирӣ дорад ва фарогирии муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагӣ ва амалу кирдори ибратангези модару фарзанд ва таҳлили қиёсии фазилатҳои онҳо ҷолиб ва таъсиргузор мебошад. Аз ин назар, лавҳаи зикршуда низ портретӣ

буда, чеҳраи ибратангези модар ва духтарро бо фарогирии воқеияти рӯзгори онҳо ба хонанда манзур намудааст, ки фидокорӣ, мардумписандӣ, накукорӣ ва ояндабиниву ҳақшиносӣ аз шохисаҳои умдаи он мебошад.

Дар рӯзномаи «Садои мардум» лавҳаҳои зиёде низ ба чоп расидаанд, ки масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа ва нақши шахсиятҳои ҷудогонаро ҳунармандона баррасӣ ва арзёбӣ намудаанд. Дар ин замина, метавон аз лавҳаҳои «Монанди моҳи нав пайдо шавӣ-чӣ?» (5-уми марти соли 2022), «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар» (26-уми апрели соли 2022), «Ба корнамоии родмардони Ватан арҷ гузорем» (14-уми майи соли 2022), «Занги ёдҳо» (14-уми январи соли 2021) ва ғайра ёдовар шуд, ки бо мазмуну мундариҷа ва тарзи тасвир ҷавобгӯйи талаботи жанрии лавҳаи публитсистию бадеӣ мебошад.

Аз як мурури кӯтоҳ метавон ба ин натиҷа расид, ки жанри лавҳаи публитсистию бадеӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» дар ҳамаи марҳалаҳои инкишофи нашрия ҷойгоҳи хос дошта, муаллифон ба василаи лавҳа, ба қавли М.С. Черепахов, тавонистаанд дар бораи «санадҳои муҳимми ҷамъиятӣ, чизҳои хос ва воқеӣ» [138, 67] ба ҷомеа иттилои муҳим ва арзишманд пахш намоянд, ки баёнгари вижагии мундариҷавӣ ва шаклии ин жанр мебошад.

Яке аз жанрҳои дигаре, ки дар муаррифии корномаи шахс нақши хос дошта, дар ҳамаи давраҳои фаъолияташ нашрияи «Садои мардум» аз он ҳадафмандона истифода кардааст, очерки публитсистию бадеӣ мебошад. Дар очеркҳои рӯзнома муаллифон, пеш аз ҳама, шахсиятҳои воқеиро бо хусусиятҳои иҷтимоиву умумиятдиҳӣ (типӣ) ҳамчун неруи созандаи таърих ва субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ба тасвир кашидаанд, ки баёнгари касбияти ҳунарии онҳо мебошад. Шинохти ин масъала ба феноменологияи (хориқашиносии) тафаккури касбии муаллифони очеркҳо алоқаманд буда, ҳадафҳои касбӣ ва идеологии онро низ то ҷое муайян менамояд. Дар ин равиш, очеркҳои публитсистию бадеии Б. Муртазо «Чароғи равшани устод» (3-юми июли соли 1995), С. Асозода ва В. Назар «Соҳибдиле саршор аз фарёди ишқ»

(10-уми майи соли 2022), Д. Мирзо «Писари раис» (5-уми июли соли 2022), Д. Абдулло «Маҷрои сабз» (25-уми январи соли 2023), Х. Шарифов «Сотим Улуғзода ва «Боғи ятим» (8, 12 ва 15-уми июни соли 1995). Ғ. Рустам «Навои рӯзгор» (29-уми июни соли 1996), Т. Неккадам «Чун ҳунар доим ҷавонӣ» (16-уми октябри соли 2002), Ҳ. Назруллоев «Шукрона ё худ достоне хурд аз рӯзгори як раҳнаварди роҳи маърифат» (4-уми марти соли 2008), Б. Абдулвоҳидов «Истеъфои раис» (1-уми ноябри соли 1991), «Фатҳи коинот шарт аст» (5-уми ноябри соли 1991), «Баҳори умр» (23-юми октябри соли 1992) ва монанди инҳо диққатангез буда, дар онҳо воқеан, шахсият ва корномаи инсон бо хусусиятҳои иҷтимоиву таъмими (типи)-и худ чун неруи фаъол ва созандаи таърих ва субъекти таҳаввулбахши муносибатҳои ҷамъиятӣ ба тасвир омадаву бевосита баёнгари ҳунари нигорандагии муаллифон маҳсуб мешаванд.

Дар очеркҳои зикршуда, ки публитсистию бадеианд, хонанда аз кадом паҳлуе наздик шавад, пеш аз ҳама, бо шахсият ва корномаи қаҳрамонон рӯ ба рӯ мегардад. Воқеият ин аст, ки агар публитсист дар таълифоташ дар навбати аввал мутаваҷҷеҳи корномаи инсон ва моҳияти амалу кирдори ӯ нашавад, ҳайсияти инсонии шахсиятеро, ки иштирокдори бевоситаи воқеиятҳои мавриди назари муаллиф аст, дарк накунаду дақиқ нашиносад, ӯ на танҳо моҳияти вазъият ва амалу кирдори шахсиятро дарнамеёбад, балки нақш ва ҷойгоҳи шахсияти мавриди назарашро дар матни воқеиятҳои рӯзмарра саҳеҳ инъикос карда наметавонад.

Нависандаи публитсист, пеш аз он ки гузашта ва имрӯзаро ба таври воқеӣ тасвир кунад, сарнавишт ва амалу кирдори шахсиятҳо, ҳақиқати ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти афроди гуногунро дар матни воқеиятҳои рӯзгор дақиқ меомӯзад. Агар таълифоти ӯ хислатҳо ва корномаи шахсиятҳоеро, ки дар ҳолатҳои мушаххас амал мекунанд, муҷассам насозад, хонанда моҳияти иҷтимоиву иқтисодӣ ва ахлоқии аъмолу рафтори онҳоро пурра дарк намекунад. Дар ин ҳол, ба қавли Е.П. Прохоров «тири публитсист ба нишон намерасад» [108, 211]. Чуноне ки гуфтаанд, ҳар он чӣ аён аст, ҳоҷат ба баён нест, вале он чӣ ки исбот мехоҳад ин аст, ки публитсист дар кадом сатҳи касбӣ ба ҳалли ин

масъала даст ёфта ва ба кадом паҳлуи амалу кирдор ва ҳайсияти инсонии шахсиятҳои осораш ҳамчун унсури маънавӣ ва сохтории публитсистикаи воқеагаро таваҷҷуҳ кардааст.

Ба ин тартиб, дар аксари очеркҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» дар давраҳои гуногун ба чоп расидааст, муаллифон ба таҳқиқу таҳлил ва инъикоси масъалаҳо ва корномаи шахсиятҳое пардохтаанд, ки дар пешрафти ҷомеа нақши муҳим дошта, дар ҳаллу фасли онҳо, пеш аз ҳама, саҳми инсони кордону коршинос ва ояндабин бузург аст. Ба ин далел, вобаста ба моҳият ва миқёси воқеиятҳои мавриди тасвир, ҷаҳони шахсиятҳои дар очеркҳои дар рӯзнома чопшуда мураккаб, пурмаънӣ ва таъсиргузор буда, дар алоқамандӣ ба замони вуқуъ ва нашрашон арзиши иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқиашонро то имрӯз ҳифз намудаанд.

Дар ин боб метавон афзуд, ки дар таълифоти рӯзноманигор шахсият худро ба воситаи амал ва кирдоре, ки бо хостаҳои ҷомеа ва худи ӯ мутаносибанд, ба хонанда менамояд. Вале дар паси ин тарзи тасвир ифодаи ормонҳои ҷамъӣ дар симои фарде меистад, ки мақомашро муаллифи очерк дар ҷомеа, дар ҷараёни кору фаъолият шинохтааасту мехоҳад дигарон низ аз сарнавишти ӯ хабардор бошанд. Ба ифодаи дақиқтар корномаи ин гуна афрод барои ҷомеа, аҳли он ва ҷомеадорон дарси ибрат ва таъсирпазирӣ бошад. Аксари муаллифони очеркҳои дар боло ёдшуда бо ҳамин нияти нек ва усули тасвири воқеаписандона, пеш аз ҳама, ба василаи ошкор намудани моҳияти амал ва кирдори шахсиятҳои мавриди тасвирашон ба муаррифии корномаи онҳо пардохтаанд, ки ҷанбаи амиқи маънавӣ ва ҳирфаӣ дорад.

Бахтиёр Муртазо яке аз он муаллифони сермаҳсулест, ки солҳои корманди нашрия буданаш, дар бораи шахсиятҳои касбу кори гуногун очеркҳои зиёде ба чоп расонидааст. Муаллиф дар таълифи ин очеркҳо равиши хоси муаррифии корномаи шахсро пеш гирифта, дар таҷассуми бадеиву публитсистии чеҳраҳои нақбканону барқкорон саҳм гузоштааст. Чунин очеркҳояшро муаллиф баъдтар дар ду ҷилд гирд оварда, таҳти унвони «Хӯшаҳо аз киштаҳо» ба чоп расонид, ки арзи хоси маънавию таблиғӣ доранд. Зайли намуна, дар бораи яке аз

очеркҳои ӯ, ки «Чароғи равшани устод» ном дошта, бо корномаи донишманди соҳаи тиб Бӯрӣ Музаффарович Нурхонов ошно месозад, андешаронӣ кардан мумкин аст.

Бахтиёр Муртазо дар ин очерк бо тасвири ҳунармандонаи бадеӣ, ки ҷанбаи амиқи публитсистӣ дорад, ба ошкор намудани моҳияти амал ва кирдори шахсияти асосии асар пардохтааст. Ӯ саравишти шахсияти марказии очеркашро ба тасвир гирифта, омилҳои саравиштсозро дар амалу кирдори қаҳрамон ба хонанда менамоёнад, ки далели ҳолшиносӣ ва дақиқназарии ӯ дар шинохти воқеият ва амалу кирдори инсон мебошад. Муаллиф дар очерк барои ошкор намудани ҳайсияти инсонӣ ва касбии як нафар фидоии соҳаи тандурустӣ – Бӯрӣ Музаффарович Нурхонов бештар ба инъикоси фазилатҳои иҷтимоӣ ва маънавии шахсияти ӯ талош варзида, сипас, аз таҳлилу таҳқиқи сотсиологӣ низ бо камоли ҳунар истифода намудааст, ки ин усул дар муаррифии корномаи табиб нақши таъсиргузор дорад. Дар ин тарзи нигориш, ӯ иҷтимоъшиноси моддигаро буда, ба тақозои иродати хеш ва дарёфтҳои маънавиаш, ки ба қавли худаш «сидқан ба он бовар» дорад, чеҳраи воқеии як нафар табиб ва донишманди соҳа ва муносибатҳои ҷамъиятии одамони касбу кори гуногунро тасвир карда, ба ин восита, амалу кирдори шахсиятҳои воқеиро, ки заминагузори пешрафти соҳа ҳастанд, таҷассум намудааст. Нависанда бо ин амал, нахуст, моҳияти фардияти шахс ва корномаи ӯро ба хонанда намуда, сипас, устуворӣ, бемонандӣ ва хусусиятҳои хоси онро ҳамчун омили таъсиргузор дар ташаккул ва таҳаввули фардияти чунин шахсиятҳои боҳайсият медонад, ки бахусус, дар мисоли таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум»-и солҳои навадум ибратомӯз мебошад. Яъне ин тарзи нигориши ӯ ду паҳлуи фаъолияташро шакл додааст, ки иборат аст аз идроки саҳеҳи воқеиятҳову сарнавиштҳо ва тарғибу тарвиҷи андешаҳои дилхоҳи созандаву оянданигар. Дар ин равиш, санад дар ҷараёни фаъолияти эҷодӣ таъсири мутақобила дошта, Бахтиёр Муртазо бо интишори он тавонистааст ҳам фардияти шахсиятро таҷассум намояд ва ҳам ба онҳое, ки онро мехонанд ё мешунаванд, таъсири бевосита расонад.

Нависанда бо усули хоси чеҳранигорӣ, ба қавли Е.П. Прохоров, «чеҳраи иҷтимоию гуруҳӣ»-и [108, 217] шахсиятеро офаридааст, ки бе шинохти дақиқи шахсияти ӯ «манзараи зинда»-и [108, 217] воқеияти сарнавишти инсонро наметавон тасаввур намуд. Ин мард яке аз садҳо табибони муосири мост, ки «ҳамчун инсони зинда» дар тасвири нависанда сарнавишти худро сохта ва сохта истодааст [108, 216]. Ҳамин тавр, нависанда дар очерк хулқу хӯй ва амалу кирдори шахсияти асосӣ – Бӯрӣ Музаффарович Нурхоновро танҳо «тасвирӣ» нашинохта, дар он консепсияи муайян ва воқеии шинохти шахсият ва сарнавишти таърихии онро дида, ба тасвир гирифтааст, ки воқеъбинона ва ҳолшиносона мебошад.

Вазъи мушаххаси зиндагӣ ва моҳияти амалу кирдори чеҳраи иҷтимоӣ дар таҷрибаи очеркнависии Бахтиёр Муртазо шеваи хоси шахсиятпардозиро матраҳ кардааст, ки дар заминаи ин таҷриба метавон чанд мулоҳизаро баён намуд.

Дар мисоли ин ва очерки дигари нависанда «Нанги ватандорӣ» (29-уми майи соли 1999) метавон хулоса кард, ки муаллиф барои шахсиятпардозӣ ва муаррифии корномаи инсонҳои касбу кори гуногун асосан, аз шеваҳои зер кор гирифтааст. Нахуст, ироаи сареҳи шахсият ва кору бори ӯ бо истифода аз шарҳу тавзеҳи мустақим (ин усулро нависанда дар тасвири симои табиб (очерки «Чароғи равшани устод») ва Ҷумъахони Зуҳур (очерки «Нанги ватандорӣ») ҳунармандона кор гирифтааст. Истифодаи ин усули тасвирро мо дар очеркҳои зикршуда равшан мушоҳида мекунем. Муаллиф, даставвал, бо шарҳ ва таҳлил рафтору аъмол, афкори касбии табиб ва корномаи ӯро ба хонанда муаррифӣ намуда, сипас, аз нигоҳи фардии худаш хусусиятҳо ва хислатҳои шахсияти марказии очерк ва афроди дигарро тавзеҳ дода, аъмоли ӯ ва дигаронро мавриди тасвир ва таъбир қарор медиҳад. Ҳамин тарзу равиш дар тасвири симои шахсиятҳои очерки «Нанги ватандорӣ» низ равшан ба назар мерасад.

Ироаи сареҳи чеҳраи ботинӣ ва зоҳирии шахсиятҳои ҳарду очерки ёдшуда вобаста ба хусусияти шахсии ровӣ (муаллиф) ё худ вижагиҳои ҳунарии рӯзноманигорӣ огоҳ аст, ки аз воқеияти сарнавишт ва амалу кирдори шахсиятҳои ҳарду очерк огоҳии комил дорад. Нависанда ҷузъиёт ва тафсилоти

сарнавишти шахсиятҳои ҳарду очеркро муфассал тафсир ва таъбир карда, хонандаро бо шебу фарози зиндагии табиби ҳунарманд ва донишманди соҳа Бӯрӣ Музаффарович Нурхонов ва мутахассиси нақбсоз Ҷумъахони Зуҳур ва дирӯзу имрӯзи онҳо ошно месозад ва аъмолу кирдори шахсиятҳои асарро хонанда ба василаи ташреҳ ва тафсири муаллиф мешиносад, на аз амал ва кирдори шахсиятҳо дар бархурд бо ҳаводиси сарнавишти онҳо ва масоили иҷтимоиву ахлоқии муҳити кору фаъолият.

Бахтиёр Муртазо аз тариқи амали шахсиятҳо бо андаке шарҳу тафсир ё бидуни он корномаи қаҳрамононашро муҷассам сохтааст, ки шеваи дуюми ироаи шахсият дар осори публитсистию бадеии ӯ мебошад. Дар очерки «Нанги ватандорӣ» муаллиф ба ин шева бештар такя карда, бо равиши намоишӣ аъмол ва амалу кирдори шахсияти асар Ҷумъахони Зуҳурро ба хонанда мешиносонад, ки дар бештарини ҳолатҳо амал ва идроки қаҳрамон баёнгари ҳайсияти инсонӣ ва касбии ӯст. Масалан, зикри санади аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат тақозо кардани назари Ҷумъахони Зуҳур «доир ба нақби Анзоб» ва ҷустуҷӯи рӯзноманигор оид ба ин масъала хонандаро ғайримустақим аз аъмоли инсонӣ ва касбии ин шахсият, ки аз мутахассисони варзида ва таҷрибадори соҳа буда, дар муассисаи нақбсозии Данғара собиқаи корӣ дорад, хабардор месозад. Нуктаи дигари муҳим ин аст, ки бештарини қисмҳои ҳарду очерк дар заминаи гуфтугӯи шахсиятҳои аслию ашхоси дигар шакл гирифта, муаллиф бо ҳамин усул хонандаро бо саҳнаҳои фаъолият ва амалу кирдори шахсиятҳои ҳарду очерк ошно месозад. Дар ин ҳол хонанда чун тамошобини театр сарнавишти пурвоқеаи қаҳрамонон, ҳодисаҳоеро, ки онҳо дар давоми фаъолияташон аз сар гузаронидаанд, бархӯрдашон бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, пасту баландиҳои рӯзгор ва муҳити кору фаъолият ва ғайраро гӯё бо чашми худ дида, ба ин ё он тарз сари масъалаҳое, ки муаллиф ба миён гузоштааст, меандешад ва худро бетарф намегирад. Дар саҳнаҳои муколамавие, ки бештарин қисмҳои очерки дувум аз онҳо таркиб ёфта ва мазмуни асосии очеркро ташкил медиҳанд, мушкилоти аз руи моҳият, табиат ва шакл печидатарин дар суҳбат барои хонанда равшан ва фаҳмрас мегардад.

Бахтиёр Муртазо бо ҳамин усул хонандаро ба ҷаҳони андешаҳои худ ва шахсиятҳои осораш ворид сохта, бо тағйир ва таҳаввули сарнавишти сарнавишти аслии очерк ва одамони дигар ошно месозад ва ба ин васила, мулоҳизоти худашро низ нисбат ба моҳияти воқеиятҳову сарнавишти шахсиятҳои очеркҳояш баён медорад. Ба ин тариқ, аз саҳифаҳои очеркҳои нависанда на танҳо чеҳраҳои шахсиятҳои муҳим ва таъсиргузори ҷомеа берун меоянд, балки хонанда бо сурату сирати рӯзноманигори огоҳу ҷӯё ва ба ормонҳои созандаи инсонӣ содиқ, инсони андешаманде, ки ба муҳокимарониҳои насанҷида гароиш надорад, ошно мешавад.

Чунон ки дар боло ишора кардем, муаллиф дар ҳарду очерки ёдшуда бештар аз шеваи ироаи шахсият аз тариқи корномаи шахсият бо шарҳу тафсири лозима ё бидуни он кор гирифтааст, ки намоишномаи гӯёву пӯёро аз корномаи қаҳрамони асосӣ пеши назари хонанда меоварад. Ин шева дар дасти Бахтиёр Муртазо, ки таҷрибаи фаровони рӯзноманигорӣ дорад, на танҳо василаи офаридани чеҳраи шахсият дар матни воқеияти публитсистӣ аст, балки ҳадфи пешакӣ таъиншудаи иҷтимоиву маънавӣ ҳам дорад. Барои ӯ дар аксари навиштаҳояш тасвири аъмол ва кирдори инсон ҳадафи муайян дошта, моҳияти талошҳои шахсиятро дар роҳи созандагӣ ифода мекунад. Табиист, ки мо бояд аз ҳамин мавқеъ ба очеркҳои ӯ ва дигар ҳамкасбонаш, ки дар марҳалаҳои гуногун дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд, бояд баҳо диҳем.

Дар оғози очерки «Чароғи равшани устод» Бахтиёр Муртазо муколамаи табибро бо патсиенти ноогоҳаш, ки ақлу фаросаташ тобеи урфу одати куҳна аст, меоварад. Ҳадафи аслии ин муколама «интишор додани андешаҳои илмӣ дар ҷомеа, тасаввуроти назарӣ оид ба амалкард ва инкишофи «ҷисми иҷтимоӣ», дарки қонуниятҳои айнӣ, ки дар асоси онҳо метавон гуногунрангии ҳаводиси имрӯзро шарҳ дод» [148, 75]. Дар ин замина, муаллиф тавонистааст, ки дар шуури хонандагонаш ҷаҳонбинии илмиро шакл дода, ба решаи хурофот теша занад. Фаъолияти табибӣ ва илмии шахсияти асосии очерки ёдшуда далели диди амиқи бадеӣ ва моҳиятҷӯйи публитсистии нависанда ба сарнавишт ва

корномаи як нафар табиб аст, ки тамоми умр барои ислоҳи соҳаи тандурустӣ хидмат намудааст.

Ба ин тартиб, дар заминаи таҳлили очеркҳои зикршудаи Бахтиёр Муртазо метавон хулоса кард, ки шахсияти қаҳрамони ин очеркҳо воқеиятҳоеро аз сарнавишт ва корномаи инсонҳои касбу кори гуногун ба тасвир гирифтаанд, ки ҳадафи такмили сохтори иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ва шаклдиҳии ҷаҳонбинии солими илмӣ ва созандагиро доранд. Чеҳраи иҷтимоӣ ва таъмими (типи)-и ин гуна шахсиятҳоро дар осори нависанда таҳлил ва арзёбии ҳодисаҳои муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ ва амалу кирдору корномаи фарди мушаххас муайян карда, натиҷаи он мундариҷаи таблиғотиро ташкил медиҳад. Ба ифодаи дақиқтар, шахсият ва корномаи ӯ дар матни воқеияти айнии публитсистӣ, ки муаллиф ба тасвир гирифтааст, пеш аз ҳама, вазифаи таблиғотии илмиву назариро бар дӯш дошта, ҳамчун ҳадафи виҷдонии муаллиф барои шарҳи воқеиятҳо ва аъмолу кирдори шахсиятҳо пеш омадааст ва симои соҳибашро ҳамчун публитсисти ҳолшинос ва ормонгаро ба назар менамояд. Таҷрибаи эҷодии Бахтиёр Муртазо дар заминаи муаррифии корномаи шахсият арзиши ҳунарӣ, таблиғотӣ ва ибратпазирӣ дошта, саҳми нависандаро дар масъалаи истифода аз нақши назарияи шахсият ва моҳияти корбасти он дар амалияи фаъолияти публитсистӣ ба сароҳат нишон медиҳад, ки арзиши фаровони публитсистию бадеӣ дорад.

Аксари очеркҳое, ки дар давоми солҳои сипаришуда дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидаанд, доир ба корномаи шахс «тасаввуроти ҳақиқӣ ва ҷомеъро ба вуҷуд оварда, муаллифон бознамоии ҳолатҳои муҳимми сарнавишти қаҳрамонро вазифаи асосии худ донистаанд ва ғояи асосиро ба воситаи тасвири образ воқеӣ ифода карда, ба ин васила, ҳадафи асосӣ ва муҳимми эҷодиро ба даст овардаанд» [138, 62].

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳлили қиёсии анҷомгирифта баъзе аломатҳои хоси жанрии очеркҳои дар рӯзномаи «Садои мардум» чопшударо ба таври мушаххас зикр мекунем, ки иборат аз инҳост:

а) хусусияти объекти тасвир, аз ҷумла, корномаи шахс вижагии сохтори мундариҷавӣ ва шаклии аксари очеркҳои мавриди назарро муайян менамояд;

б) ҳадафи мушаххаси мавзуӣ ва ғоявӣ имтиёзоти мундариҷавӣ ва жанрии очеркҳои дар марҳалаҳои гуногун бачопрасидаро мушаххас месозад;

в) миқёси муайяни натиҷагирӣ ва умумиятдиҳии тасвири корномаи шахсиятҳо аз мухтассоти ниҳоии жанрии очеркҳои мавриди назар мебошад;

г) очеркҳои чопшуда аз рӯйи хусусияти воситаҳои бадеию сабкӣ ва усули инъикоси воқеият низ имтиёзи хос дошта, тавсифоти образнок яке аз унсурҳои сохтори бадеиву публитсистии онҳо мебошад.

Дар ин замина, очерки Холмурод Шарифов «Улуғзода дар «Боғи ятим» (8, 12 ва 15-уми июни соли 1995) аз баъзе ҷиҳатҳо ҷолиби диққат мебошад. Нахуст, кӯшиши нависанда ба он равона шудааст, ки ба василаи истифодаи усули илмӣ ва бадеии тасвир саҳми С. Улуғзодаро дар инкишофи адабиёти тоҷик, бахусус, насри вуқуъгаро, бо санадҳои воқеӣ собит намуда, бо ёрии усули тасвири образноки ҳисомез ва ҳолнамо ҷанбаи публитсистию бадеии очеркро тақвият бахшад. Дар сарлавҳаи очерк зикр шудани ифодаи образноки «боғи ятим» зеҳнияти хонандаро таҳрик бахшида, онро, пеш аз ҳама, ба шинохти корномаи нависанда дар саҳнаи адабиёти тоҷик раҳнамоӣ мекунад.

Чуноне ки Е.П. Прохоров навиштааст, публитсист «дар таркиби шахсият ҷавҳари иҷтимоии таъмими (типи)-ро ошкор намуда, барои тавсифи зуҳури фардияти вай асоси боэътимодро ба вуҷуд меоварад» [108, 117], ки дар шаклгирии тафаккури бадеиву публитсистии ӯ нақши хос дорад. Холмурод Шарифов бо таҳқиқ ва тасвири корномаи С. Улуғзода дар таърихи адабиёти тоҷик на фақат чеҳраи иҷтимоӣ, балки ҳунарию публитсистии нависандаро ба вуҷуд овардааст, ки ифодагари хусусияти иҷтимоиву таъмимӣ ва публитсистию бадеии муаллифи осоре, аз қабили «Субҳи ҷавонии мо», «Ривояти суғдӣ», «Марги ҳофиз», драмаҳои ««Рӯдакӣ», «Темурмалик», «Алломаи Адҳам ва дигарон», романҳои таърихии «Восеъ», «Фирдавсӣ» ва монанди инҳо мебошад.

Афзалияти дигари очерки Х. Шарифов дар он аст, ки муаллиф мухтассоти иҷтимоии таъмимии шахсият, яъне С. Улуғзодаро на ҳамчун санадҳои

иттилоотӣ, балки ҳамчун амалкарди нависанда «дар қолаби иҷтимоӣ» [108, 219] ба тасвир гирифтааст. Дар ин замина, дар тарзи тасвири муаллиф муҳити иҷтимоӣ барои С. Улуғзода чун вазъи мушаххас шакл гирифтааст, ки аъмол ва кирдори ӯро дар замони мушаххас муайян кардааст. Муаллиф ба василаи тасвири вазъиятҳои мушаххас, аз ҷумла, муносибати устод Айниву Улуғзода, муҳити таълимии Донишгоҳи Осиёи Марказии Тошканд, робитаи нависанда бо шарқшиносони рус, нахустин тарҷумааш аз адабиёти рус, дарстгириҳои Айнӣ, фаъолият дар муҳити адабию илмии Самарқанд ва монанди инҳо тавонистааст шахсиятиС. Улуғзодаро ошкор карда, нақши ӯро дар таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик мушаххас намояд.

Дар очерк Х. Шарифов на танҳо тавонистааст, ки хислатҳои ҷӯяндагӣ, накукорӣ, хидматгорӣ ба миллатро, ки шахсияти нависандаро шакл додаанд, тасвир намояд, балки вазъияти адабию фарҳангиро, ки ин хислатҳо зоҳир шудаанд, низ ба таври ҷомеъ ба тасвир кашад. Нависандаи очерк аз саршумори хӯйу хислати шахсияти очерк, ки хусусияти канселярӣ дорад, фосила гирифта, шароитеро ба вуҷуд овардааст, ки хонанда доир ба корномаи воқеии нависанда «дониши боварбахш» [108, 219] ҳосил намояд. Ва ин ҳама «маълумотнома», агар тарзи бадеиву публитсистии тасвиргарӣ намебуд, наметавонист ба ақл ва қалби хонанда таъсиргузор бошад.

Омӯзиш ва тасвири аъмол ва амалу кирдори шахсият ва намудани моҳияти корномаи ӯ аз тариқи фаъолияти иҷтимоиву меҳнатӣ яке аз имтиёзотест, ки муаллифони очеркҳои мавриди назарро комёб кардааст. Дар ин гуна очеркҳо унсури образнокӣ нақши муҳим дошта, ба ифодаи М.С. Черепахов «на ба тариқи зебоишиносӣ, чунон ки дар назм воқеъ мешавад, балки дар сатҳи бевоситаи сиёсӣ амалӣ гардидааст» [138, 50], ки ифодакунандаи ҷанбаи публитсистии ин гуна осор мебошад. Дар ин замина, метавон аз очерки С. Асосзода ва В. Назар «Соҳибдиле саршор аз фарёди ишқ» ёд кард, ки ба талаботҳои дар боло зикршудаи жанр ҷавобгӯ мебошад.

Очерки «Соҳибдиле саршор аз фарёди ишқ» аз чанд қисм иборат буда, дар қисми аввал, ки «Нақшҳои мондагори Ҳошим» номида шудааст, муаллифон

мухтассоти ҳунарии ҳунарпешаро бо ҳама таҳаввулоташ дар тули солҳо ба тасвир гирифта, роҳи дар ҷодаи санъат тайнамудаи ҳунармандро як-як таҳлил ва арзёбӣ намудаанд. Ба ин васила, онҳо тавонистаанд чеҳраи ҳунарии Ҳошим Гадоевро, ки аз ҷузъиёти гуногун таркиб ёфтааст, дар шакли ҷомеъ ба хонанда муаррифӣ намоянд. Суханоне, ки муаллифон дар ин замина ба кор гирифтаанд, тобиши публитсистӣ дошта, таассуроти ҳиссиву тасвирии онҳоро аз корномаи ҳунарманд барои хонанда ошкор месозад. Дар тарзи тасвири муаллифон портрети ҳунарманд сурати деворӣ набуда, бо баёни ҳисомези номаи аъмоли ӯ зинда ва таъсиргузор ба қалам омадааст, ки хонандаро ҳам бовар мекунонад, ҳам мутаассир месозад.

Дар ин замина, бояд таъкид кард, ки дар маркази очерк, пеш аз ҳама, «шахсият»-и ҳунарманд ва ҷустуҷӯҳои ҳунарии ӯ меистад. Ба ифодаи А.А. Тертичний, «Моҳияти чунин намунаи мавodди чопӣ дар он аст, ки дар бораи қаҳрамони мавсуф тасаввуроти муайян медиҳад. Ин масъаларо рӯзноманигор ҳал карда, чун қоида, дар навбати аввал саъй кардааст, ки чизи аз ҳама асосӣ – ба чӣ арзише сазовор будан ва моҳияти ҳастии қаҳрамони худро ошкор созад. Зеро, ин лаҳзаи аз ҳама муҳимми зиндагии ҳар инсон аст» [120, 261]. Барои ба ин ҳадаф расидан муаллифон аз қисми аввали очерк сар карда, бо роҳи таҳлили фаъолияти шахсияти очерк паҳлуҳои ахлоқӣ, зеҳнӣ ва эҷодиву ҳунарии ӯро ошкор сохта, ба ин васила, тавонистаанд, корномаи ҳунарии ӯро дар тули солҳо ба хонанда муаррифӣ ва арзёбӣ намоянд. Ҳамин гуна ҷустуҷӯ ва арзёбиҳои муаллифон дар қисмҳои баъдии очерк, яъне «Нақшҳои мондагори Ҳошим», «Мазори Суҳроб», «Устураи «Эдип», «Чашми Ҳошим» ва «Аз офтоб ибрат гиред» идома ёфта, чеҳраи марди ҳунар – «инсони кору пайкор, бунёдгузор ва созанда ва инсони инсонпарвар»-ро [112, 50] ба ҷомеа муаррифӣ намудаанд. Беш аз ин, дар очерк илова ба муаррифии корномаи ҳунарии Ҳошим Гадоев, муаллифон тавонистаанд, ки бо истифода аз санадҳои воқеӣ ба «таблиғу тарвиҷи ғанои маънавии ҷомеа» саҳм гузоранд, ки яке аз вижагиҳои асосии очерки портретӣ мебошад. Вижагии дигари очеркро «ҷанбаи публитсистию тарғиботӣ ва тарбиявии» он муайян карда, ба ифодаи М. Муродов, «Пурқувват

гардидани руҳи тарғиботию тарбиявии очерк боиси хонданӣ гардидани матн ва пайравӣ намудани корнамоии қаҳрамони очерк аз ҷониби хонандагон мегардад» [85, 191].

Очерки зикршуда дар натиҷаи тааммуқи муаллифон дар боби зиндагӣ ва корномаи ҳунарии Ҳошим Гадоев ва таҳқиқу таҳлили ҳаматарафаи фаъолияти эҷодии ӯ ба вуҷуд омадааст, ки натиҷаи он тасвир ва фарогирии чеҳраи комили ҳунарии ҳунарманд дар тули фаъолияти бисёрсолаи ӯ мебошад.

Очеркҳои Диловари Мирзо «Писари раис» (5-уми июли соли 2022) ва «Далер Абдулло «Мазраи сабз» (25-уми январи соли 2023) низ аз ҷумлаи очеркҳои портретӣ буда, ҷанбаи бадеии онҳо пурқувват мебошад. Диловари Мирзо дар очерки ёдшуда кору фаъолият, ғановати ботинӣ ва хислатҳои наҷиби бунёдгузор ва таҳаввулбахши сохти колхозии замони шуравӣ Ваҷиддин Хоҷаевро мавриди тасвир қарор дода, бо далелҳо собит кардааст, ки қаҳрамонаш «намунаи олии хидматгузорӣ ба Ватан» [112, 52] мебошад. Муаллиф ба василаи тасвири бамуддаои бадеӣ тавонистааст, олами ботинии шахсияти очеркро барои хонанда намояд ва хонанда ба ин васила, аз талошҳо, худфидоиҳо ва ранҷҳои қаҳрамони очерк огоҳ шавад. Муаллиф тавонистааст, ки ба ифодаи М. Муродӣ «олами ботинии қаҳрамонр»-ро «бо роҳи тасвири ҷузъиёти мушаххас, тарзи амал, тафаккур, андеша, нутқ, муносибат ва амсоли ин намудор гардонад» [85, 195], ки яке аз хусусиятҳои жанрии очерки портретӣ мебошад. Дар ин замина, муаллиф аз таҷрибаи Ф. Муҳаммадиев, Т. Усмон, М. Наҷмиддинов ва баъзе очеркнависони дигар огоҳона истифода карда, дар ниҳояти кор чеҳраи як нафар фидоии меҳнат ва бунёдкори хоҷагии деҳқониро бо ҳама дастовардҳо ва шикасту рехташ ба либоси тасвир кашад.

Дар очерки Далер Абдулло «Мазраи сабз» чеҳраи касбии табиби номӣ Аслиддин Осимӣ бо тамоми ҷузъиёташ тасвир шудааст, ки аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ мебошад. Нахуст, муаллиф чеҳраи касбии табибро ҳамчун типи иҷтимоӣ дар ҷараёни таҳаввули мудаввом ба тасвир гирифта, дар назари хонанда корномаи шахсиятеро менамояд, ки аз «ҷузъиёти гуногун «гирдоварӣ» шуда, дар сужети таҳиявии очерк кушода мешавад [108, 234]. Дар ин ҳол,

суханоне, ки публитсист ба кор гирифтааст, вазифаи тасвири образноку ҳиссии таассуроти воқеиро аз сарнавишт ва корномаи табиб бар дӯш гирифтаанд. Имтиёзи дигари таҷрибаи муаллифи очерк аз он иборат аст, ки тасвири ӯ хулқу хӯй ва амалу кирдори шахсияти очерк Аслиддин Осимиро дар ҷараёни хидматҳои фавқулодааш барои ҳифзи сиҳатии мардум муҷассам месозад, ки ба қавли Е.П. Прохоров «барои хонанда аҳаммияти фавқулода дорад» [108, 235]. Илова ба ин, дар алоқамандӣ ба ҷустуҷӯҳои бадеиву публитсистии муаллифи очерк, образи офаридаи ӯ сарҳади муқаррарии касбияти ӯро убур карда, хислатҳои ҷомеи шахсиятҳои касбу кори гуногунро, ки ҳадафашон созандагист, ба ҳам меоварад ва сурати таъмини (типи)-и чеҳраи шахсиятро шакл медиҳад, ки барои хонанда сурати типию иҷтимоӣ ба худ мегирад. Хулқу хӯй ва амалу кирдори иҷтимоии шахсияти очеркро дар тасвири муаллиф, пеш аз ҳама, хислати иҷтимоиву таъмимии А. Осимӣ, ки ҳамчун табиб собиқаи пурбори кориву касбӣ дошта, дар роҳи наҷоти инсонҳо аз бемориҳои гурда бо усули ҷарроҳӣ ва табиӣ таҷрибаи фаровон дорад, мушаххас сохтааст. Дар мисоли ин ду очерк, ки ёд шуд, метавон хулоса кард, ки типи иҷтимоие, ки публитсист ҳамчун иҷтимоъшинос ва хусусияти иҷтимоии шахсиятҳо, ки публитсист ҳамчун нависанда ба тасвир кашидааст, мундариҷаи ҷомеъ ва шакли устувори жанрии ҳар ду очеркро ба вуҷуд овардаанд, ки ин на ба ҳар кас муяссар мешавад.

Зимнан, бояд таъкид кард, ки ҳамчунон ки муҳаққиқони соҳа эътироф кардаанд, «асари публитсистӣ ҳамон вақт диққатангез мешавад, ки муаллиф на фақат тарҷумаи ҳол ва нақши иҷтимоии шахсонеро, ки дар бораашон менависад, бояд донад, балки «хислати онҳоро низ хуб шиносад» [108, 235]. Дар бисёре аз очеркҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидаанд, муаллифон ба василаи тасвир ва муаррифии корномаи шахсиятҳои мушаххас хислатҳои инсонӣ ва ҳирфаии онҳоро борои хонанда тасвир ва таъбир кардаанд, ки аз ҷумлаи ҷустуҷӯҳои эшон дар ин самт мебошад.

Дар ин замина, метавон аз очеркҳои Ғуфрони Рустам «Навои рӯзгор» (29-уми июни соли 1996), Тиллои Неккадам «Чун ҳунар доим ҷавонӣ» (16-уми

октябри соли 2002), Ҳусейн Назруллоев «Шукрона ё худ достоне хурд аз рӯзгори як раҳнаварди роҳи маърифат» (4-уми марти соли 2008), Бобоҷон Абдулвоҳидов «Истеъфои раис» (1-уми ноябри соли соли 1991), «Фатҳи коинот шарт нест» (5-уми ноябри соли 1991) ва «Баҳори умр» (21- уми октябри соли 1992) ёд кард, ки хусусиятҳои зикршудаи жанрии ин асари публитсистиро дар худ фаро гирифтаанд.

Муаллифони ёдшуда дар бораи корномаи шахсиятҳои гуногун навишта, дар ин замина, пеш аз ҳама, ба кушодани хулқу хӯй ва хислатҳои инсонию касбии онҳо талош кардаанд. Дар аксари очеркҳои зикршуда шахсият бо тамоми корномааш ҳамчун фардияти хос ба тасвири омада, воқеиятҳои зиндагӣ ва ҷараёни фаъолияти ӯ махсусиятҳои амалу кирдор, хулқу хӯй ва хислатҳои инсонию касбии ӯро шакл додаанд, ки дар аксар маврид ибратангезанд. Ин гуна шахсиятҳо дар очеркҳои ёдшуда мушаххас, таърихӣ ва фардияти зинда буда, бо муносибатҳои реалиашон бо воқеиятҳои зиндагӣ таносуби комил доранд. Масалан, дар очерки Ғуфрони Рустам «Навои рӯзгор», ки аз корномаи Раиси собиқи ноҳияи Хуҷанд, намояндаи Маҷлиси Олӣ нақл мекунад, воқеияти сарнавишти ӯ мавқеи ҷамъиятӣ ва маънавиашро дар ҷомеа муайян ва мушаххас менамояд. Ин шахсият, ки собиқаи зиёди корӣ дар низоми хоҷагидории замони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол дорад, бо ахлоқи фардӣ ва таъмимии худ дар очерк инъикос гардидааст. Ҳастии воқеии ин шахсият дар фаъолияти корӣ ва худогоҳию коршиносии ӯ таҷассум ёфта, фаҳмиши амиқи зиндагӣ ва воқеиятҳои он, нақши гуногунпаҳлуяш дар ҷомеа, андеша, бовар, таҷрибаи муносибат бо одамон ҳамчун раиси хоҷагӣ ва баъд раҳбари ноҳия, дар маҷмуъ, дарки воқеиятҳои сарнавишташ, ки роҳи зиндагии ӯро муайян намудааст, мундариҷаи образноки вуҷуди ботинӣ ва оҳанги амалу кирдор ва маънии вазифаҳое, ки ӯ дар тули солҳо ҳал намудааст, дар очерк ба тарзи таъсиргузор муҷассам гардидааст, ки ҷанбаи амиқи публитсистию бадеӣ дорад.

Таҷассуми публитсистию бадеии амалу кирдор, таассурот ва тарзи рафтори шахсият моҳияти дахолати публитсистию бадеии очеркнависро ба сарнавишт ва корномаи қаҳрамони очерк муайян менамояд. Дар ин ҳол,

публитсист-тасвиргар он чиро ки хусусияти хоси шахсиятро ифода намекунад, фурӯ мегузорад. Ҳамчуноне ки Г.Э. Лессинг гуфтааст, «хислати инсон метавонад дар амалиётҳои на чандон муҳимми ӯ зоҳир шавад; аз нуқтаи назари арзёбии поэтикӣ аз ҳама корҳои муҳим он аст, ки ба хислати шахсият равшании бештар меандозад» [108, 236]. Аз ин ҷиҳат, агар ба сарнавишт ва образи очерки Тиллои Неккадам «Чун ҳунар доим ҷавонӣ» назар афканем, мебинем, ки муаллиф дар тасвир ва таъбири чеҳраи марди ҳунар, «яке аз ташкилкунандагони Ансамбли этнографии Помир (соли 1941) ва Ансамбли тарона ва рақси Помир (соли 1956), балетмейстер, оҳангсоз ва ҳофиз бобои Маҳмадназар Ҳотамови 85-сола» усули зикршудаи тасвири публитсистию бадеиро огоҳона ва ҳунармандона ба кор гирифтааст, ки аз баъзе ҷиҳатҳо ибратомӯз мебошад.

Аз ҷумла, дар тасвири муаллифи очерк шахсият ва корномаи Маҳмадназар Ҳотамов дар соҳаи санъат дар ҷомеияти зуҳуроти фардии ҳунарӣ ҳамчун оҳангсоз, таҳиягар ва навозанда ба тасвир омада, ба ин васила, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар ин соҳа аз зинаи аввали фаъолият то охирин рӯзҳои ҳаёташ ба таври мушаххас тасвир ва таъбир шудааст, ки ҷанбаи амиқи таърихӣ, публитсистӣ ва бадеӣ дорад. Дар бисёр ҳолатҳо муаллиф барои таъйиди андешаҳои худ аз суханони шахсиятҳои таърихӣ, ки бо шахсияти очерк робита доштаанд, аз ҷумла, шоир Басир Расо ва даҳҳои дигар иқтибос оварда, ба ин васила, махсусиятҳои касбӣ, амалу кирдор, руҳиёт, чеҳраи зоҳириву ботинӣ, тарзи сухангӯйӣ, сарнавишт, бархурд бо худаш ва атрофиён ва муҳити иҷтимоиро аз тарафи қаҳрамони очерк ҳунармандона ба тасвир гирифтааст. Дар ин замина, публитсист махсусиятҳои хислати шахсияти асарашро, ки заминагузори корномаҳои ӯ дар соҳаи санъат будаанд, дарёфта тасвир кардааст, ки фидокорӣ, руҳияи устувор, сухандониву овози расо, рафтори муфиди ахлоқӣ дар муносибат бо ҳамкасбон аз ин ҷумла будааст. Дар ин ҳол, образи санъаткор дар тасвири очеркнигор ифодакунандаи маънӣ ва моҳияти ҳунар буда, ба шинохти амалиёти образноки ҳунарпеша дар фосилаи замонӣ пайванди ботинӣ дорад.

Донишманди соҳа Е.П. Прохоров навиштааст, ки «Дар боби осори публитсистӣ бо назардошти чӣ гуна амалӣ шудани вазифаи публитсистика дар он қисмате, ки талаб дорад, хонанда аз он неруи ҳиссӣ гирифта, на фақат муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рафтори одамонро дар лаҳзаҳои муайян бифаҳмад, балки тасаввуроти чашмрасе ба вуҷуд оварад, ки ба хонанда руҳия, худфарсоӣ, дарки ҳисси муаллифро, ки дар вазъиятҳои муайян ба вуҷуд омадааст, бахшад, метавон қазоват кард» [108, 239].

Дар радифи очеркҳое, ки дар онҳо таблиғи корномаи шахсиятҳои мушаххас ҷойгоҳи хос дорад, метавон аз навиштаҳои дар боло ёдшудаи Ҳ. Назруллоев «Шукрона ё худ достоне хурд аз рӯзгори як раҳнаварди роҳи маърифат» ва Б. Абдулвоҳидов «Фатҳи коинот шарт нест» сухан кард.

Вақте мундариҷаи ҳар ду очеркро аз назар мегузаронем, маълум мешавад, ки дар онҳо ҳамаи шаклҳои образнокӣ, яъне таҷассуми бадеии чеҳра ва корномаи қаҳрамон, ҷузъиёти амалу кирдори ӯ ва образи воқеияти иҷтимоии замон таҷассум ёфтааст. Барои исботи ин андеша, аз очерки Ҳ. Назруллоев ҳамон қисмеро метавон мисол овард, ки дар он муаллиф лаҳзаеро аз рӯзгори пуртуфони шахсияти очерк Миробид Бадиев ба тасвир кашидааст. Вале пеш аз он ки муаллиф чунин лаҳзаи таъсиргузореро тасвир кунад, бо суханони зерин диққати хонандаро ба воқеиятҳои сарнавишти қаҳрамонаш ҷалб менамояд, ки ҳадафи ҳирфаии муаллифро дар таълифи очерк нишон медиҳад. Ӯ менависад: «Ин қисса, ки гуфтем, хурд, дар асл дароз асту тулонӣ, қаҳрамонаш ҳам ҷавон не, марди солдидаю солхӯрда. Ҳар лаҳза, ҳар рӯзи зиндагии ӯ худ достони дигар, қиссаи дигар асту монанди рӯзгори қаҳрамонаш яксону якранг, якнавохту якмаром нест. Он моломоли дарду розҳост, пайраҳаҳояш шебу фароз, рӯзгораш талху ширин, иборат аз нокомию комгориҳо, шикасту пирӯзиҳо будааст. Вале ӯ шукргузор аст, шукрона мекунад аз Парвардигор, аз сарнавишту қисмат, аз пешомад, аз ҳамаи талхию ширинихо» [13]. Баъд аз ин руҷуъ, пораҳое аз сарнавишт ва корномаи «раҳнаварди роҳи маърифат», яке аз бунёдгузорони соҳаи мактабу маорифи кишвар бо ҳама пасту баландиҳояш тасвир мешавад, ки унсури публитсистӣ як ҷузъи таркиби бадеии он буда, бо

роҳи истифода аз тадқиқи ҳиссомези публитсистӣ анҷом дода шудааст. Ба ифодаи М. Шукуров (М. Шакурӣ) «тасвири очеркӣ ва баёни соф публитсистӣ» [148, 85] аз имтиёзоти дигари сохтори мундариҷавӣ ва шаклии ин асар мебошад, ки ҷанбаи бадеии онро суст карда бошад ҳам, масъалаҳои маориф, роҳҳои рушди ин соҳа ва часпу талоши шахсияти очеркро дар роҳи амалӣ сохтани ниятҳои маорифсозиаш мушаххас месозад. Ба ифодаи саҳеҳтар, афзоиш ёфтани ҷанба ва руҳи публитсистӣ дар ин гуна очеркҳо натиҷаи фаъолиятмандӣ ва мавқеи шаҳрвандии муаллифону шахсиятҳои асар дар ҳал ва гузориши масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа мебошад, ки очерки Б. Абдулвоҳидов «Фатҳи кайҳон шарт нест» низ намунаи он мебошад.

Дар очерки зикршуда диққати муаллиф ҳамеша ба хусусиятҳои асосӣ ва хоси шахсияти асар, ба ҷузъиёти ифодакунандаи амалу кирдори вай мутамарказ буда, дар ин замина, муаллиф тавонистааст, ки чеҳраи инсонӣ, касбӣ ва маънавии шахсияти асосии очерк Абдуҷаббор Зардиевро бо ҳама паҳлуҳояш офарад. Ин очерк низ бо хусусияти образнокиаш, ки ҷанбаи публитсистӣ ва бадеии амиқ дорад, яке аз «воситаҳои таблиғӣ ва адабӣ ба маънии васеи ин сухан мебошад» [108, 245], ки муҳаққиқони соҳа эътироф кардаанд.

Агар хоҳем, ки ба таври мухтасар мухтассоти сохтори мавзуӣ ва ғоявии ин очеркро мушаххас созем, метавон ба хулосаи зер омад: мавзуи асосие, ки муалллифро пойбанд сохтааст, ҳамоно нахуст вазъи иҷтимоии ҷомеа дар ягонагӣ бо авзои иҷтимоӣ мебошад, ки дар мисоли сарнавишт ва корномаи Абдуҷаббор Зардиев ба тасвир ва муҳокима кашида шудааст. Дар ин замина, муаллиф тавонистааст, ки бо бакоргирии баъзе ҷузъиёти амалу кирдори шахсияти очерк моҳияти муносибатҳои иҷтимоиро, ки ба воситаи фаъолияти шахсиятҳо зуҳур меёбанд, дар мисоли образи таъмимии Абдуҷаббор Зардиев бо тамоми мушаххасоташ тасвир кунад ва ба хонанда муаррифӣ намояд. Бо дарки мавқеияти очерки публитсистӣ муаллиф тавонистааст, ки нақши инсон ва корномаи ӯро дар мисоли шахсияти очерк ба таври публитсистию бадеӣ нишон дода, ба ин васила, ҷойгоҳи хос ва муҳимми жанрро дар иҷрои ҳадафҳои таблиғию идеологии ҳукумати вақт таъин созад.

Дар очерк Б. Абдулвоҳидов барои тасвири корнома ва мавқеи иҷтимоии шахсияти асосии асар Абдуҷаббор Зардиев аз ашколи зерини сохтории жанр истифода кардааст, ки зикри онҳо бамаврид аст:

- сохтори хронологӣ, яъне нақл ва тасвири муҳимтарин воқеоти сарнавишт ва корномаи қаҳрамон дар фосилаи замонӣ;
- сохтори мундариҷавӣ ва шаклии мутобиқ ба талаботи жанри очерк, ки бо фарогирии ҷузъиёти амалу кирдори шахсияти асар ва тавсифоти публитсистӣ аз жанрҳои дигар, аз ҷумла, ҳикоя ва эссе фарқ дорад;
- дидгоҳи озод ва мустақил дар шинохт ва тасвири саҳнаҳои зиндагӣ ва корномаи шахсияти очерк.

Дар очерки мавриди назар муаллиф аз унсурҳои зикршудаи шаклии очерк ҳунармандона истифода карда, чеҳраи ҷомеи марди меҳнат, ислоҳотгари соҳаи хоҷагии қишлоқ Абдуҷаббор Зардиевро бо тамоми шикасту рехташ офаридааст, ки муҳимтарин фазилатҳои инсониву кордорӣ, шинохт ва арҷгузории ҳаққи ҳалоли мардум, ояндабинию ояндасозӣ дар мисоли азнавсозии хоҷагии деҳқонӣ ҷузъе аз ёфтаҳои ҳунарии ӯ мебошад. Очерк аз тасвир ва тадқиқи ҳиссомези публитсистӣ, ки рангу намои романтикӣ дорад, саршор буда, пораи зерин, ки асар бо он хатм мешавад, намунаи он мебошад: «...Ба ин сатрҳо вақте нуқта мегузорам, ки пардаи субҳ дарида, рӯзи сафед ба истиқболи мову шумо бағал кушодааст. Аз насибаи саҳарӣ дар бағали рӯзи нав оне шарафёб мешавад, ки тарки хоби ғафлат карда, пайи хизмати мардум аз хона берун рафтааст. Абдуҷаббор Зардиев раиси колхози «Ленинград»-и ноҳияи Кӯлоб ғолибан ҳоло дар хирман аст ё дар мошинсаро, ё ин ки лаби мазрае қомати «фарзанди» бо сад ранҷу азоб парваридаашро рост мекунад... [151].

Очерк аз ҳамин гуна тасвирҳои дилкаш ва таъсиргузор саршор буда, пеш аз ҳама, баёнгари маҳорати муаллиф дар тасвири публитсистӣ ва бадеии сарнавишти инсони меҳнаткаш мебошад, ки бо дарунмояи ғании маънавӣ хонандаро аз корнома ва мавқеи иҷтимоии як нафар узви ҷомеаи тоҷикон огоҳ месозад.

Зимнан, бояд бигӯем, ки муаллифони очеркҳое, ки ёд кардему дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд, аз шеваҳои ёрӣ гирифтан аз шарҳу тавзеҳи мустақим, ироаи шахсият аз тариқи амали шахсият бо каме шарҳу тафсир ё бидуни он ва ироаи даруни шахсият бе таъбир ва тафсир кор гирифта, дар ин замина, ба инъикос ва муаррифии корномаи муосирони мо, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолият доштаанд, муваффақ шудаанд, ки ин мавзуи баҳси алоҳида мебошад.

Ба ин тариқ, метавон хулоса кард, ки муаррифии корномаи шахс ҷузъи асосии фаъолияти муаллифоне будааст, ки очеркҳои онҳо дар солҳои гуногун дар нашрияи «Садои мардум» ба чоп расида ва хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ ва жанрии ин намуди эҷоди публитсистиро мушаххас сохтаанд. Шахсиятҳое, ки дар очеркҳои мавриди назар ба тасвир омадаанд, мавҷуде пӯё буда, дар тасвири муаллифон зери таъсири корномаашон ба вазъи иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа таъсиргузор будаанд. Дар ин равиш, муаллифони очеркҳои ёдшуда таъсири воқеъ ва тағйироти иҷтимоиро низ ба хусусисятҳои равонӣ ва ахлоқии шахсиятҳои мавриди назарашон ва тағйири равиши кордории онҳо истино накардаанд, ки аз диди воқеашиносии онҳо дарак медиҳад.

# ХУЛОСА

Таҳқику таҳлил ва арзёбиҳо дар боби пайдоиш ва рушди аввалин рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» моро ба натиҷагириҳои зерин раҳнамоӣ кард:

1. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои навадуми садаи бист, бозсозии горбачёвӣ ва зуҳури наҳзатҳои идеявию сиёсӣ ва миллӣ заминагузори пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» мебошанд. Илова ба ин, тадриҷан аз тобеияти идеологӣ ва маҳдудиятҳои сиёсии шуравӣ фосила гирифтани Тоҷикистон омили таконбахши раванди таъсис ва рушди рӯзнома гардидааст. Маҳз, омилҳои зикршуда ба шаклгирӣ ва фаъолияти минбаъдаи нашрия заминаи воқеӣ ва касбӣ ба вуҷуд оварда, тадриҷан таваҷҷуҳи доираи васеи хонандагонро ба нашрия зиёд намудааст. Аз ин ҷиҳат, нахустин рӯзномаи парлумонии кишвар дар заминаи ормонҳои муайяни истиқлолхоҳӣ, миллӣ, ҷаҳоншиносӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омада, ҳамин тамоюли мусбат тадриҷан мавқеи нашрияро дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон мустаҳкам намудааст. Ин имконияти таърихӣ барои танзими сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии нашрия, ки асоси онро таблиғ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ташкил медиҳад, шароити мусоид ва имконияти касбиро ба вуҷуд оварда таҳким бахшидааст. Зери таъсири ин раванд рӯзномаи «Садои мардум» тавонистааст, фазои иттилоотиро ба манфиати миллат ва доираи васеи хонандагон тағйир диҳад ва тавсиа бахшад [1-М; 4-М].

2. Дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавӣ ва жанрии рӯзномаи «Садои мардум» руҳияи озодандешии ҷомеаи солҳои навадуми садаи бистум, омилҳои таърихию суннатиии миллатдӯстӣ ва таҷрибаи касбии матбуоти давраҳои гуногун таъсир гузоштааст [1-М].

3. Яке аз омилҳои таъсиргузори раванди рушди нашрия ҳамоно Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва мусоидати Ҳукумати вақт ба тавсеаи фазои иттилоотии кишвар, кафолатҳои ҳуқуқӣ дар мисоли қабули қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти ВАО, таваҷҷуҳ ва гароиши ҳадафманди мардум ба

матбуоти даврӣ мебошад, ки заминаи воқеӣ ва таърихиро барои фаъолияти густурдаи нашрия фароҳам овардааст [1-М].

4. Фаъолияти касбии нашрияи парлумонӣ дар марҳалаҳои гуногун идома ёфта, раванди ташаккул ва таҳаввули онро мухтаво ва шакли бозтоби масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, бахусус мавзуъ, мазмун, дарунмоя, воситаҳои иттилоърасонӣ, абзори баён, наҳваи инъикоси воқеиятҳо, тасвир ва таҷассуми чеҳраҳои мушаххас ва мухтассоти ҳар марҳаларо муайян менамояд. Ба ифодаи дигар, маншаи ҳамаи дигаргуниҳоро дар марҳалаҳои гуногуни шаклгирӣ ва инкишофи нашрия, пеш аз ҳама, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар марҳала муайян ва мушаххас карда, ба раванди ташаккули он таъсир мегузорад [4-М].

5. Марҳалаҳои инкишофи рӯзномаи «Садои мардум»-ро тағйиротҳои замони бозсозӣ, давраи таъсиси рӯзнома ва солҳои минбаъдаи мавҷудияти он мушаххас сохта, дар тули солҳо се марҳалаи муҳимми шаклгирӣ ва таҳаввули нашрия ба мушоҳида мерасад, ки солҳои 1991-2000, 2000-2010 ва аз 2010 то рӯзҳои моро дар бар мегирад. Роҳи сипардаи нашрия дар ҳар марҳала хусусиятҳои хоси худро дошта, чеҳраи ҳирфаи онро шакл додааст [4-М].

6. Муқоисаи фаъолияти нашрия дар ҳар марҳала баёнгари таҳаввулоти чашмраси рӯзнома дар пахши иттилооти муҳим ва озодона буда, дар ҳар марҳала нашрия тавонистааст, дар баробари чопи қонунҳо ва тафсири онҳо, оид ба фаъолияти сатҳи олии мақомоту ташкилотҳои давлатӣ, идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ, воқеиятҳои ҷолиби сиёсию иҷтимоӣ, тавсеа додани сатҳи интиқод аз камбудиву норасоиҳои ҳаёти ҷомеа ва ғайра маводди таъсиргузор ба чоп расонад, ки далели таҳким ёфтани равияи тоза дар таҷрибаи амалии табъу нашри иттилоот дар марҳалаҳои гуногуни фаъолияти «Садои мардум» мебошад [4-М].

7. Рӯзномаи «Садои мардум» аз аввалин шуморааш сар карда, қолаби муайяни дизайнро риоя намуда, ин тамоюли ҳунарӣ хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ ва зебоишиносии нашрияро дар марҳалаҳои гуногуни инкишоф шакл додааст. Рӯзнома дар тули фаъолияти беш аз сисолаи худ ба ороиши

моҳиятнок ва аксҳо пойбанд будааст, ки ин тамоюли ҳунарӣ, пеш аз ҳама, муҳтавои таъсиргузор ва равоншиносона дошта, хусусияти ҳирфаии сохтори дизайнии нашрияро дар таносуби комил бо мундариҷаи он муайян менамояд. Ба ифодаи дақиқтар, рангорангӣ, барҷастагии ҳуруф ва дигар аломатҳои матбаа (интернет) шаклу мудариҷаи ботинӣ ва зоҳирии рӯзномаро дар давоми солҳо ғанӣ, зебо ва муассир сохтааст. Ороиш ва саҳифабандии рӯзнома мувофиқи талаботи вақт ва хостаҳои муҳити иттилоотӣ сурат гирифта, ҷузъи ороиш, ташкили сохтори нави графикӣ, тарзи таъсиргузори саҳифабандӣ ифодагари ҷанбаи зебоишиносӣ ва равоншиносонаи рӯзнома мебошад [2-М].

8. Аз оғози фаъолият ҳамакорагӣ ва универсалӣ будани дизайн хусусияти асосии сохтори тасвирии рӯзномаи «Садои мардум»-ро муайян менамояд, ки дар марҳалаҳои баъдӣ зина ба зина ташаккул ва таҳаввул ёфтааст. Дар ҳар шумора унвони рӯзнома – «Садои мардум» ҷузъи ороиш буда, дар тули солҳо такмил ёфтааст. Дар интихоби ҳуруф низ рӯзнома равиши хосро пеш гирифта, ҳаҷми нашрия, танзими саҳифаҳо, усули интихоби ранг, фазои сафед ва ғайра равиши хоси ҳирфаии рӯзномаро дар ороиш, саҳифабандӣ ва дизайн мушаххас месозад [2-М].

9. Ҳадафи касбии маъмурияти рӯзнома аз оғоз то ба имрӯз ин будааст, ки маниши ҳунарии он ҳифз шавад ва ороиши ҳамаи саҳифаҳо аз як куллияти устувор бархурдор бошад, ба тарзе ки ваҳдоният, якпорчагӣ ва тааллуқоти рӯзномаро ба рӯзномаи парлумонӣ ҳифз намояд. Ба ин далел, хусусияти хоси ороишии нашрияро ҳуруфи матни сарлавҳа ва маводди дигар, ки воҳиди мустақими ороишӣ буда, бо кегли хосса аз ҳам фарқ мекунанд, мушаххас месозад [4-М; 5-М].

10. Таснифоти мавзуии маводди дар марҳалаҳои гуногун дар рӯзномаи «Садои мардум» чопшуда нишон медиҳад, ки нашрия ҳамчун як рукни ҷомеа бо ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар алоқаи бевосита дошта, бо нашри муттасили маводди муҳимму муассир вазъи мамлакат ва бархурд бо мушкилоти зикршударо инъикос намудааст [4-М].

11. Таҳлили қиёсии маводди нашршуда собит сохт, ки мавқеияти «Садои мардум»-ро дар нашри иттилооти сиёсӣ тааллуқоти сиёсиву синфӣ ё гурӯҳӣ муайян накарда, пеш аз ҳама, манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии умумимиллӣ мушаххас месозад [3-М; 4-М].

12. Дар рӯзнома масъалаҳои амнияти сиёсии кишвар, сулҳ ва ваҳдати миллӣ ҷойгоҳи хос дошта, усули бовар кунондан равиши ҳирфаии иттилоърасонии нашрияро муайян мекунад ва дар шаклгирии чеҳраи сиёсии Тоҷикистон нақши мушоҳидаҳо, таассурот, ҳусни таваҷҷуҳ ва нороҳатии рӯзноманигорон созанда мебошад [2-М].

13. Таҳлили сифатии муҳтавои маводди нашркардаи рӯзнома равиш ва тамоюли сулҳхоҳона ва ваҳдатгароёнаи сиёсати давлати Тоҷикистонро мушаххас сохта, омилҳои зиёновари ин равандро шиносоӣ менамояд, ки такя ба рисолати дифоъ аз манфиатҳои миллӣ дорад [2-М; 6-М].

14. Рӯзнома доир ба мавзуи сулҳу ваҳдат ва барномаҳои ҳукумат маводди зиёд чоп карда, ба ин васила, чеҳраи мусбати сиёсии ҷумҳурӣ ва раҳбари онро муассир ба қалам овардааст. Ҳамчунин, нашрия вазъи сиёсии Тоҷикистонро дар алоқамандӣ бо вазъи баъзе кишварҳои минтақа арзёбӣ карда, бо равиши созандаи ҳамгироиҳо тандес (имиҷ)-и мусбати сиёсии кишварро бозгӯ намудааст [5-М].

15. Дар рӯзномаи «Садои мардум» мушкилоти иҷтимоии кишвар воқеъбинона инъикос гардида, ба ин васила, нашрия муваффақ шудааст, ки бо иттилои дақиқ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, аввалан, ба афкори мардум, сониян, ба фаъолияти ниҳодҳои марбута таъсир расонад. Дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ нашрия бештар ба дидгоҳҳои рӯзноманигорони худӣ такя карда, воқеияти иҷтимоии барои ҷомеаи тоҷикон муҳимро инъикос намудааст, ки равиши хоси иттилоърасонӣ мебошад [6-М].

16. Нашрия дар марҳалаҳои гуногуни фаъолияташ масъалаҳои оромиву осудагии муҳити иҷтимоӣ, беҳдошти сиҳати мардум, амнияти иҷтимоӣ, нашъаҷаллобию нашъамандӣ, ваҳшатгароиву ифротгароӣ ва монанди инҳоро ҳадафмандона ва моҳиятҷӯёна ба муҳокима кашида, дар ин равиш, бо инъикоси

мушкилоти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, аз манфиатҳои дарозумри кишвар танҳо бо мақсади беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ҳимоят кардааст [4-М].

17. Тарзи инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ дар фаъолияти рӯзнома асосан ба таҳқиқоти рӯзноманигорӣ устувор буда, ҳадафи ба ҳодиса маънои иҷтимоӣ бахшидан ва арзишҳои иттилоотиро бо далелҳо мушаххас намудан дорад [2-М].

18. Жанрҳои ахборӣ, аз ҷумла, хабар ва навъҳои он, мусоҳиба дар саҳифаҳои рӯзнома ҷойгоҳи хос дошта, нашрия тавонистааст ба воситаи ин жанрҳо хонандаро аз навигариҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии дохил ва хориҷи кишвар огоҳ созад. Корбурди ин жанрҳо имкон додааст, ки воқеиятҳо ва мушкилоти ҳаёти ҷомеа дар рӯзнома ҳаматарафа ва ҳадафмандона инъикос ва арзёбӣ шаванд. Рангорангии жанрҳои хабарӣ беҳтарин усули таблиғ ва ҷалби таваҷҷуҳи хонанда барои нашрия буда, усули таҳия ва нашр тавоноии ҳирфаии онро собит месозад [2-М; 5-М].

19. Таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои жанрии рӯзномаи «Садои мардум» собит сохт, ки истифодаи огоҳона ва касбии жанрҳои таҳлилӣ низ дар инъикоси масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ аз вижагии фаъолияти нашрия буда, ин тамоюл ба рангорангии жанрӣ ва таъсиргузории инъикоси рӯйдодҳо мусоидат намудааст. Жанрҳои таҳлилӣ аз ибтидои фаъолият то ба имрӯз дар саҳифаҳои рӯзнома ҷойгоҳи хос дошта, воситаи муҳим ва таъсиргузор дар инъикоси воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ будаанд. Маводде, ки дар жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзнома чоп шудаанд, ба тарзи дарки ашё, инъикоси воқеиятҳо, дараҷаи хулосабарорию умумиятдиҳӣ ва тарзи нигоришу корбурди воситаҳои баёну тасвир мутафовут ҳастанд. Рӯзномаи «Садои марлум» дар ҳамаи марҳалаҳои фаъолияташ бештар ба чопи жанрҳои таҳлилӣ, аз ҷумла, мухбирнома, табсира, суҳбат, хулосаи матбуот, мақола ва нигориш таваҷҷуҳ карда, дар интихоб ва корбурди ин жанрҳо дар таҷрибаи нашрия нахуст омили ҳирфаӣ, баъдан, омилҳои замонӣ ва хостаҳои маънавию ахлоқии ҷомеа, ки зери таъсири сиёсати вақт шакл гирифтааст, нақши хос ва таъсиргузор доштаанд [3-М; 6-М].

20. Муаррифии корномаи шахс ҷузъи асосии фаъолияти муаллифони лавҳаву очеркҳое будааст, ки дар марҳалаҳои гуногун дар саҳифаҳои рӯзномаи «Садои мардум» ба чоп расидааст ва хусусиятҳои сохтори мундариҷавию жанрии ин намудҳои эҷоди публитсистию бадеиро муайян менамояд. Шахсиятҳое, ки дар лавҳаву очеркҳо ба тасвир омадаанд, шахсияти пӯё буда, дар тасвири муаллифон зери таъсири корномаашон ба вазъи иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа таъсиргузор будаанд. Дар ин замина, муаллифони лавҳа ва очеркҳои дар боло ёдшуда таъсири воқеиятҳо ва тағйироти иҷтимоиро низ ба хусусиятҳои равонӣ ва ахлоқии шахсиятҳои мавриди назарашон ва тағйири равиши кордории онҳо истисно накардаанд, ки аз диди воқеашиносии онҳо дарак медиҳад [3-М; 6-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқ ва арзёбиҳои анҷомгирифта бармеояд, ки доир ба рӯзномаи «Садои мардум» баъзе мақолаҳо чоп шуда бошанд ҳам, аммо то ҳол паҳлуҳои гуногуни фаъолият, зинаҳои ташаккулу таҳаввул ва сохтори мундариҷавию ороишӣ ва зебоишиносии нашрияи парлумонӣ ҳанӯз ба тариқи ҷомеъ мавриди омӯзиши монографӣ қарор нагирифтааст. Албатта, доираи баҳси ин мавзуъ васеъ буда, дар атрофи он метавон таҳқиқотҳои алоҳида низ анҷом дод. Бо назардошти мушаххасоти мавзуи таҳқиқ дар диссертатсия кӯшиш шудааст, ки омилҳои пайдош ва марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули нашрия, вижагиҳои ороиш ва дизайн, мавзуъ ва масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи рӯзнома ва таҷрибаи нашрия дар корбурди жанрҳои ахбор таҳлилӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шавад. Ҳамчунин, дар заминаи натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он баъзе тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия барои унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони таърихи матбуоти даврии тоҷик дар омӯзиш ва арзёбии вижагиҳои ҷараёни инкишофи матбуоти даврӣ ва нашрияҳои алоҳида, баррасии паҳлуҳои сохтори мундариҷавию ороишии нашрияҳо ҳамчун таҷрибаи амалӣ ёрии бевосита расонда метавонад.

2. Дар таҳқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор додани ягон паҳлуи фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум», аз ҷумла, нақш ва ҷойгоҳи касбии нашрия дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ дар қиёс бо нашрияҳои дигар арзишнок мебошад.

3. Зарурати таҳқиқ ва арзёбии фаъолияти нашрияҳои дигар ва муқоисаи типологии онҳо дар инъикоси мавзуъ ва масъалаҳои ҷорӣ бо рӯзномаҳои ҳамсонашон дар миён буда, диққати муҳаққиқони соҳа бояд бештар ба ин масъалаҳо ҷалб гардад.

4. Таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» барои шинохт ва арзёбии паҳлуҳои мухталифи фаъолияти матбуоти даврии тоҷикӣ низ пураҳаммият буда, зарурати тезтар анҷом додани ин масъала дар миён мебошад.

5. Барои ба таври мушаххас таъин намудани вазъи ташаккулу таҳаввули воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, нашрияҳои алоҳида зарурати таҳқиқоти диссертатсионӣ дар миён аст.

6. Ба таври алоҳида омӯхтани сохтори дизайнии ҳар нашрия бо ҳадафи муайян ва мушаххас намудани мухтассоти зебоишиносӣ ва равоншиносонаи рӯзнома муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад.

7. Маводди дар диссертатсия фароҳамомада барои омӯзиш ва таълими таърихи рӯзноманигории тоҷик, назарияву амалияи он, нақди рӯзноманигорӣ, паҳлуҳои сабкии осори дар матбуоти даврӣ чопшуда, фаъолияти рӯзноманигорони варзида, жанрҳои публитсистика ва монанди инҳо заминаи амалӣ ва мусоид фароҳам меоварад.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи рӯзномаи «Садои мардум» қобили мулоҳиза буда, диссертатсияи мазкур ибтидои пажуҳиши мушаххас дар ин самт мебошад ва ин таҷриба бояд мавриди таваҷҷуҳи донишмандон, унвонҷӯён ва алоқамандони соҳа қарор гирад. Он чӣ ки гуфта шуд, аз ҷумлаи мушкилоти мубрами соҳа буда, дурнамои мавзуи таҳқиқии диссертатсияро собит менамояд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Адабиёти илмӣ:


1. Абдулвоҳидов, Б. Сухан санҷида гуфтем, калом дониста суфтем [Матн] / Б. Абдулвоҳидов. Дили ӯ равшан аз сӯзи дарун буд. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – С. 157-160.
2. Абдуллоев, М.А. «Бухорои шариф» трудный путь зарождения таджикской журналистики [Текст] / М.А. Абдуллоев // Актуальные проблемы журналистики. Сборник статей. – Душанбе, 2013. – С. 98-104.
3. Абдуллоев, М. Таджикское публицистика и национальная иденгичность [Текст] / М. Абдуллоев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
4. Абдуллоев, М. Основы теории журналистики. Курс лекции [Текст] / М. Абдуллоев. – Душанбе: РТСУ, 2016. – 89 с.
5. Абдуллоҳ, М. Фармони № 622 ва ҳокимияти чорум [Матн] / М. Абдуллоҳ // Равшангари афкори ҷомеа. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 15-17.
6. Азимов, А. Воқеоти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. – 186 с.
7. Азимов, А. Таджикская журналистика в период культурной революции [Текст] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2014. – 313 с.
8. Алавӣ, М. Б. Дарвозабонии хабар чист? Дарвозабонон кистанд? [Матн] / М. Б. Алавӣ // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 59-74.
9. Алексеев, А.Н. О массовой коммуникации и ее социальных средств [Текст] / А.Н. Алексеев // Журналист. Пресса. Читатель. – Издательство Ленинградского университета, 1969. – С. 65-81.
10. Алиева, С.А. Особенности функционирования местной прессы в современных условиях. Автореферат на соискание учунной степени канд. фил. наук [Текст] / С.А. Алиева. – Ростов-на-Дону, 1991. – 26 с.

11. Антюхин, Г.В. Ленинское учение о печати и развитие типологической системы местной журналистики по основным этапам ее истории [Текст] / Г.В. Антюхин // Становление и развитие местной печати России. – Воронеж: издательство Воронежского Университета, 1985. – С. 5–16.
12. Асозода, С. Рӯзномаи «Садои мардум» ва истиқлолияти давлатӣ ҳамсоланд [Матн] / С. Асозода // Садои мардум. – 2021. – 1-5-уми январ.
13. Афшор, Ҳ.И. Мақоланависӣ [Матн] / Ҳ.И. Афшор // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 174-181.
14. Бабаханов, М. Из истории периодической печати Таджикистана [Текст] / М. Бабаханов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 180 с.
15. Багиров, Э.Г. Основы телевизионной журналистики [Текст] / Э.Г. Багиров, Р.А. Борецкий, А.Я. Юровец. – Издательство Московского университета, 1973. – 316 с.
16. Бадеъӣ, Н. Меъёрҳои гузиниши хабар: кадом хабар, чаро? [Матн] / Н. Бадеъӣ // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 44-58.
17. Бадеъӣ, Н. Чигунагии тарғиби хонанда ба хондани хабар [Матн] / Н. Бадеъӣ // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмкаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 48-59.
18. Бадеъӣ, Н., Ҳусайнӣ, Қ. Титр ҳидоятгари хонанда ба сӯйи хабар [Матн] / Н. Бадеъӣ, Қ. Ҳусайнӣ / Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Бо эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 12-131.
19. Балуев, Б.П. Поблемная статья в газете [Текст] / Б.П. Балуев // Вестник Московского университета. – 1959. – № 1. – С. 15-56.

20. Барманкулов, М. Сравнительный анализ жанров [Текст] / М. Барманкулов. – Алмаато, 1975. – 115 с.
21. Барсунов, И.И. Рабочие кореспонденции на страницах газеты Норвежских коммунистов [Текст] / И.И. Барсунов // Проблемы жанрв в журналистике, – Издательство Московского университета, 1968. – С. 34-49.
22. Бақозода, Ҷ. Абдулҳамид Самад ва инкишофи ҳикоя [Матн] / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 152 с.
23. Бақозода, С. Ҳикмати таърих ва шинохти бадеии он [Матн] / С. Бақозода. – Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2000. – 132 с.
24. Башкин, В.В. Оформление газет разного типа [Текст] / В.В. Башкин. – Московского государственного университета, 1981. – 128 с.
25. Бетанкур, Л. Расонаҳои иҷтимоӣ ва рӯзноманигорӣ [Матн] / Л. Бетанкур // Роҳнамои расонаҳои иҷтимоӣ. – Вена, 2015. – С. 80-84.
26. Бирюков, Ю.М. Средства массовой информации и формирование общественного мнения о войне и мире [Текст] / Ю.М. Бирюков. – М., 1990. – 238 с.
27. Бозорзода, Н.Ш. Нақши васоити иртиботи омавӣ дар замони муосир [Матн] / Н.Ш. Бозорзода // Журналистика ва замони муосир (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Барориши 4. – Душанбе, 2021. – С. 21-27.
28. Бодо муборак гӯямат Наврӯзи ман Наврӯзи ту [Матн] / Садои мардум. – 1994. – 20-уми март.
29. Брагинский, И.С. О природе среднеазиацкого джажидизма в свете литературной деятельности джадидов [Текст] / И.С. Брагинский. Из истории персидской и таджикской литератур. Избраные работы. – М.: Наука, 1971. – С. 437-460.
30. Бунёдӣ, Н. Сафҳаоройӣ [Матн] / Н. Бунёдӣ // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Баэҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 203-210.

31. Бурмистенко, А. Н., Щербаков, А.С. Сколько стоит собственное мнение? За кулисами американской журналистики [Текст] / А.Н. Бурмистенко, А.С. Щербаков. – М.: Знание, 1977. – 112 с.
32. Бухорой, М.Ш. Таърихи шифоҳӣ эҳтиёти вижа мехоҳад [Матн] / М.Ш. Бухорой // Озодагон. – 2010. – 24-уми феврал.
33. Васильева, А.Н. Газетно–публицистический стиль. Курс лекции по стилистике русского языка для филологов [Текст] / А.Н. Васильева. – М.: Русский язык, 1982. – 198 с.
34.Васкобойников, Я.С., Юрьев, В.К. Журналист ин информация [Текст] / Я.С. Васкобойников, В.К. Юрьев. – М., 1993. – 120 с.
35. Вачнадзе, Г.Н. Печать пятой республики [Текст] / Г.Н. Вачнадзе. – Издательствон Московского Университета, 1969. – 166 с.
36. Вачнадзе, Г. Секреты прессы при Горбачеве и Ельцине [Текст]/ Г. Вачнадзе. – М.1992. – 423 с.
37. Виноградова, С.М. Приемы убеждающего воздействия в публикациях на международную тему [Текст]/ С.М. Виноградова // Печать в системе идейно-политического воспитания и экономического образования. Выпуск 13. – Ленинград, 1987. – С. 81-95.
38. Волос, В.Н. Социологические исследования аудитории прессы в США [Текст] / В.Н. Волос // Журналист. Пресса. Аудитория. Межвузовский сборник. Выпуск 4. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1991. – С. 92-97.
39. Ворошилов, В. История журналистики зарубежных стран [Текст] / В. Ворошилов. – СПб., 2000. – 240 с.
40. Ворошилов, В.В. Журналистика. Базовый курс. Учебник. 5-ое издание [Текст] / В. В. Ворошилов. – СПб.: Издательства Михайлова В. А., 2006. – 640 с.
41. Гибсон, М. Вижагиҳои виросторони худ [Матн]/ М. Гибсон // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. –

Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 182-188.

42. Гувол Гумбал, М. ва Т. Мусоҳиба иртиботи рӯ дар рӯ ва ҳадафдор. Тарҷумаи Ҳасани Каримӣ [Матн] / Гумбал Гувол // Рӯзномаи ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 143-154.
43. Гулмуродзода, П. Маснади тараққихоҳон [Матн] / П. Гулмуродзода. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 111-125.
44. Дзялошинский, И.М. Советская журналистика: три парадигмы творчества [Текст] / И.М. Дзялошинский // Журналист. Пресса. Аудитория. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1991. – С. 29-43. Дзялошинский, И. Формы и методы работы журналиста с источником информации / И. Дзялошинский. – М., 2001. – 160 с.
45. Донишномаи матбуоти даврии тоҷик [Матн] / Муаллифон ва мураттибон: В. Баёнӣ, М. Атозода. – Душанбе: ҶДММ «Меҳроҷ Граф», 2021. – С. 330-331.
46. Дридзе, Т.М. Текставая деятельность в структуре социальной коммуникации [Текст] / Т.М. Дридзе. – М., 1984. – 188 с.
47. Дуве, Ф. Вступительное слово [Текст]/ Ф. Дуве // Центральная Азия в зашиту будущего. Средство массовой информации в многокультурных и многоязычных обществах. Пятаи центрально–азиатская конференция СММ. – Бишкек, 17-18 сентября, 2003. – С. 9-13.
48. Дунас, Д.В. Развитие и современное состояние теоретических исследований журналистики и СМИ России: автрефер. дис. на соиск. ученноц степени к–та филологических наук [Текст] / Д.В. Дунас. – М., 2016. – 21 с.

49. Ёқубов, Ҷ. «Экологияи» сиёсӣ ва матбуоти мустақили Тоҷикистон [Матн] / Ҷ. Ёқубов // Журналистикаи байналхалқӣ. Қ. 5. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2013. – С. 26-30.
50. Жирков, Г.В. Советская крестьянская печаты – один из типов социалистической прессы [Текст] / Г.В. Жирков. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1984. – 178 с.
51. Журналистика и идеология [Текст]. – М.: МГУ, 1985. – 117 с.
52. Журналистика и политика [Текст]. – М.: МГУ, 1987. – 174 с.
53. Журналистикаи тоҷик ва масъалаҳои низоми нави ҷаҳон (Маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе, 2004. – 120 с.
54. Журналистика дар Тоҷикистон. Маълумоти касбӣ барои журналистон [Матн]. – Душанбе, 2006. – 120 с.
55. Зобов, Р.Н. Проблемы стереотипа в средствах массовой информации [Текст] // Р.Н. Зобов / Журналист. Пресса. Аудитория. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1991. – С. 62-72.
56. Зокиров, Г.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2003. – 260 с.
57. Игошин, С.И. Редакционная почта как источник социологической информации [Текст] / С.И. Игошин // Журалист. Пресса. Читатель. – Издательство Ленинградского университета, 1969. – С. 68-74.
58. Истиқлолият ва журналистикаи муосир (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе, 2006. – 120 с.
59. Истиқлолиятро сано хонда, ҳақиқатро ситоиш кардаам. Суҳбаторо Ворис [Матн] // Садои мардум. – 2021. – 1-5-уми январ.
60. Икромӣ, Ҷ. Тозагуле дар чамани фарҳанг [Матн] / Ҷ. Икромӣ / Садои мардум. – 1991. – 1-5-уми январ.
61. Исомиддиннов, Б.Т. К истории частной журналистики Таджикистана. Монография [Текст] / Б.Т. Исомиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 144 с.

62. Карасев, П.С. Из наблюдений над композицией ленинской статей [Текст] / П.С. Карасев // Проблемы жанров в журналистике. – Издательство Ленинградского университета, 1968. – С. 3-15.
63. Ковалевский, Г. Жанры советской газеты [Текст] / Г. Ковалевский. – М.: Современик, 1972. – 313 с.
64. Колесниченко, А.В. Практическая журналистика. Учебное пособие [Текст] / А.В. Колесниченко. – М.: МГУ, 2008. – 179 с.
65. Корнилов, Е.А. Советская местная пресса [Текст] / Е.А. Корнилов // Типология местной прессы: Советский Союз, Полша. Сборник. – Ростов–на Дону: Издательство Ростовского университета, 1991. – С. 3-7.
66. Корнилов, Е.А. Актуальные проблемы исследования истории местной советской журналистики [Текст] / Е.А. Корнилов // Становление и развитие местной печати России. – Воронеж: Издательство Воронежского университета, 1985. – С. 16-24.
67. Крипандуруф, К. Таҷзия ва таҳлили муҳтаво [Матн] / К. Крипандуруф // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 211-222.
68. Кӯҳистонинажод, М. Расонаҳои ҷамъӣ дар Осиёи Миёна ва Қафқоз [Матн] / М. Кӯҳистонинажод // Расона. – Соли 3. – Шумораи 2 (1371). – С. 60-64.
69. Қандӣ, Ҳ. Тафовутҳои хабарнависӣ дар расонаҳои ҷамъӣ [Матн] / Ҳ. Қандӣ // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаӣ, 1381. – С. 86-92.
70. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи Оиннома ва сметаи хароҷотҳои рӯзномаи «Садои мардум» [Матн]. – Душанбе, 2010. – 30-юми апрел.
71. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма [Матн] / Маҷмуаи қонунҳо дар бораи васоити ахбори умум. – Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 5-18.

72. Лазутина, Г. Основы творческой деятельности журналиста [Текст] / Г. Лазутина. – М., 2004. – 186 с.
73. Максимов, А. Лицо газеты [Текст]/ А. Максимов // Газета: опыт, проблемы. – Лениздат., 1975. – С. 224-272.
74. Маҳкамов, Қ. Кӯш, то халқро ба кор оӣ [Матн] / Қ. Маҳкамов // Садои мардум. – 1991. – 1-5-уми январ.
75. Мёллер, К. Ахбори имрӯза иҷтимоӣ аст [Матн] / К. Мёллер // Роҳнамои расонаҳои иҷтимоӣ. – Вена, 2015. – С. 8-14.
76. Мирзоалӣ, С. Равзанаи иттилоотӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2007. – 67 с.
77. Мирзоалӣ, С. Хабар: аз Машриқ ба Мағриб [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2009. – 195 с.
78. Мирсаидов, У. Аввалин рӯзномаи миллат [Матн] / У. Мирсаидов // Садои мардум. – 1998. – 11-уми март.
79. Муқим, Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Сино, 2000. – 55 с.
80. Муқим, Ҷ. Ҳақиқат ва дурӯғ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Сино, 2000. – 47 с.
81. Муллоев, Ш.Б., Рахимов, А.А. Современная таджикская журналистика. Учебное пособие [Текст] / Ш.Б. Муллоев, А.А. Рахимов. – Душанбе, 2016. – 142 с.
82. Муродов, А.М. Ҷашн муборак, ҳамватан [Матн] / А.М. Муродов // Садои мардум. – 2012. – 4-уми январ.
83. Муродов, М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2001. – 146 с.
84. Муродов, М. Сотсиологияи журналистика [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 192 с.
85. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.

86. Муродов, М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 480 с.
87. Муродов, М. Омилҳои рушди матбуоти тоҷик дар замони истиқлол [Матн]/ М. Муродов. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 5-35.
88. Муртазо, Б. Вопасин умеди растагорӣ [Матн]/ Б. Муртазо // Нурофарин. – Душанбе: Адиб, 2022. – С. 3-16.
89. Муртазо, Б. Фарзанди покҷавҳари халқ [Матн] / Б. Муртазо // Ӯро як рӯз пеш аз маргаш куштанд. – Душанбе, 2015. – С. 27-31.
90. Мӯсавӣ, Б. Ранг ва график дар матбуот [Матн] / Б. Мӯсавӣ // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 182-188.
91. Муътамадинажод, К. Рӯзноманигорӣ [Матн] / К. Муътамадинажод. – Теҳрон: Маркази нашри Сипар, 1368. – 186 с.
92. Муҳаммад , М. Орзуе, ки ба хок рафт [Матн] / М. Муҳаммад // Ӯро як рӯз пеш аз маргаш куштанд. – Душанбе, 2015. – С. 49-54.
93. Набавӣ, А. Нашрияҳои Беҳбудӣ ва тавсеаи суннатҳои рӯзноманигории тоҷик [Матн] / А. Набавӣ // Вожаномаи матбуоти Тоҷикистон. Фаслномаи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2007. – № 17. – С. 12-18.
94. Набавӣ, А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 64 с.
95. Набавӣ, А. «Бухорои шариф» – сароғози матбуоти миллӣ [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 182 с.
96. Назруллоев, Ҳ. Шукрона ё худ дотоне хурд аз рӯзгори як раҳнаварди роҳи маърифат [Матн] / Ҳ. Назруллоев // Садои мардум. – 2008. – 4-уми март.
97. Некқадам, Т. Чун ҳунар доим ҷавонӣ [Матн] / Т. Некқадам // Садои мардум. – 2002. – 16-уми октябр.
98. Некқадам, Т. Сафои бахт биёр, аз барои мардуми мо [Матн] / Т. Некқадам // Тоҷикистон. – 2022. – № 3-4. – С. 17-21.

99. Нигрин, Р. Хабар ва таҳияи хабар [Матн] / Р. Нигрин // Рӯзномаи ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 25-42.
100. Нуралиев. А. Жанрҳои ахбории матбуот (Васоити таълимӣ) [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 146 с.
101. Нуралиев, А. Развитие информационных жанров журналистики в открытом обществе [Текст] / А. Нуралиев // Актуальные проблемы журналистики. Сборник научных статьей. –Душанбе, 2013. – С. 34-49.
102. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев, А, Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 176 с.
103. Панфилов, О. Таджикистан: Журналисти на гражданской войне (1992–1997) [Текст] / О. Панфилов. – М., 2005. – 180 с.
104. Пелт, В.Д. Информация в газете [Текст] / В.Д. Пелт. – М., 1980. – 158 с.
105. Попов, В.В., Гуревич, С.М. Производство и оформления газеты [Текст] / В.В. Попов, С.М. Гуревич. – М.: МГУ, 1977. – 180 с.
106. Пронин, Е.И. Печать и общественное мнение [Текст] / Е.И. Пронин. – М.: Издательство Московского университета, 1971. – 132 с.
107. Прохоров, Е.П. Эпистолярная публицистика [Текст] / Е.П. Прохоров. – М.: Издательство Московскрго университета, 1966. – 60 с.
108. Прохоров, Е.П. Публицистика и действительность [Текст] / Е.П. Прохоров. – М.: Издательство Московского университета, 1973. – 317 с.
109. Раҳмон, Э. Ба ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум» [Матн] / Э. Раҳмон // Садои мардум. – 2001. – 27-уми июн.
110. Раҳмон, Э. Воситаҳои афкори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд [Матн] / Э. Раҳмон // Садои мардум. – 2012. – 13-уми март.
111. «Рӯзноманигорони «Садои мардум» асосгузорони журналистикаи муосири тоҷиканд». Мусоҳиба бо нахустин котиби масъул, собиқ ҷонишини сармуҳаррири «Садои мардум», роҳбари медиа-холдинги «Оила» Шариф

Ҳамдампур. Мусоҳиб: Шариф Атобуллоев [Матн] // Садои мардум. – 2021. – 27-уми июл.

112. Саъдулло, А., Гулмурод, П. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] / А. Саъдулло, П. Гулмурод. – Душанбе, 1994. – 60 с.
113. Саъдуллоев, А., Гулов, С. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 1997. – 48 с.
114. Саъдуллоев, А. Саҳифабандӣ ва чопи газета [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 168 с.
115. Сафаров, Х. Стилистическое особенности заголовка в газете [Текст]/ Х. Сафаров. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 180 с.
116. Симонов, А. Температура гласности – 2000. Заметки, статьи, интервью, письма [Текст]/ А. Симонов. – М.: Сашко, 2001. – 157 с.
117. Себаковский, С.Я. «Новая журналистика» в США: за и против [Текст] / С.Я. Себаковский // Писатель и жизнь. Сборник историко-литературных, теоретических и практических статьей. – М.: Советский писатель, 1981. – С. 260–283.
118. Султонов, М. Периодическая печать независимая Таджикистана. Учебное пособие [Текст] / М. Султонов. – Душанбе: Деваштич, 2010. – 125 с.
119. Табашников, И.И. Тарҳрезӣ ва саҳифабандии газета дар асоси ҷадвал [Матн] / И.И. Табашников. – Душанбе: Матбааи байнидонишгоҳӣ, 1982. – 9 с.
120. Тертичный, А.А. Жанры периодической печаты: Учеб. пособие для студентов вузов [Текст] / А.А. Тертичный. 3–е изд., испр, и доп. – М.: Аспект Пресс, 2006. – 320 с.
121. Туре, Б. Взгляд на информацию в «третем мире» [Текст] / Б. Туре. – Дакар, 1990. – 166 с.
122. Усмонов, И. Назарияи публитсистика [Матн]/ И. Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.
123. Усмонов, И. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2003. – 64 с.

124. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
125. Усмонов, И.К. Журналистика. Ҷилди 3 [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе: 2008. – 448 с.
126. Усмонов, И. Журналистика. Ҷилди 4 [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 473 с.
127. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.
128. Усмонова, Н., Маликов, И. Истиқлолият ва рушди ВАО-и Тоҷикистон [Матн] / Н. Усмонова, И. Маликов // Журналистика ва замони муосир (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Барориши 4. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 15-21.
129. Угрюмов, В.Б. Еженедельник производственного объединения: типологическое черты [Текст] / В.Б. Угрюмов // Журналистика. Пресса. Аудитория. Випуск 4. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1991. – С. 72-82.
130. Ученова, В.В. Творческие горизонты журналистики [Текст] / В.В. Ученова. – М.: МГУ, 1976. – 204 с.
131. Ученова, В.В. Гносеологические проблемы публитисистики [Текст] / В.В. Ученова. – М.: МГУ, 1991. – 72 с.
132. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии Воситаҳои ахбори омма» [Матн] / Равшангари афкори ҷомеа. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 4-5.
133. Хайдорн, Н. Политический образ как репрезентант политической ситуации в газете: его формирование и эволюция [Текст] / Н. Хайдорн // Журналист. Пресса. Аудитория. Межвузовский сборик. Под редакции проф. И.П. Лисаковой, проф. Ю.Н. Солнина. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1991. – С. 97-105.

134. Хишти аввали «Садои мардум». Мусоҳибаи Мухтори Абдуллоҳ бо Додоҷон Раҷабӣ [Матн] // Садои мардум. – 2001. – 4-уми январ.
135. Хушкадамова, Х. Образ женщин в современной таджикской журналистике [Текст] / Х. Хушкадамова. – Душанбе: Шарқи озод, 2006. – 264 с.
136. Ҳамдампур, Ш. Ӯро як рӯз пеш аз маргаш куштанд [Матн] / Ш. Ҳамдампур // Ӯро як рӯз пеш аз маргаш куштанд. – Душанбе, 2015. – С. 11-15.
137. Ҳосман, К. Бӯҳрон ва виҷдон: «Ахлоқи рӯзноманигорӣ» [Матн] / К. Ҳосман. – Теҳрон: Дафтари мутолиот ва тавсеаи расонаҳо, 1388. – 188 с.
138. Черепахов, М.С. О приметах жанров [Текст]/ М.С. Черепахов // Вестник Московского университета, ист.-филологич. серия. – 1959 – № 1. – С. 67-72.
139. Шариатпаноҳӣ, Ҳ. Мусоҳибаи матбуотӣ [Матн] / Ҳ. Шариатпаноҳӣ // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 165-174.
140. Шарифзода, Қ. Фазилати раҳбарии Шерализода / Қ. Шарифзода / Ӯро як рӯз пеш аз маргаш куштанд. – Душанбе, 2015. – С. 49-54.
141. Шарифзода, К. Тенденция развития журналистика в суверенном Таджикистане [Текст] / К. Шарифзода // Мушкилоти озодии сухан (Маҷмуаи мақолаҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 53-79.
142. Шарифзода, Қ. Таҷлили 10-солагии рӯзнома [Матн] / Қ. Шарифзода // Садои мардум. – 2001. – 27-уми июл.
143. Шарифзода, Қ. Газета (Рӯзнома) аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он. Дастури таълимӣ, Қисми 1 [Матн] / Қ. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 104 с.
144. Шерализода, М. Сухане чанд ба ҳаводорони рӯзнома [Матн] / М. Шерализода // Садои мардум. – 1991. – 1-5-уми январ.

145. Шитсал, А.Г. Русский типографический шрифт. Вопроси истории и практики применения [Текст] / А.Г. Шитсал. – М., 1974. – 248 с.
146. Шукрхоҳ, Ю. Хабар [Матн] / Ю. Шукрхоҳ. – Теҳрон: Маркази мутолиот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1374. – 163 с.
147. Шукрхоҳ, Ю. Авомили муассири баргузиниши ахбори хориҷӣ [Матн] / Ю. Шукрхоҳ // Рӯзноманигории Ҳирфаӣ (Маҷмуаи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ. – Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази мутолеот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1381. – С. 76-85.
148. Шукуров, М. Тадқиқи бадеӣ ва ҷанбаи публитсистӣ [Матн] / М. Шукуров // Мактаби одамият: Баъзе масъалаҳои адабиёт ва маънавият. – Душанбе: Адиб, 1991. – С. 73-91.

## II. Манбаъ:

149. Абдулвоҳидов, Б. Баҳори умр [Матн] / Б. Абдулвоҳидов // Садои мардум. – 1992. – 21-уми октябр.
150. Абдулвоҳидов, Б. Саховати марди ҳалолкор [Матн] / Б. Абдулвоҳидов // Садои мардум. – 1993. – 28-уми март.
151. Абдулвоҳидов, Б. Фатҳи коинот шарт нест [Матн] / Б. Абдулвоҳидов // Садои мардум. – 1991. – 5-уми ноябр.
152. Абдулвоҳидов, Б. Мусофири роҳи ҳақиқат [Матн] / Б. Абдулвоҳидов // Садои мардум. – 1997. – 26-уми июл.
153. Абдулло, Д. Баҳри рушди минбаъдаи бонк кӯшиш хоҳем кард [Матн] / Д. Абдулло // Садои мардум. – 2010. – 17-уми август.
154. Абдулло, Д. Мазраи сабз [Матн] / Д. Абдулло // Садои мардум. – 2023. – 25-уми январ.
155. «Аз паи беҳбуди зиндагии мардумем». Мусоҳибаи хабарнигори «Садои мардум» Муҳаммадшарифи Бобошоҳ бо вазири савдою захираҳои моддии Тоҷикистон Ҳ.Ҳ. Солиев [Матн] // Садои мардум. – 1992. – 25-уми июл.

156. Аз робитаҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Қатар қаноатмандем. Мусоҳибаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рӯзномаи «Аш-Шарқ»-и Давлат Қатар [Матн] // Садои мардум. – 2021. – 9-уми январ.
157. Азизов, А. Президент Эмомалӣ Раҳмон ва масъалаҳои глобалии об [Матн] // Садои мардум. – 2010. – 16-уми август.
158. Асозода, С., Назар, В. Соҳибдиле саршор аз фарёди ишқ [Матн] / С. Асозода, В. Назар // Садои мардум. – 2022. – 10-уми май.
159. Афардӣ, С.Р. Фарёди рангҳо [Матн] / С.Р. Афардӣ // Садои мардум. – 1995. – 4-уми феврал.
160. Гулистон. Зарраи меҳр [Матн] / Гулистон // Садои мардум. – 1994. – 6-уми март.
161. Иноятов, Н. Шакли нави хоҷагӣ манфиат овард [Матн] / Н. Иноятов // Садои мардум. – 1998. – 11-уми март.
162. Каримов, А. Хат ва забон [Матн] / А. Каримов // Садои мардум. – 1993. – 21-уми июл.
163. Клетскин, Ю. Оқибати мавқеи бетарафӣ [Матн] / Ю. Клетскин // Садои мардум. – 1992. – 24-уми июл.
164. Меррем, Г. Пешомадҳои ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва нақши Созмони Милали Муттаҳид [Матн]/ Г. Меррем // Садои мардум. – 1999. – 4-уми март.
165. Мирзо, Д. Писари раис [Матн] / Д. Мирзо // Садои мардум. – 2022. – 5-уми июл.
166. Мирхоҷа, А. Дар хусуси вазъияти Бадахшон [Матн] / А. Мирхоҷа // Садои мардум. – 11-уми январ.
167. Мисаидов, Ӯ. Нахустин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон [Матн] / У. Мирсаидов // Садои мардум. – 1998. – 11-уми март.
168. Мулоқоти роҳбарияти Шуравӣ бо журналистон [Матн] // Садои мардум. – 1991. – 21-уми август.
169. Муртазо, Б. Чароғи равшани устод [Матн] / Б. Муртазо // Садои мардум. – 1995. – 3–уми июн.

170. Набавӣ, А. Таърихи як тақриз [Матн] / А. Набавӣ // Садои мардум. – 1998. – 11-уми март.
171. Назрулло, Ҳ. Айб дар ош аст ё дар мош? [Матн] / Ҳ. Назрулло // Садои мардум. – 2005. – 22-юми ноябр.
172. Нарезам қимати лафзи дариро. Мусоҳибаи Тиллои Неккадам бо раиси бахши Бунёди забонҳои вилояти Кӯҳистони Бадахшон Бахтибек Асалбеков [Матн] // Садои мардум. – 1993. – 21-уми июл.
173. Нурзода, Н. Омезиши дин ва сиёсат–омили тавсеаи ифротгароии динӣ [Матн] / Н. Нурзода // Садои мардум. – 2017. – 31-уми январ.
174. Раҷабзода, Ш. Занги ёдҳо [Матн] / Ш. Раҷабзода // Садои мардум. – 1021. – 14-уми январ.
175. Раҷабов, С. Дунявият иродаи халқ аст [Матн] / С. Раҷабов // Садои мардум. – 1999. – 5-уми март.
176. Рустам, Ғ. Навои рӯзгор [Матн] / Ғ. Рустам // Садои мардум. – 1996. – 29-уми июн.
177. Рустамзода, М. Марзбони марзи ҳарфу сухан [Матн] / М. Рустамзода // Садои мардум. – 2022. – 26-уми май.
178. Сабурона меҳнат намоем, мушкилиҳо мегузаранд, – мегӯяд Раиси шаҳри Хоруғ Ҷумъахон Зарифхонов. Таҳияи Муҳиддини Шоҳинбод [Матн] // Садои мардум. – 1996. – 13-уми январ.
179. Самад, А. Бо дилу дасти пок [Матн] / А. Самад // Садои мардум. – 1995. – 18-уми март.
180. Соли 2022 барои Тоҷикистон хотирмону таърихӣ буд. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии Соли нави милодии 2023 [Матн] // Садои мардум. – 2023. – 2-юми январ.
181. Сӯхтани мо баҳри сохтан аст. Мусоҳибаи хабарнигори «Садои мардум» бо вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобохон Маҳмадов [Матн] // Садои мардум. – 1999. – 11-уми март.

182. Табаров, С. Ҳамқадами замон. Аз фаъолияти журналистии Бобоҷон Ғафуров [Матн] / С. Табаров // Садои мардум. 1998. – 4-уми март.
183. Телевизиони Кӯлоб ҳамқадами ҷашнҳост. Мусоҳибаи Б. Абдулвоҳидов бо директори телевизионни Кӯлоб С. Эргашев [Матн] // Садои мардум. – 2006. – 4-уми апрел
184. Тоҳиров, С., Бобиев, Х. Бухрони об ва истифодаи «дарёи фазоӣ» [Матн] / С. Тоҳиров, Х. Бобиев // Садои мардум. – 2003. – 28-уми август.
185. Файзалӣ, Т. Модаре, ки қаҳрамони меҳнат аст [Матн] / Т. Файзалӣ // Садои мардум. – 2012. – 8-уми март.
186. Холиқов, А. Тамаддуни ҳуқуқии ориёӣ ва худшиносии миллии тоҷикон [Матн] / А. Холиқов // Садои мардум. 2006. – 20-уми май.
187. Ҳалимшо, С. Миллати созанда ё сӯзанда? [Матн] / С. Ҳалимшо // Садои мардум. – 1991. – 3-уми январ.
188. Шарифов, Х. Улуғзода дар «Боғи ятим» [Матн] / Х. Шарифов // Садои мардум. – 1995. – 8, 12 ва 15-уми июн.
189. Шаҳзод, П. Зане аз диёри нур [Матн] / П. Шаҳзод // Садои мардум. – 2023. – 7-уми март.
190. Шоҳзода, А. Дар зодрӯзи «Садои мардум» [Матн] / А. Шоҳзода // Садои мардум. – 1991. – 1 – 5 - уми январ.
191. Шоҳқосимов, Ш. Ҳофизи ваҳдатсаро [Матн] / Ш. Шоҳқосимов // Садои мардум. – 2010. – 21-уми август.
192. Шоҳқосимов, Ш. «Найрӯд»-ро Майсан машҳури ҷаҳон кард [Матн] / Ш. Шоҳқосимов // Садои мардум. – 2010. – 14-уми сентябр.

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Султонов, М. Омилҳои пайдоиш ва ташаккули рӯзномаи «Садои мардум» [Матн] / М. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №3. – С. 255-261.

[2-М]. Муродӣ, М., Султонов, М. Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар жанрҳои хабар ва мусоҳиба (дар мисоли маводи рӯзномаи «Садои мардум») [Матн] / М. Муродӣ, М. Султонов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2024. – №3 (67). – С. 89-100.

[3-М]. Султонов, М. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» (дар мисоли мухбирнома ва табсира) [Матн] / М. Султонов // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе, 2024. – №3 (11). – С. 175-185.

[4-М]. Султонов, М. Доир ба се марҳалаи инкишофи рӯзномаи «Садои мардум» [Матн] / М. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №7.– С. 316-322.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Султонов, М. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» [Матн] / М. Султонов // Сборник материалов Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Душанбе: РТСУ, 24 ноября 2024). – Душанбе, 2024. – С. 177-183.

[6-М]. Султонов, М. Вижагиҳои омӯзиши забон дар жанрҳои мусоҳиба (дар мисоли рӯзномаи «Садои мардум») [Матн] / М. Султонов // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции «Перспективные направления развития методики обучения русскому языку как неродному и иностранному» (Душанбе: РТСУ, 28 ноября 2024). – Душанбе, 2024. – С. 96-102.